ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

# АНВОРИ ДОНИШ





E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.kgu.tj №14 (296) 30-юми октябри соли 2019, чоршанбе (оғози нашр: соли 1994)

## ЗАМИРА-ШОҲМОТБОЗИ № 1-УМ!



Санаи 6-уми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусобиқаи шаҳри Кӯлоб оид ба "Шоҳмот" барои варзишгарони аз 12-сола то 20-сола барои дарёфти "Ҷоми Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи донишгоҳ Азимова Замира иштирок намуда, соҳиби ҷойи 1-ум шуд ва бо тӯҳфаву ифтихорнома қадрдонӣ гардид.

Инчунин, Замира дар марҳилаи сеюми мусобиқаи интихобӣ оид ба "Шоҳмот" барои дарёфти "Ҷоми Пешвои миллат" ки дар шаҳри Кӯлоб санаи 22-юми сентябр баргузор гардид, ҷойи 1-умро ишғол намуда, соҳиби ҷом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ гардиданд.

Маъмурият, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ Замираро ба хотири ин муваффақияташон табрику таҳният гуфта, ба эшон зиндагии осуда ва комгориҳои нав ба навро таманно доранд!

### СОМОН МАҲМАДБЕКОВ - ҚАҲРАМОНИ ҶАҲОН ОИД БА ҶУДО МИЁНИ НАВҶАВОНОН



С. 2

### ХУДОЙДОДОВА: ИЛМ ДАР ОН ҲОЛАТЕ ХОР МЕШАВАД, КИ...



С. 9-10

### ҲИКОЯИ «ГАДОЙ»



С. 11

### ҶОНФИДОИ БАҚОИ МИЛЛАТ



С. 7

### МИНБАРИ ДОНИШҶӮ



С. 12-13

### ҚИССАИ ЯК МАКТУБИ ДАСТНАВИСИ ЛОИҚ



С. 4

### НОМАИ ПРЕЗИДЕНТИ СОБИҚИ АМРИКО БА ОМӮЗГОРИ ПИСАРАШ



С. 3

# СОМОН МАҲМАДБЕКОВ - ҚАҲРАМОНИ ҶАҲОН ОИД БА ҶУДО МИЁНИ НАВҶАВОНОН



Сомон Маҳмадбеков, гуштигири шинохтаи тоҷик, ки дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба ҷудо миёни навҷавонони то 21-сола дар Марокаш дар вазни то 73 кило ғолиб шуд, бо медали тило ва 2500 доллар сарфароз гашт.

Ин паҳлавони ҷавони тоҷик рӯзи 17-уми октябр баъд аз шикаст додани чаҳор рақибаш аз Кабо-Вердеи қораи Африқо, Қирғизистон, Белгия ва Италия ба даври ниманиҳоӣ роҳ ёфт. Вай дар нимфинал ба Самуэл Гасснер аз Австрия ғолиб омад ва ба финал баромад.

Гуштигири тоҷик дар қувваозмоии ниҳоӣ Георгий Елбакиевро аз Русия дар муддати 3 дақиқаю 42 сония шикаст дод ва ба унвони қаҳрамони ҷаҳон даст ёфт. Зимнан, Сомон Маҳмадбеков бар ҳамаи рақибонаш бо баҳогузории "иппон" пеш аз муҳлат дастболо шуд.

Сомон Маҳмадбеков дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба ҷудо миёни бузургсолон, ки аз 25-уми август то 1-уми сентябри имсол дар пойтахти Ҷопон - шаҳри Токио - доир гардид, дар вазни то 73 кило аз ҳафт қувваозмоӣ дар панҷтоаш ғолиб омада, дарду рақобат мағлуб шуд ва дар натиҷа ҷойи панҷумро касб намуд.

Ӯ соли 2017 дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба ҷудо миёни навҷавонони то 21-сола, ки дар шаҳри Загреби Хорватия доир гардид, дар вазни то 66 кило медали биринҷӣ ба даст оварда буд.

Сомон Маҳмадбеков, варзишгари тоҷики муқими Русия, феълан дар шаҳри Иркутск таҳти раҳбарии мураббиёнаш Эргаш ва Фотеҳ Маҳмадбековҳо тамрин мекунад. Ӯ ҳамеша дар мусобиқоти байналмилалӣ Тоҷикистонро намояндагӣ мекунад.

Сомон Маҳмадбеков феълан дар раддабандии ҷаҳонӣ бо 1844 имтиёз дар ҷойи 31-ум қарор дорад. Вай мавқеашро дар раддабандии олимпӣ низ хеле беҳтар кард ва бо 1366 имтиёз дар ҷойи 22-юм мебошад.

Дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон оид ба ҷудо миёни навҷавонони то 21-сола дар Марокаш дар вазни то 73 кило рӯзи панҷшанбе боз як гуштигири тоҷик - Қоим Шукронов - ширкат дошт. Вале ӯ дар даври аввал аз Сандро Чаладзе аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шикаст хӯрд.

Ду варзишгари тоҷик - Ҷамолиддин Абдуллоев ва Идибек Сафаров - дар рӯзи аввали мусобиқот - 16-уми октябр - дар вазни то 66 кило ворди рақобатҳо шуданд. Ҷамолиддин пас аз ду пирӯзӣ бар рақибонаш Абдулалӣ Ҳакика (Марокаш) ва Артҷомс Галактионовс (Латвия), дар қувваозмоии севум аз Исмоил Мисиров (Русия) мағлуб гашт. Идибек бошад, дар даври аввал аз Иво Верҳорстерт (Нидерланд) ноком шуд.

Ба иттилои торнамои расмии Федератсиони байналмилалии ҷудо (IJF), дар мусобиқоти қаҳрамонии ҷаҳон миёни навҷавонони то 21-сола, ки дар Марокаш то 20-уми октябр идома меёбад, дар рақобатҳои инфиродӣ 517 варзишгар (294 мард ва 223 зан) аз 81 кишвар ширкат дорад.

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон шаш гуштигир шомил аст. Боз ду нафари дигар - Абубакри Акобир ва Эмомризо Анварзода (ҳарду дар вазни то 90 кг) - 18-уми октябр ба рақобат мепардозанд.

Мусобиқот аз рӯи 14 дараҷаи вазнҳо (7 вазн миёни мардон, 7 вазн миёни занонон) сурат гирифтааст, ҳамчунин қувваозмоии дастаҷии омехта доир мегардад.

Ғолибону ҷоизадорони мусобиқот ба ҷуз аз медалу диплом бо ҷоизаҳои молӣ қадрдонӣ мешаванд: ҷойи аввал - 2500 доллари ИМА, ҷойи дувум - 1500 доллар, ҷойҳои севум - 850-долларӣ.

Ғолибону ҷоизадорони қаҳрамонии ҷаҳон оид ба ҷудо миёни навҷавононро синашон то 21-сола

**Писарон**

Вазни то 60 кг - 1. СИМЕОНИДИС Константин (Русия) 2. ЮСУФОВ Аҳмад (Озарбойҷон) 3. СУЕМАТСУ Кен (Ҷопон) 3. ЮЛДУЗ Солеҳ (Туркия).

Вазни то 66 кг - 1. ЛИМА Виллиам (Бразилия) 2. ТАКЕОКА Такеши (Ҷопон) 3. АЛИЕВ Иброҳим (Озарбойҷон) 3. МАРЧЕЛИНО Михаэл (Бразилия).

Вазни то 73 кг - 1. МАҲМАДБЕКОВ Сомон (Тоҷикистон) 2. ЕЛБАКИЕВ Георгий (Русия) 3. МЕЛЛА Эдоардо (Италия) 3. СТЕРПУ Виктор (Молдова).

**Духтарон**

Вазни то 48 кг - 1. КОГА Вакана (Ҷопон) 2. БОУКЛИ Ширине (Фаронса) 3. ҶОН Су Сонг (Кореяи Шимолӣ) 3. СТОЯДИНОВ Андреа (Сербия).

Вазни то 52 кг - 1. ЛХАГВАСУРЕН Сосорбарам (Муғулистон) 2. ХСУ Лин Хсуан (Тайбейи Чин) 3. КАВАДА Аюми (Ҷопон) 3. ПИМЕНТА Ларисса (Бразилия).

Вазни то 57 кг - 1. ЛИПАРТАЛИАНИ Этери (Гурҷистон) 2. ҲАКАМАТА Канако (Ҷопон) 3. КОРНЕЛИСС Пиеуни (Нидерланд)

3. КИМ Ҷису (Кореяи Ҷанубӣ).

Баъди натиҷагирии ду рӯзи рақобатҳои инфиродӣ миёни мардону занон дар ҳисоби умумидастаӣ мунтахаби Ҷопон бо касби 6 медал (1 тилло, 2 нуқра ва 3 биринҷӣ) мақоми аввалро касб намудааст.

Мунтахаби Русия бо касби 2 медал (1 тилло ва 1 нуқра) дар ҷойи дувум ва мунтахаби Бразилия бо касби 3 медал (1 тилло ва 2 биринҷӣ) дар ҷойи севум мебошанд.

Муғулистон бо 1 медали тилло ва як ҷойи ҳафтум дар ҷойи чаҳорум аст. Гурҷистон, Маҷористон ва Тоҷикистон, ки яктоӣ медали тилло гирифтаанд, дар ҷойҳои панҷум қарор доранд.

*Нарзуллоҳи ЛАТИФ,*
*Радиои "Озодӣ"*



*Эмомназар* ПИРНАЗАРОВ,
*номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент,*
*мудири кафедраи сиёсатшиносӣ*

# НАҚШИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУБОРИЗА БО ТЕРРОРРИЗМ

Таърих гувоҳ аст, ки терроризм аз давраҳои хело қадим дар шаклҳои гуногун зуҳур намуда, то замони муосир доман паҳн намудааст. Падидаи сахт ва манфур ва хатарафзою номатлуби терроризм натанҳо боиси ташвишу нигаронихои халқеву миллате, балки сабабгори гуфтугӯҳои ҷиддии таҳлукаомез дар байни тамоми оламиён гардидааст. Террористон мехоҳанд нерӯи худро харҷи бештар таъсири пурра бубинанд ва барои ин афроди ноустувору роҳгумзадаро ба ҷонибдориашон ҷалб кардан мехоҳанд. Дар тамоми кишварҳои дунё ҷавонон ба сифати нерӯи пуриқтидори бунёдкор ва пешбарандаи ҷомеа шинохтаву эътироф шудаанд.

Мутаассифона, дар замони муосир гурӯҳҳои ифротӣ барои ноил шудан ба манфиатҳои ғаразноки худ ба қатлу куштори одамони бегуноҳ машғуланд. Баъзе ҷавонон бо сабаби надоштани дониши кофии динию дунявӣ ва паст будани мафкураи сиёсӣ фирефтаи ҳар гуна гурӯҳҳои террористиву ифротӣ мегарданд, ки як амали беандешаву бехирадона метавонад ҳаёти шахсро барбод диҳад.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ҷидду ҷаҳд ва талошҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубориза бар зидди терроризм баҳои баланд медиҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори эътирофшудаи асри XXI яке аз аввалинҳо шуда аз минбари баланди СММ дар мавриди паҳншавии хатари терроризм ва таҳдидҳои он ба оянда инсоният ибрози андеша намуданд, ки дурустии пешбиниҳои хушдорсозандаи Сарвари кишварамон исбот намуданд. Хусусан, амали террористие, ки 11-уми сентябри соли 2001 дар нерӯмандтарин кишвари дунё Амрико анҷом дода шуд. Дар ин мавриди ҳақ бар ҷониби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки гуфтааст: "Терроризм ватан, миллат ва марз надорад".

Мо дар замони хеле мураккабу пурихтилоф, дар замони талоши халқҳову давлатҳо бахри манфиатҳои худ, дар замони нерӯгирии раванди ҷаҳонишавӣ зиндагӣ дорем, ҳар лаҳзаву ҳар соат дар олам воқеаҳои пуртазод ба вуқӯъ мепайванданд.

Ҳеҷ як кишвари ҷаҳон, ҳатто давлатҳои абарқудрат аз хатару таҳдидҳои терроризм ва экстримизм эмин буда наметавонанд. Аммо вазъи печидаи ҷаҳони муосир, сиёсати ҷаҳонишавии давлатҳои абарқудрат, бархӯрди тамаддунҳо ва доман паҳн кардани терроризм аз ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳисси нангу номуси миллӣ, ифтихори ватандориро тақозо менамояд.

Моро мебояд, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллатро дастгирӣ намоем ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Раёсати Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.03.2019, №79 санаи 21 декабри соли 2019 конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявиро дар мавзӯи "Проблемаҳои муосири физикаи нимноқилҳо"доир менамояд.Конференсияи мазкур ба 80 - солагии устоди донишгоҳ, академик Каримов С.К. бахшида мешавад.

**САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КОНФЕРЕНСИЯ:**

- Хосиятҳои физикиву кимиёвии нимноқилҳо ва диэлектрикҳо;
- Нимноқилҳои моеъ ва аморфӣ;
- Ҷустуҷӯи материалҳои нави нимноқилии ҷавҳаронидашуда;
- Мушкилоти таълими физика дар муассасаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Забони Конференсия: тоҷикӣ ва русӣ.

Тарзи иштирок дар конференсия: мустақим (ҳузур доштан) ва ғоибона.

Маҷмӯаи мақолаҳои конференсия ба табъ мерасад. Маводе, ки дар маҷмӯаи мазкур ба нашр мерасад, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ ҷой дода мешавад.

Нашри маводи конференсия РОЙГОН аст.

**ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР КОНФЕРЕНСИЯ.**

Сарфу харҷи сафари иштирокчиён бар ӯҳдаи муассисае, ки онро намояндагӣ мекунад, мебошад.

Барои иштирок дар кори конференсия то 5-уми декабри соли 2019 ба Кумитаи тадорукот маводи зерин бояд пешниҳод шавад:

- мақола дар ҳаҷми 3-6 саҳифа дар шакли электронӣ, ки мазмуни он ба масъалаҳои баррасишавандаи конференсия мувофиқ бошад.

Мақолаҳо барои иштирок дар конференсия ба Кумитаи тадорукот ба нишонии электронии noib-ilm@kgu.tj фиристода мешаванд. Тасдиқи гирифтани мавод, интихоби он ва даъватномаи расмӣ ба воситаи нишонии электронӣ, ки мавод ба Кумитаи тадорукот ворид гардидааст, иттилоъ дода мешавад.

Ба муаллифонмаҷмӯаи мақолаҳои конференсия зимни баргузории он супорида мешавад. Мақолаҳое, ки пас аз муҳлати муқаррарнгардида ва бе риояи талаботи пешниҳодшуда фиристода шудаанд, баррасӣ намешаванд. Аз муаллифон эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки мақолаҳоро пас аз таҳрири ҷиддӣ ирсол намоянд.

**ҚОИДАҲОИ ПЕШНИҲОДИ МАҚОЛА:**

Формати мақола- А 4, андозаи ҳуруф 12 Times New Roman ё Times New Roman Tj, фосилаи байни сатрҳо - 1,0, ҳошияҳо аз ҳама тарафҳо - 2 см, бо риояи баробарии сатрҳо, фосилаи сархат (абзатс) - 1,0 см.

Аз тарафи рост - насаб ва ҳарфҳои аввали ном ва номи падари муаллиф(-муаллифон), номи муассиса (ташкилот) ва нишонии электронӣ (e-mail). Пас аз фосилаи яккарата - номи мақола аз мобайн бо ҳарфҳои калон.

Матни мақола бо риояи баробарии сатрҳо навишта мешавад. Номгӯйи адабиёти истифодашуда дар охири мақола аз рӯйи тартиби алифбо оварда шуда, аз матни асосӣ бо як сатри холӣҷудо мешавад. Овардани манбаи иқтибос дар поварақ мумкин нест, яъне ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [] нишон дода шавад. Намуна: [3, с.40]. Яъне адабиёти 3, саҳифаи 40.

Дар ҳолати ба мавзӯъҳои конференсия мутобиқат надоштани матн ва риоя нашудани талаботи мазкур кумитаи тадорукот ҳақ дорад мақоларо барои нашр тавсия надиҳад.

**Кумитаи тадорукот. Тел.: (8-33-22) 2-41-06, 918 90 63 65**

# НОМАИ ПРЕЗИДЕНТИ СОБИҚИ АМРИКО БА ОМӮЗГОРИ ПИСАРАШ



Ба писарам дарс бидиҳед! Ӯ бояд бидонад, ки ҳамаи мардум одил ва ҳамаи онҳо содиқ нестанд, аммо ба писарам биёмӯзед, ки дар баробари ҳар маккор инсони садоқатманде ҳам вуҷуд дорад. Ба ӯ бигӯед, ки дар баробари ҳар роҳбари худхоҳ сарвари ҷавонмарде ҳам ёфт мешавад. Медонам, ки вақт мегирад, аммо ба ӯ биомӯзед: агар бо кору заҳмати хеш як доллар косибӣ кунад, беҳтар аз он аст, ки ҷойе рӯи замин панҷ доллар биёбад. Ӯро аз орзу кардан барҳазар доред. Бо ӯ нақшу таъсири муҳимми хандиданро ёдовар шавед.

Агар метавонед, нақши муассири китоб дар зиндагиро омӯзиш диҳед. Ба ӯ бигӯед амиқ андеша кунад, ба паррандагони дар ҳоли парвоз дар дили осмон дақиқ шавад. Ба гулҳои даруни боғча ва занбурҳо, ки дар ҳаво парвоз мекунанд, дақиқ шавад.

Ба писарам биёмӯзед, ки дар мактаб беҳтар ин аст, ки ронда шавад, аммо бо риёкорӣ ба қабуле нарасад. Ба писарам ёд бидиҳед: бо мулоимҳо мулоим ва бо гарданкашон гарданкаш бошад. Ба ӯ бигӯед, ки ба ақоидаш имон дошта бошад, ҳатто агар ҳама бар хилофи ӯ ҳарф бизананд.

Ба писарам ёд бидиҳед, ки ҳама ҳарфҳоро бишнавад ва суханеро, ки ба назараш дуруст мерасад, интихоб кунад.

Арзишҳои зиндагиро ба писарам омӯзиш диҳед. Агар метавонед ба писарам ёд бидиҳед, ки дар авҷи андӯҳ табассум кунад, ба ӯ биомӯзонед, ки аз ашк рехтан хиҷолат накашад.

Ба ӯ бигӯед, ки таслими ҳаёҳу нашавад ва агар худро барҳақ медонад, пайи суханаш биистад ва бо тамоми қувва биҷангад.

Дар кори тадрис ба писарам мулоимат ба харҷ диҳед, аммо аз ӯ як нозпарварда насозед. Бигзоред, ки ӯ шуҷоъ бошад, ба ӯ биомӯзед, ки ба мардум эътиқод дошта бошад.

Хоҳишҳо зиёданд, аммо бубинед, ки чӣ метавонед бикунед, писарам кӯдаки камсоли бисёр хуб аст...

***Авраам Линколн,***
***Президенти 16-уми ИМА***

# ДУ ҲИКМАТ

## НЕКӢ КАРДАН

Донишманде буд, ки пайравону шогирдони зиёде дошт. Дар миёни онҳо марде низ буд, ки номашро касе намедонист. Ӯ каме содалавҳ буд. Рӯзе он мард хизматгори худро ба назди устод фиристода, ӯро ба зиёфат даъват намуд.

- Меҳоҳам устод тамъи биринҷи обпаз ва шавлаи ҷавини маро бичашад, - гуфт мард ба хизматгор.

Донишманд, ки чунин таомҳоро дӯст медошт, ин таклифро пазируфт ва ба хонаи он мард ба меҳмонӣ рафт. Он ҷо рӯи дастархон як табақ аз чунин таоми бо биринҷу ҷав омодашударо гузоштанд. Мард ягон навъи хӯриши иловагӣ наоварда.

Донишманд, ки одатан хеле шикастанафс буд, дар дил андешид: "Наход, ин мард ягон навъи хӯриш надошта бошад?", аммо барои суол додан фурсат пайдо нашуд, чун аллакай ин шавларо бо иштиҳо меҳӯрд. Марди соҳибхона дар рӯ ба рӯи меҳмон нишаста, охири зиёфатро мунтазир буд. Вақте донишманд сер шуд, аз ҷо бархоста, оҳанги рафтан намуд, вале мард ӯро аз роҳ боздошта пурсид:

- Устод, ман шуморо бо шавла зиёфат додам, аммо шумо ба ман ҳатто як сухани миннатдорӣ нагуфтед. Магар ин аз рӯи инсоф аст?

- Шумо маро барои хӯрдани таоми худ даъват намудед, на барои он, ки ман ба шумо изҳори миннатдорӣ намоям, - гуфт дар ҷавоб донишманд ва зуд аз хона бадар рафт.

Мард аз ин сухани донишманд ранҷиду қарор дод, ки ягон вақт ӯро дар хиҷолат хоҳад гузошт.

Рӯзе мард бо чунин андешаҳо дар хонааш нишаста буд, ки ин замон донишманд ба хонаи ӯ ворид шудаву нидо кард:

- Дар берун борони сел меборад. Хоҳишмандам, ба ман як чатр ва як ҷуфт пойафзол бидиҳед.

Мард хушҳол шуд, ки оқибат он лаҳзаи мувофиқ фаро расид ва чизеро, ки донишманд талаб карда буд, барояш дод. Мард бовар дошт, ки ин дафъа ӯ суханони миннатдориро аз донишманд ҳатман мешунавад, аммо ин дафъа низ донишманд чизе нагуфта, зуд баромада рафт. Ва баъди чанд муддат чизҳои гирифтаашро бо дасти як шогирдаш пас гардонд.

Баъди чанд рӯз донишманд бо он мард вохӯрд. Мард сухanро аз дур оғоз намуд:

- Он рӯзе, ки дар зери борон мондед, рӯзи хуб набуд, ҳамин тавр не?

- Бале. Умедворам, шогирди ман чизҳои шуморо сари вақт баргардонд.

- Албатта, баргардонд. Ман аз рафтори шумо хеле хушҳол шудам, - гуфт мард ва ҳис кард, ки аллакай ӯ беихтиёр ба донишманд изҳори сипос карда истодааст.

Донишманд ба ӯ нигариста, табассум мекард. Мард дигар тоқат карда натавониста, оқибат кафид:

- Устод, шумо тарбияи хуб надоштаед. Шумо ақаллан ба ман як даҳан "ташаккур" гуфта натавонистед.

- Агар ман ба шумо "ташаккур" бигӯям, бо ҳамин ман дар назди шумо қарзи худро адо менамоям, - оромона гуфт донишманд. - Ман дар дил аз шумо хеле миннатдорам ва ҳаргиз некиҳои шуморо аз ёд намебарорам. Вақте шахс ба ивази некиаш аз дигаре умеди сипосгузорӣ мекунад, пас, ин некӣ нест. Шумо набояд ба он умед бубандед, ки ҳатман шоҳиди хурсандии дигарон мешаведу аз онҳо таърифу таҳсин мешунавед. Кору аъмоли нек бояд худ аз худ ба шумо эҳсоси шодмонӣ бубахшанд ва вақте ба дигарон некӣ мекунеду кӯмаке мерасонед, шумо набояд мунтазири подоше бошед. Ин аст амали нек.

**Мантиқ:** Вақте шумо аз рӯи шуҳратпарастиву мағрурӣ ягон амали некеро анҷом медиҳед, пас, худро фиреб мекунед ва ҳамзамон ба иштибоҳ роҳ медиҳед. Баъзе одамон тамаъкору чашмгуруснаанд ва ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки ба ивази кори худ подоше бигиранд. Шахсе, ки накӯкориро аз шавқу ҳавас фарқ намекунад, дар шинохти одамон низ сахт хато мекунад. Агар шумо ба хотири манфиати шахсӣ ба касе некӣ мекунед, пас, хато мекунед. Агар шумо бо ҳар як амали худ кӯшиш кунед, то ба дигарон кӯмаке намоед, ҳаргиз ноумед ва пушаймон нахоҳед шуд.

*(Манбаъ: Рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон")*

## МУБОРИЗА ВА ПИРӮЗӢ

Як мардро нобарориҳо дунболагирӣ мекарданд ва ӯ соли 1831 касод шуд. Дар интихоботи соли 1835 номзадии ӯ нагузашт. Арӯси вай соли 1835 вафот кард. Соли 1836 кандашавии асабҳоро дар худ гузаронид, дар интихоботи Парламентҳои соли 1843, 1846, 1848 ва 1855 бой дод. Умеди витсепрезидент шудани ӯ соли 1856 бошад, тасдиқ нашуд ва соли 1858 интихоботро дар сенат бой дод.

Ин мард Авраам Линколн ном дошт ва ӯ соли 1860 Президенти Иёлоти Муттҳидаи Амрико интихоб шуд.

**Мантиқ:** Он касе бой медиҳад, ки мубориза бас мекунад. Барои бойдода ҳаёт қабристони истифоданабурдаи имкониятҳо мегардад. Одами пурзӯр ҳамаи имкониятҳои пешниҳодшударо истифода мебарад ва ҳатто навашро месозад.

***Таҳияи***
***Ҷаҳонгир РУСТАМШО***

# • Шеъри рӯз



*Давлат САФАР*

## ДЕҲАИ МАН

***Аз паси равзанаи хотира диданҳоям,***
***Аз паси подаи қишлоқ давиданҳоям,***
***Сар- сари ёла натарсида париданҳоям,***
***Ғӯш нокарда садоҳову ҷаҳиданҳоям.***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт.***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***
***Ҷилваи духтари ҳамсоя аҷаб ширин буд,***
***Даву този мани саргарм аз ӯ ширинтар.***
***Тути пайвандии бедонаи даргоҳи падар***
***Ба ҳамин силсилаи давр бишуд шаҳду шакар.***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт ,***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***
***Ба ҳама ҷамъу парешаш ба хати дафтари умр***
***Ғӯштаи сабзу ману досу алаф иншоем,***
***Тифлии саркашу осудагии танҳоям***
***Ду муҳитест, ки ҳар фосила бепарвоем.***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***
***Омадам шаҳру хаёлам ба диёрам банд аст,***
***Кӯдакӣ аз паси ман омада раҳ гум кардааст.***
***Ё ки Юсуф шуду дар чоҳи фаромӯшӣ монд,***
***Ҳар чи бошад, ба мани зор ҳама ин дард аст.***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***
***Субҳ мехезаму бар пушти дарам менигарам,***
***Кӯдакиям шояд дар паси дар омадааст?***
***Лек метарсам аз он ҳам, ки маро нашносад,***
***Ё ки бигрехта аз пеши падар омадааст?***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***
***Кӯдакиро дами ҳар шому саҳар мекобам,***
***Ку бубинам, ба сараш тоқии бахмал дорад?***
***Ку бубинам, ки сару рӯи харошидаи ӯ***
***Чӣ нишоне зи ҳамон пайраҳаву тал дорад?***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***
***Кӯдакиҳои маро ҳарки бубинад, гӯяд:***
***Шаҳр ҷои дигаре ҳаст, ту дар деҳа бимон.***
***Интизори мани гумгаштаи шаҳрӣ нашавад,***
***Ёфтан гумшударо ҳеҷ набошад осон.***
***Лаззати кӯдакию деҳаи ман буду гузашт,***
***Оби ҷӯ буд магар он, ки дигарбора нагашт?!***

# ДУРДОНАҲОИ БУЗУРГОН

Омӯхтану андеша накардан сарфи беҳудаи вақт аст, вале андеша кардану наомӯхтан оқибати бад дорад.

***Конфутсий***

ХХХХ

Он чизе, ки мегиред, имконият медиҳад, ки муддате зинда бимонед, аммо он чизе, ки медиҳед, барои ҳамчун шахси гиромӣ зиндагӣ карданатон кӯмак мекунад.

***Маҳатма Гандӣ***

ХХХХ

Маҳалле, ки барои аз он гузаштан хоҳиш надоред, дар он роҳ низ нест.

***Б. Шоу***

ХХХХ

Пул он касонеро дӯст медорад, ки қонунҳои маъмулии ҷамъ кардани онро медонанд.

***Д. Клейсон***

ХХХХ

Васвасаи дунё шабеҳи оби баҳр аст: ҳар қадаре, ки одам аз ин об бисёр нӯшад, ҳамон қадар бештар ташна мешавад.

***Хирадманди Ҳинд***

ХХХХ

Ягон одам андозаи қуваашро, то замоне, ки онро истифода набарад, намедонад.

***И. Гёте***

ХХХХ

Шунавед - фаромӯш мекунед, бинед - ба хотир мегиред, амал кунед - мефаҳмед.

***Конфутсий***

ХХХХ

Танбал шахсе нест, ки кор намекунад, балки шахсе аст, ки нисбат ба имконияташ камтар кор мекунад.

***Суқрот***

*Ганҷро з ин пеш дар вайрона мекардам ниҳон,*
*Ин замон дар ганҷ пинҳон кардаам вайронаро.* Соиб



# ҚИССАИ ЯК МАКТУБИ ДАСТНАВИСИ ЛОИҚ



*Ёралӣ СОДИҚОВ,*
***номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик ва журналистика***

Аҳвол ва ашъори шоири шаҳири тоҷик Лоиқ Шералӣ ончунон маълуму маъруф аст, ки ба муаррифӣ эҳтиёҷ надорад. Ҳарчанд ки чунин аст, дил меҳоҳад, ки дар такя ба манбаъҳои дастрас барои хонандагони "Анвори дониш" чанд ҷумла гуфта шавад.

Дар китоби "Адибони Тоҷикистон" (Таҳияи Асрори Сомонӣ ва Маҷид Салим, Душанбе, "Адиб", 2014, саҳ. 119) чунин маълумоте омадааст: "Лоиқ Шералӣ 20-уми майи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент таваллуд ёфтааст. Баъди хатми мактаби ҳафтсолаи деҳа таҳсилро дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент идома додааст. Соли 1963 факултаи таърих филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ба номи С. Айнӣ)-ро хатм карда, солҳои 1963-1965 муҳаррири шӯъбаи адабиёт, мусиқӣ ва драмаи Кумитаи радиову телевизиони Тоҷикистон, 1965-1966 ходими адабии рӯзномаи "Комсомоли Тоҷикистон", 1967-1975 мудири шуъбаи назми маҷаллаи "Садои Шарқ", аз соли 1991 то рӯзҳои охири умраш раиси Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ будааст".

Адабиётшиноси маъруфи тоҷик профессор Абдунабӣ Сатторзода ба "Куллиёт"-и шоир (2001 ва 2008) муқаддимаи муфассалу муносибе навишта, таъкид кардааст: "Лоиқ касест, ки шеъри муосири тоҷикро ба асолати азалияш баргардонд. Вай дар ин роҳ кӯшишҳои нотамоми устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ ва Мрзо Турсунзодаро тамомӣ бахшид. Миёни шеъри кунунии тоҷикӣ ва осори мондагори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хаём, Ҳофиз, Саъдӣ, Мавлавӣ, Соиб, Калими Кошонӣ ва Бедил пуле эҷод кард, миёнҷӣ шуд" (нигаред ба: Лоиқ Шералӣ. Куллиёт, Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. Ашъор. -Душанбе, "Адиб", 2008, саҳ. 6).

Лоиқ Шералӣ аз солҳои донишҷӯӣ то муаллимӣ бо осори дилошӯбаш моро шефтаи худ медорад. Солҳое мо ҳам аз курси амалии "Хониши ифоданок" ба донишҷӯёни филологияи тоҷик дарс додаем. Шеърҳои "Ифтихор" ва "Нӯшбод"-и ӯро донишҷӯён ҳатман азёд мекарданд. Умуман, қиссаи ману Лоиқ аҷиб ва омӯзанда аст, вале ҳоло ҷояш нест.

Акнун ба ваъдаи сарлавҳа бармегардам.

Соли 1985 бо маслиҳати адиби маъруфи бачагони тоҷик Убайд Раҷаб барои маҷаллаи "Садои Шарқ" мақолаи обзорие ваъда кардам. Он маслиҳат доданд, ки аз ин ҳол сармуҳаррир, ки Лоиқ Шералӣ буданд, огоҳ кардан лозим аст. Ман мактуби зеринро навиштам:

Ба сармуҳаррири журнали "Садои Шарқ" муҳтарам Лоиқ Шералӣ.

Муаллими азиз, баъди мутолиаи бароmadi шоир Убайд Раҷаб (он кас дар



Пленуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баромад карда, аз камфаъолиятии мунаққидони адабиёти бачагона норизоӣ карда буданд) ва мукотибаи минбаъда ба он кас ман ҳам ба сари ҳиммат омада, навиштани мақолаеро оид ба насри бачагона дар панҷсолаи ҷорӣ ба уҳда гирифтам. Дар мақола инкишофи мавзӯӣ ва жанрии наср мавриди таҳлил қарор хоҳад гирифт. Дар зимни ҳамин масъалаи риоя шудани хусусиятҳои хоси адабиёти бачагона, ки ба синну соли хонандагони он вобастагии қавӣ дорад ва шарти муҳими реализми асар аст, ба миён гузошта мешавад. Мақола дар ҳаҷми 15-20 саҳифаи чопи мошинка (дуинтервалӣ) на дертар аз 15-уми октябр ба дасти Шумо мерасад.

Аз Шумо илтимос дорам, ки дар ҳолати маъқул омадани ин маслиҳат, чопи онро ба плани кори журнал дохил намоед.

Ҷавоби Шуморо интизорам.

Бо саломи эҳтиром, Ёралӣ Содиқов, номзади илми филология, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Институти давлатии педагогии Кӯлоб.

30.07.1985, Кӯлоб

Мактуби ҷавобии Лоиқ Шералӣ дар шакли дастнависи худи он кас аст, ки қимати он барои ҳамаи мо баланд аст. Ҳоло ин мактуб дар бойгонии ман нигоҳ дошта мешавад. Устод Лоиқ Шералӣ ба ман чунин ҷавоб гардониданд.

Дӯсти азиз Ёралӣ Содиқов!

Пешниҳоди Шуморо дар хусуси мақолаатон қабул дорем. Шарт ин аст, ки мақола проблемавӣ бошад, вагарна дар 15-20 сафҳа ҷамъбаст кардани панҷ соли насри бачагонаи тоҷик душвор аст.

Мо аз моҳи октябр аллакай шумораҳои соли навро ба нақша мегирем ва мақолаи Шуморо низ дар назар хоҳем дошт.

Ҳиммат ёратон ва барор ба коратон!

Бо эҳтиром Лоиқ Шералӣ.

06.08.1985

# МУВАФФАҚИЯТ ВА ДАСТОВАРДҲОИ МРКИ




Маркази рушди касбият ва инноватсия дар асоси мактуби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.2016, таҳти №976 таъсис дода шудааст.

Самти фаъолияти марказ ҳамкорӣ бо ташкилоту муассисаҳо, кор бо волонтёрон, таҳия ва дар амал татбиқ намудани лоиҳаҳо мебошад.

Мақсади асосии марказ ҳамкорӣ бо корхонаву идораҳо ва омода намудани донишҷӯён ба талаботи онҳо аст.

Курс ва клубҳои омӯзишие, ки дар Маркази рушди касбият ва инноватсия таъсис дода шуда, мунтазам фаъолият мекунанд, инҳоянд:

- Курси "Компютерӣ"
- Клуби "Иқтисод"
- Клуби "Волонтёрон"
- Клуби "Мактаби Лидерӣ"
- Клуби мубоҳисавии "Пешсаф"
- Клуби "Барномасозӣ"
- Клуби "Кинотеатри хурд"
- Курси "Мактаби Бонкдорӣ"
- Клуби "Лоиҳанависон"
- Клуби "Мақоланависон"
- Курси "Иқтисоди Ҷаҳон"
- Курси "Бизнес-Нақша"
- Курсҳои тайёрӣ (тибқи ИМД)
- Курсҳои омӯзиши забонҳо

**ДАСТОВАРДҲОИ МАРКАЗ**

- Амалӣ намудани 10 лоиҳаи хурд аз тарафи Маркази рушди касбият бо ҷалби сармоягузорони дохилию ташкилотҳои ғайридавлатӣ.

- Ширкат варзидани мутахассисони марказ дар 12 конфронсҳои ҷумҳуриявӣ.

- Кадрдони намудани волонтёрони марказ бо сипосномаҳо барои корнамоӣ.

- Роҳнамоӣ беш аз 8 нафар донишҷӯ барои таҳсил дар хориҷи кишвар дар зинаи магистратура ва докторантура тибқи барномаҳои бурсиявии давлатӣ.

- Курси "Мактаби бонкдорӣ"-ро 20 нафар донишҷӯёни фаъоли факултаи молиявию иқтисодӣ хатм карда соҳиби сертификат гардиданд.

- Курси кӯтоҳмуддати "Компютерӣ"-ро 177 нафар донишҷӯ бо муваффақият хатм намуда соҳиби сертификат гардиданд. Инчунин ба суратҳисоби махсуси донишгоҳ маблаг дар ҳаҷми 13 680 сомонӣ ворид гардид.

- Дар Маркази омӯзиши забонҳои донишгоҳ тулӣ 4 моҳ 84 нафар шунаванда ҷалб гардида ба омӯзиш фаро гирифта шуданд, ки аз ҳисоби ин курс ба суратҳисоби донишгоҳ 21 100 сомонӣ ворид гардид.

- Дар Шуъбаи тайёрӣ 54 нафар шунаванда ба таҳсил фаро гирифта шуд, ки аз ҳисоби онҳо тақрибан 15 000 сомонӣ ба донишгоҳ ворид гардид.

- Дар маҷмӯъ аз ҳисоби шунавандагони курсҳои омӯзишии Маркази рушди касбият ба донишгоҳ маблаг дар ҳаҷми 49 780 сомонӣ фоида ба даст омад.

Тӯли ду соли таҳсил Маркази рушди касбият ва инноватсия ҷиҳати ба бозори меҳнат рақобатпазир намудани донишҷӯёни донишгоҳ корҳои зеринро (семинар-омӯзишҳо, курсу лоиҳаҳо) ташкил ва баргузор намудааст:

- Дар доираи клуби "Иқтисод" 12 семинар-омӯзишҳо гузаронида шуда дар маҷмӯъ 284 нафар донишҷӯ иштирок ва баромад намуданд.

- Дар доираи клуби волонтёронҳар ҳафта мунтазам воҳӯриҳо бо ихтиёриҳои марказ, ки тақрибан 32 нафарро ташкил медиҳанд гузаронида шуд.

- Дар доираи клуби "Мактаби Лидерӣ" 6 семинар-воҳӯриҳо гузаронидашуда дар умум 209 нафар донишҷӯ иштирок намуданд.

- Дар доираи клуби "Сарпарастони обҳои пок" семинари илмӣ-амалӣ бахшида ба "Даҳсолаи байналмилалии амал: Об барои рушди устувор" семинар ва фаҳмонидадиҳиҳо бо ёрии бештар аз 102 нафар донишҷӯёни донишгоҳ(волонтёрон) гузаронида шуд.

- Дар доираи клуби "Барномасозон" 3 семинар-омӯзишҳо гузаронидашуда дар умум 68 нафар донишҷӯ иштирок намуда лаёқат нишон доданд.

- Дар доираи клуби мубоҳисавии "Пешсаф" 3 семинар-омӯзиш бо иштироки 94 нафар донишҷӯ бо ҷалби тренерони беруна гузаронида шуд.

- Дар доираи курси кӯтоҳмуддати "Мактаби Бонкдорӣ" аз рӯи 12 мавзӯъ семинару омӯзишҳо гузаронида шуд, ки дар он 20 нафар донишҷӯ мунтазам иштирок намуда соҳиби дониши бонкдорӣ инчунин сертификат гардиданд.

- Дар доираи курси "Бизнес-накша" зери лоиҳаи "Занони сарвар" тули як ҳафта семинару тренинг баргузор кардашуда ба 20 нафар донишҷӯдухтарон тарзи омода намудани накшаи тиҷоратӣ омӯзонида шуд.

- Дар маҷмӯъ аз тарафи Маркази рушди касбият ва инноватсия дар ду соли сипаригардида 102 семинар-омӯзишҳо бо ҷалби зиёда 1036 нафар донишҷӯ ва омӯзгорони ҷавони донишгоҳ ҳар ҳафта мунтазам гузаронида шуд.

- Тули сол аз тарафи марказ таъмин намудани базаи моддию техникӣ ва интернети мунтазам барои донишҷӯён, омӯзгорон, унвонҷӯёну докторантони донишгоҳ ҷиҳати такмили дониш малака ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ барои рушди соҳаи таълим шароит фароҳам оварда шуд.

**ЛОИҲАҲОЕ,
ки аз тарафи Маркази рушди касбият пешниҳод кардашуда, амалӣ гардиданд:**

- Лоиҳаи курси омӯзишии "Мактаби Бонкдорӣ"
- Лоиҳаи амалии клуби "Сарпарастони обҳои пок"
- Лоиҳаи "Китобхонаи электронӣ"
- Лоиҳаи "Видеоҳои мултимедиявӣ"




- Лоиҳаи таблиғотии "Интихоби ман ДДК"
- Лоиҳаи курси омӯзишии "Иқтисоди ҷаҳон"
- Лоиҳаи клуби мубоҳисавии "Пешсаф"
- Лоиҳаи клуби омӯзишии "Иқтисод"
- Лоиҳаи курси омӯзишии "Тарзи навиштани лоиҳаи инноватсионӣ"
- Лоиҳаи курси омӯзишии "Тарзи омода намудани тестҳо" барои омӯзгорон.

***Насриддин МАҲМАДАЛИЕВ,
сардори МРКИ***

*Дар тарозуи қиёмат нест Соиб санг кам,*
*Ишқ дар як палла дорад Каъбаву бутхонаро.* Соиб



# ОЛИМИ ПУРБАРАКАТ ВА ИНСОНИ БОФАЗИЛАТ



*Зайнаб* САМАРИДДИНОВА,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
сардори Раёсати илм ва инноватсия

***Дар базми ишқ шамъи фурӯзон***
***муаллим аст,***
***Мардум чу пайкаранд, агар ҷон***
***муаллим аст.***
***Он богбони гулшани***
***андешаҳои жарф,***
***Парвардигори рӯҳи ҳакимон***
***муаллим аст.***

Агар ба таърих ва ташаккули миллати кӯҳанбунёду соҳибтамаддуни тоҷик назар афканем, мебинем, ки шахсиятҳои бузургро парваридаву барои хизмати ин мардум ҳадя кардааст. Ҳар як миллату халқиятро бо қишри зиёияш мешиносанд, зеро сухани ин одамон таъсирбахш ҳаст. Ба ин қишр олимон, омӯзгорон, шоирон, нависандагон ва ғайра дохил мешаванд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо олимони намоён хеле зиёданд, ки дар донишгоҳҳои гуногун кору фаъолият доранд ва ҳар яки онҳо дар самтҳои гуногуни илм шӯҳратёб гардидаанд. Дар тӯли собиқаи кории 29 солаам дар донишгоҳ дар ин давра ба як зумра олимони соҳаҳои мухталиф шинос шудам ва сабақи касби пуршарафи омӯзгорӣ ва зиндагиро аз онҳо аз бар намудаам.

Бо амри тақдир аз соли 1984 ба Институти педагогии шаҳри Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба факултаи физика ва математика дохил шудам. Аз фанҳои самти риёзӣ олимону омӯзгорони бомаърифату пуртаҷриба ва заковатманд ба мо таълим медоданд. Мо, донишҷӯён омӯзгорони дараҷаи илмидоштаро аз беунвонон фарқ намекардем. Дар таълиму тадриси фанҳо дараҷаи донишҳо дар як сатҳ қарор доштанд.

Дар факултаи мазкур яке аз олимони намоён ва сермаҳсули соҳаи математика, ки бо тинати пок, иродаи матин кору фаъолият менамуд, ин номзади илмҳои педагогӣ, дотсент (соли 1985) Шарифов Ҷумъа буд. Шиносоии ман бо ин марди хирадманду оқилу доно аз ҳамон солҳои донишҷӯӣ сарчашма мегирад, зеро декани факултаи физика ва математикаро ба ӯҳда доштанд. Устод бо як масъулияти хоса адои вазифа менамуданд. Он кас дар ин вазифаи сермаҳсули идоракунанда шахси ҷиддӣ, сахтгиру серталаб буданд. Дар ҳама мусобиқаҳои донишгоҳӣ ва факулта дар ҷойи аввал меистоданд. Ҳангоми дар курси сеюм таҳсил намуданам (соли 1987) устод ба докторантураи шаҳри Москва дохил шуда, дар он ҷо рисолаи докториашонро дифоъ намуданд. Баъд аз дифои рисолаи докторӣ ба донишкада омада, ба ҳайси мудири кафедраи алгебра, геометрия ва методикаи таълими он фаъолият намуданд.

Устод Шарифов Ҷумъа аз соли 2000 ба Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав ба кор гузаштанд, аммо бо Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ низ пайваста робитаи илмиро барқарор намуданд.

Ҳоло бо кӯмаку дастгирии ҳамаҷонибаи профессор Шарифов Ҷумъа дар донишгоҳ як зумра унвонҷӯёну аспирантон (Ниёзов Ҷ., Қаландарова М., Сироҷиддини Д., Парвинаи У., Лутфияи Ҷ.) ба тадқиқоти рисолаҳои илмӣ машғуланд.



Соли 2015 зери роҳбарии устод рисолаи илмиамро дар мавзӯи "Ташкили корҳои таълимӣ-тадқиқотии донишҷӯён дар шароити барномасозии таълим" ҳимоя намудам ва шахсияти устод низ аз наздик бароям шинос шуд. Устод ниҳоят инсони ҳалиму меҳрубон ва хоксор ҳастанд.

Устод ба унвонҷӯёну аспирантон ва докторнатони PhD оид ба масъалаҳои муҳими фанни методикаи таълими фанҳои махсус (математика, физика, информатика) рисолаи илмӣ барои тадқиқот бурдан вобаста намудааст, ки аксарии онҳо барои ҳалли мушкилоти дар ин самтҳо мавҷудбуда мусоидат хоҳад намуд.

Фарзанди фарзонаи миллат Шарифов Ҷумъа ҳама вақт моро дар ҷое бо хиради дониши воло, дар ҷои дигар бо ҳидояту панду насиҳат дар роҳи илм ва таълиму тарбияи ҷавонон роҳнамоӣ менамояд. Аз рӯи ҳар як банду қисматҳои кори илмиам устод Шарифов Ҷумъа таҳлили чуқур намуда, ба ман бевосита роҳи дурусти корро нишон медод. Мо тадқиқотчиён ҳамеша ниёз дорем ба донишу кордонии чунин олимони асил, ки моро дар роҳи пурпечутоби илм роҳбаладӣ ва маслиҳатҳои муфид медиҳанд. Агар китоби фаъолияти корӣ ва илмии ӯро сафҳагардон кунем, бисёр рангоранг аст, зеро ӯ дар рушди таърихи математика, методикаи таълими математика, геометрия ҳиссагузор аст. Шарифов Ҷумъа аз доираи тадқиқотҳои худ дар ин самт китобҳо, васоитҳои таълимӣ, илмӣ-методӣ таҳия ва нашр намудааст, ки имрӯзҳо дар макотиби олии ҷумҳурии азизамон амалӣ гашта истодаанд. Бузурге гуфтааст: "Шахсе, ки дар ҳақиқат арзандаи таърифу тавсиф аст, васф кардани ӯ ниҳоят душвор аст, зеро хислатҳои хуби ӯ зиёданд ва наметавон аз ҳар кадоми он сухан кард". Профессор Шарифов Ҷумъа аз зумраи ҳамин гуна инсонҳост.

Устод Шарифов Ҷумъа имсол ба синни мубораки 80 қадам мениҳанд. Аз ин рӯ, бо як таманнои саршор аз меҳру муҳаббат ба он кас саломатӣ, умри дарози бобаракат, саодати рӯзгор ва дар корҳои илмию эҷодиашон комёбиҳо орзумандем.

***Ҳолу молу солу фолу аслу***
***наслу тахту бахт,***
***Бар муродат бод ҳар ҳашт,***
***эй амони рӯзгор:***
***Ҳол-накӯ, мол-вофир,***
***сол-фаррух, фол-саъд,***
***Асл-собит, насл-боқӣ,***
***тахт-олӣ, бахт-ёр.***

# КАДОМ ДОНИШҶӮЁН ДАР ГУРӮҲҲОИ РОЙГОН ҲАҚҚИ ТАҲСИЛ ДОРАНД?

***Бо фармоиши вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2010, №161 тасдиқ шудааст***

**ҚОИДАҲОИ**
**гузаронидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гурӯҳҳои ғайририойгон ба гурӯҳҳои ройгон**

1) Қоидаҳои мазкур дар асоси моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" таҳия шуда, тартиби гузаронидани донишҷӯёни камбизоат ва аълохону фаъол аз гурӯҳҳои ғайририойгони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳҳои ройгонро муқаррар менамояд.

2) Ҳангоми аз гурӯҳи ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон (аз гурӯҳи шартномавӣ ба гурӯҳи буҷавӣ) гузаронидани донишҷӯён талаботи зерин риоя карда мешаванд:

- донишҷӯ, агар дар давоми чор семестр аз тамоми фанҳои таълимӣ 75 % баҳои аъло ва 25 % баҳои хуб гирифта бошад, аз гурӯҳи ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон гузаронида мешавад.

- донишҷӯ, агар дар корҳои ҷамъиятӣ ва дохилии муассисаи таълимӣ иштирок намуда, корҳои курсиашро бо баҳои хубу аъло супорад ва на камтар аз ду мақола дар рӯзнома ё маҷалла (барои фанҳои гуманитарӣ) чоп карда бошад ва ё ду- се кори лабораторӣ (барои фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ) ба анҷом расонида бошад, аз гурӯҳи ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон гузаронида мешавад.

3) Ҳангоми аз гурӯҳи ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон гузаштан ҳатман тавсифномаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ ва намояндаи созмони ҷамъиятӣ талаб карда мешавад.

4) Барои аз гурӯҳи ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон гузаронидани донишҷӯ дар сатҳи факултет ва донишгоҳ (донишкада) комиссияи корӣ таъсис дода мешавад. Мутобиқи бандҳои дар боло зикршуда ҳуҷҷатҳо омода мегардад ва ба комиссия пешниҳод мешавад. Факултет ҳуҷҷатҳои донишҷӯеро, ки аз комиссияи худ мегузаронад, барои баррасӣ ба идора ва ё шӯъбаи таълимии донишгоҳ ва донишкада мефиристад. Идора ва ё шӯъбаи таълимии донишгоҳ (донишкада) ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи довталабро тибқи бандҳои Қоидаи мазкур санҷида, ба комиссияи назди Шӯрои олимони донишгоҳ ва донишкада пешниҳод менамояд.



5) Комиссияи назди донишгоҳ (донишкада) аз ҳисоби се нафар аъзоёни Шӯрои олимон, ректор, ноиби ректор оид ба таълим, ноиби ректор оид ба тарбия, декани факултет, мудири кафедра ва намояндаи созмони ҷавонон ё занон (даъвати намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ салоҳияти ректори донишгоҳ (донишкада) мебошад) таъсис дода мешавад.

6) Комиссия ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо омӯхта, барои баррасӣ ва тасдиқ ба Шӯрои олимон пешниҳод менамояд.

Дар Шӯрои олимон яке аз намояндаи комиссия ҳуҷҷатҳои довталабро пешниҳод намуда, доир ба мувофиқат кардани ҳуҷҷатҳо ба талаботи Қоидаҳои мазкур гузориш медиҳад.

7) Дар Шӯрои олимон гузориши донишҷӯ - довталаб шунида мешавад.

8) Агар сатҳи саводи донишҷӯ ба талабот ҷавобгӯ бошад ва бо тариқи озод 51 % овозҳро соҳиб шавад, ҳуқуқи ба гурӯҳи ройгон гузаштанро пайдо менамояд. Шӯрои олимони донишгоҳ (донишкада) барои гузаронидани донишҷӯ аз гурӯҳҳои ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тохикистон лоиҳаи қарор ва ҳуҷҷатҳои дигарро пешниҳод менамояд.

9) Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди муовини вазир комиссия таъсис дода, ҳуҷҷатҳоро аз назорат мегузаронад ва лоиҳаи қарори ҷаласаи комиссияи мазкурро барои тасдиқ ба вазир пешниҳод менамояд. Баъди ба тасвиб расидани қарор ҳуҷҷат ҳукми қонунӣ гирифта, аз ҷониби ректори донишгоҳ ва донишкада қарори амалӣ гардонидани он ба тасвиб расонида мешавад.

10) Комиссияҳои дар Қоида таъкидшуда ҳар сол баъди анҷоми имтиҳоноти зимистона ва тобистона фаъолият мекунанд.

11) Донишҷӯёни муассисаҳои давлатӣ аз гурӯҳи ғайририойгон ҳангоми гузаштан ба муассисаи дигари таълимӣ дар сурате ба гурӯҳи ройгон қабул карда мешаванд, ки меъёрҳои талаботи сархати 1 ва 2 банди 2 Қоидаҳои мазкурро иҷро намуда, аз ҳамаи санҷишу фарқиятҳои пешбинишуда баҳои хубу аъло гирифта бошанд.

12) Ятимону бепарасторон (танҳо бе падару модар), ки дар гурӯҳи ғайририойгони муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ) таҳсил мекунанд, баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, мувофиқи моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ба таври истисно дар асоси хулосаи комиссияи марбутаи мақомоти давлатии идораи маориф (Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз гурӯҳҳои ғайририойгон ба гурӯҳҳои ройгон гузаронида мешаванд.

13) Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайридавлатӣ (хусусӣ), ки ба тариқи ғайририойгон донишҷӯ қабул мекунанд, беҳтарин донишҷӯёни фаъол, аълохон ва ахлоқан намунавиро мувофиқи Қоидаҳои мазкур аз супоридани маблағи таҳсил озод мекунанд ва аз натиҷааш Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро огоҳ менамоянд.

14) Ҳамаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда аз ҷониби донишгоҳ ва донишкада (номгӯи баҳоҳо, тавсифнома ва пешниҳоди Раиси Шӯрои олимони муассисаи таълимӣ) дар ду давра, баъди имтиҳони зимистона ва тобистона ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Қоидаҳои мазкур дар асоси мавҷуд будани тамоми ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда баъди санҷиши комиссия барои гузаштани донишҷӯ аз гурӯҳи ғайририойгон ба гурӯҳи ройгон иҷозат медиҳад.

15) Теъдоди умумии донишҷӯёне. ки аз гурӯҳҳои ғайририойгон ба гурӯҳҳои ройгон мегузаранд, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 2 % шумораи умумии донишҷӯёни ғайририойгони курси марбутаро ташкил медиҳад.

16) Дар сурати дар мӯҳлати 1 сол иҷро нашудани шартҳои сархати 1 ва 2 банди 2 Қоидаҳои мазкур донишҷӯ аз нав ба гурӯҳи ғайририойгон гузаронида мешавад.

Эзоҳ: Донишҷӯёне, ки тибқи сархати 1 ва 2 банди 2 Қоидаҳои мазкур аз гурӯҳҳои ғайририойгон ба гурӯҳҳои ройгон мегузаранд (ба истисноӣ ятимон), бо стипендия таъмин карда намешаванд.

# МАКУШ МӮРЕ БА РӮЗЕ КУШТА ГАРДӢ



*Бобохон ҶӮРАЕВ, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ*

Боис ба қаноатмандист, ки байни мазҳабҳо ва мусулмонони мамлакатҳои гуногун рӯз аз рӯз робитаҳои гуногуни судманд густариш меёбад. Рафтуомад, алоқаҳои тарафайн ва муносибатҳои фарҳангии байни кишварҳои исломӣ торафт авҷ мегирад, ки ин зарурати замони муосир аст.Баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, мутаассифона, баъзе ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки онҳо ба зуҳури ихтилофоти фикрӣ ва ақидагӣ боис мешаванд. Ҳар як фардро зарур аст, ки тавассути ақлу дониш ва хиради солим амал намуда, мӯйро аз хамир ҷудо карда тавонад. Дар шоҳрҳи зиндагӣ, ки пур аз шебу фарозҳост, қадами устувор гузошта, монеаҳои сунъии барпонамудаи ноҷавонмардони дохилӣ ва хоҷаҳои хориҷиро тавассути донишу ақли расо пушти сар гузорад.

Баъзе ҷавонони камхираду аз донишу фарҳанг дурмонда ба доми ифритиён афтода, ба ҳаракатҳои ифротгароию моҷароҷӯӣ шомил гардида, ҷони худу ҳазорони дигарро зери хатар мегузоранд. Ба пиндори мо, чунин ашхос на танҳо таълим нагирифтаву тарбия надидаанд, балки аз Худои худ бехабаранд.

Миллати бохираду дурандеши мо чӣ ва кӣ будани дасисаю дасисабозон, миёнаравҳои хориҷию ҷаҳди ҷонҷавлонаи мансабпарастонро ҳанӯз дар солҳои 90-уми қарни гузашта бо чашми сар дида буданд, мақсади "падар"-у "модарон"-и миллат, чӣ будани низову даргириҳои қавмӣ, гурӯҳи ва динӣ - мазҳабиро хуб дарк карда, то имрӯз аз он шаҳди чашида ранҷ бурда истодаанд. Шукри беҳад, ки ақлу хиради волои мардуми мо ғолиб омад, хусусан, тавассути ҷаҳду талошҳои Сарвари мамлакатамон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадриҷан сулҳу ваҳдати миллӣ дар сарзаминамон роҳандозӣ ва амалан корбаст гардид. Аз ҳамин низову даргириҳои қавмӣ, гурӯҳи ва динӣ-мазҳабӣ, ки қариб буд Тоҷикистони азизи моро ба коми аҳримани худ фурӯ барад, хулоса бароварда, дар интихоби роҳи росту дуруст хато накунем, фирефтаи суханони шаҳдомезу дар асл заҳрогини онҳо нашавем. Дурӯғ, хиёнат, дасисабозию дурӯягӣ яке аз воситаҳои сиёсатбозиҳост, ки ҳамқадами ҳаёти рӯзмарраи инсонҳост. Хиёнаткорону дурӯғгӯён ва ғуломони ҳавою ҳавас, хушомадгӯёни хоҷаҳои хориҷ пайрави маъбуди худ-Шайтон мебошанд. Ана ҳамин тоифаҳо ба доми шайтонҳои одамсурат, ки дар либоси дину мазҳаб даромада, мардумони камсаводу аз дину имон бехабарро бо рафтору амалҳои маккорона ва дурӯғу найранг ба доми гумроҳӣ меафтонанд, афтида, хиёнаткори Ватану миллати хеш мегарданд.

Айни замон террористону экстремистони ифритсурат ҷавонони сустирода, гаправ, камсаводу кам тарбиядидаро ба майдони набарди ноҳақ раҳнамун сохта, худ дар сари дастархони пурнозу неъмат нишаста, аз содагии онҳо лаззат мебаранд. Лаззат аз он мебаранд, ки дар ҷаҳон ҷавонони сода кам нестанд ва фирефтаи ваъдаҳои осмонбӯси онҳо гардида, ба ватану модари худ хиёнат мекунанд, ашки модарон мерезанд, синаи тифлон медаранд, ҷони падарон мегиранд, билохира, подоши "заҳмат"-и худ-шаҳди маргро пеш аз мӯҳлат мечашанд.

Ин тоифа зархаридони гумроҳи хоҷаҳои хориҷ бо уммеди дар оянда соҳиби "зиндагии шоҳона" шудан даст ба куштору ғорат мезананд. Оё онҳо боре андешидаанд, ки аз рехтани хуни ноҳақ ҳатто Худованд розӣ нест. Ноҳақ куштани инсон яке аз гуноҳҳои кабира аст.

> *Терроризм ва экстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст.*
> *Эмомалӣ Раҳмон*

Аллоҳ таъоло дар сураи Нисо-93 мефармояд: "Ва касе, ки мекушад муъминро қасдан, пас ҷазои ӯ ҷаҳаннами ҷовидон аст ва ғазаб кардааст, Аллоҳ лаънат кардааст ӯро ва омода кардааст барои ӯ азоби бузургро". Ва Расулуллоҳ (салаллоҳу алайҳи ва салам) гуфтаанд: "Парҳез кунед аз ҳафт ҳалоккунанда... ва зикр карданд хуни ноҳақ рехтанро". (Бухорӣ ва Муслим).

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (р) ривоят шудааст: "Аз назди Паёмбар (с) харе гузашт, ки дар бадани ӯ бо оташ нишонае (соҳиби ҳайвон бо оҳани тафсондашуда ба ягон ҷои бадани он нишона мемонд ва он исботи моли ӯ будан аст), буд. Паёмбар (с) гуфт: Лаънати Худо бар касе, ки ин корро кардааст".

Модоме ки Паёмбар (с) дар бадани ҳайвоне гузоштани нишонаро ба ҷони онҳо ҷабр дониста, ба нишонагузор лаънати Худовандро раво дида бошад,



пас, ба онҳое, ки хуни ноҳақ мерезанд, чӣ қадар лаънатҳо интизор бошад? Рехтани хуни мумин аз тарафи мумин аз нигоҳи Худованд қатъиян манъ аст. Дар ҳеҷ куҷои "Қуръон"-и шариф наомадааст, ки хуни ноҳақ рехта шавад.

Магар шумо ҷанобони террористу экстремистро хоҷаҳоятон, ки худро размандагони роҳи дини ислом меҳисобанд, ҳарчанд ки як тори мӯйи онҳо мусулмон нест, боре нагуфтаанд, ки аз фармудаҳои Худованд сар тофтан ҷоиз нест ва нафаҳмониданд, ки рехтани хуни ноҳақ дар назди Парвардигор нобахшиданист. Ҷанобони ифритсурату ифротгаро фаромуш накунед, ки суханшиносе маҳз бахри шумо-роҳгумкардаҳо, ки оқибати амали ноҷавонмардонаатон марг аст, гуфтааст:

***Ҷаҳд бинмо, хуни ноҳақ кам бирез,***
***Бар сари худ лаънати дунё марез.***
***Қотилон, албатта, мақтул мешаванд,***
***Рӯсиёҳи ҳарду олам мешаванд.***

Вақтҳои охир тезу тунд гардидани вазъ дар Шарқи Наздик, баъзе минтақаҳои Осиё, Африқои Шимолӣ ва дигар минтақаҳои дунё нишон медиҳад, ки терроризм ва экстремизм ба хатарҳои аввалиндараҷаи ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Фаъолияти созмонҳои террористӣ торафт васеъ гардида, фаъолшавии онҳо, аз ҷумла, дар кишвари ба мо дӯсту ҳамсоя-Афғонистон вазъиятро боз ҳам тезутунду мураккабтар гардонида истодааст.

Террористону экстремистони ифритсурат аксаран зери даъвату шиорҳои диниву мазҳабӣ паноҳ бурда, худро ҳомиёни дину шариат эълон намуда, исломро ҳамчун яроқи идеявӣ, расидан ба мақсади олии худ медонанд. Ҳол он ки дини мубини ислом аз терроризму экстремизм фарсаххо дур буда, бо он ҳеҷ иртиботе надошту надорад.Терроризм ва экстремизм сарчашмаест барои заиф гардонидани ин ё он мамлакат ва сарсону бадбахт гардонидани аҳолии он. Пайомадҳои чунин вазъи ногуворро дар мисоли Сурия, Ироқ, Судон, Филиппин, Тунис ва Лубнону Афғонистон дидан мумкин аст.

Террористон ба олам даҳшат андохта, тавассути нафарони камхираду аз тарбия дурмонда мехоҳанд амалҳои зишту ноҷавонмардонаи худро амалӣ намоянд, вале дур нест, ки тири онҳо хок хурад. Зеро кули мардуми Сайёра маҳкумгари мақсуди нопоки онҳост. Миробид Сайидои Насафӣ дар ин росто наку овардааст:

***Ҳаркӣ бо душманини халқ***
***равон аст чу баҳр,***
***Зуд бошад, ки сари хеш***
***чу гирдоб хурад.***

Ба ҷавонони саодатманди мо зарур аст, ки пайи шукуфоию осудагии ватани азизу соҳибистиқлоли худ бошанд, ба ҳеҷ гуна ташвиқу тарғиб, амалу рафтори террористон, экстремистону дасисабозон, ки эшон раҳгуму оқи ватаншудаанд, бовар накунанд. Нагузоранд, ки шайтонҳои бекалушу маҳсӣ тоҷику тоҷикистониён ва Тоҷикистони амну озоди моро ба бозичаи дасти дасисабозон ва ифритиёни хориҷ табдил диҳанд.

Ҷавонони ҳушманд, биёед, ҷаҳд барои побарҷову бардавомии ваҳдати миллии кишварамон ва мутантании сулҳи абадию озодӣ, ки Худованд муяссари мо гардонидааст,намоем. Нагузорем, ки ҳеҷ яке аз шаҳрвандони сарзамини муқаддасамон, алалхусус, ҷавонони ояндасози миллати бофарҳангу тамаддунпарварамон ба доми ифритиёну ифротгароён афтида, дар ду ҷаҳон сияҳрӯз гарданду гирифтори лаънати ҷаҳониён шаванд.

Ҷаҳд бар он намоем, ки сулҳу ваҳдат, ободонию созандагиро дар сиришти ҳар фарди кишвар бедор намуда, донишу маҳорат ва ақлу фаросати хешро бахри сарафрозии Ватани маҳбубамон роҳандозӣ намоем. Сарзамине чун Тоҷикистон, ки чор фаслаш фасли файзу баракат, халқаш баору баномус ва меҳнатқарину бофарҳанг, мардумонаш сулҳдӯсту соҳиби Ҳукумати конститутсионист, бахри пешравию рушд ҷадал бояд намуд. Кӯшиш бахри ободонию шукуфоӣ намуд, то мамлакати тозаистиқлоли худро ба ҷаҳониён тавассути ақлу хиради воло, дониши пешрафтаи ба стандартӣ ҷаҳонӣ ҷавобгӯ муаррифӣ карда тавонем. Ин аст, қарзи фарзандии ҳар як инсони худшиносу худогоҳ, бахусус, ҷавонони баору номуси Тоҷикистони азизи мо.

---

*Орзу Орифов - начальник отдела международных отношений КГУ*
*Умеда Курбонова - руководитель центра профессионального развития и инноваций КГУ*

## ЭФФЕКТИВНОСТЬ РЕАЛИЗАЦИИ РЕЗУЛЬТАТОВ ПРОЕКТА EXTEND ПУТЕМ ОРГАНИЗАЦИИ КУРСОВ ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ В ЦЕНТРЕ "EXTEND" КГУ

В Республике Таджикистан для подготовки высококвалифицированных специалистов различных сфер роль Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки является относительно значительным. Для более благоприятного осуществления этого процесса в университете проделано много работ. Осуществление проекта EXTEND и создание EXTEND центра является одним из важных намерений и ведется работа в этом направлении.

Данный центр оснащён современной технологией и в нем будут проведены курсы повышения квалификации для преподавателей, соискателей, аспирантов, докторантов PhD и работников разных организаций.

Несмотря на то, что традиционная система обучения является одной из сильных, отслуживших систем, кредитная система обучения это мировая система. Во всем мире известно четыре вида кредитной системы, которыми являются:

- Порядок проведения кредитов по европейской системе (European Credit Transfer System - ECTS)
- Порядок сбора кредетов по американской системе (United States Credit System-USCS)
- Порядок сбора и проведения кредитов по британской системе (Credit Accumulatuon and Transfer System - CATS)
- Порядок проведения кредитов университетов регионов Азии и Тихого Океана (University Credit Transfer System- UCTS)

В рамках проекта Фонда Европы Эрасмус+ проект EXTEND в четырех ВУЗ-ах Республики Таджикистан и Российской Федерации открываются Центры EXTEND.

Одновременно для устойчивости данного центра и повышения профессионального уровня специалистов инженерной отрасли, которые занимаются деятельностью на производстве, даются им возможность, согласно ходотайству инженерных предприятий, организовать такие курсы.

В основном в этих центрах будут внедряться методы активного обучения и современные прогресивные технологии обучения. Относительно этого со стороны рабочей группы проекта выбраны 8 курсов путем голосования, одним из координаторов которых является КГУ - "Коммуникация". Для обработки данных курсов в 8 университетах партнерами проекта из Республики Таджикистан и Российской Федерации были проведены исследования в виде анкетирования, изучались все необходимые стороны программ повышения квалификации преподавателей и исследования лиц занимающихся научной работой, изучаются требования законодательств со стороны ВУЗов, оцениваются партнеры проекта со стороны европейских экспертов.

После реализации проекта EXTEND центр EXTEND начинает деятельность, который осуществлет следующие задачи:

- Обеспечение центра EXTEND техническим оборудованием, отвечающим современными требованиями;
- Организация рабочей атмосферы для нескольких работников университета;
- Привлечение специалистов инженерной отрасли в центр;
- Организация, проверка, проведение итогов и внедрение научно-исследовательских работ инженерной отрасли и других различных отраслей с использованием оборудования центра;
- Внедрение курсов по подготовке рабочей группы EXTEND во время переподготовки преподавателей и соискателей;
- Привлечение добровольцев в центр.

В данное время курсы находятся на организационной стадии, для подготовки обучающего материала используется опыт преподавателей России, Европейского Союза, Таджикистана и вообще литература мирового уровня. Необходимо отметить, что при традиционном обучении достигнуты хорошие результаты, но курсы которые проходят в рамках проекта EXTEND разрабатывают и утверждают достойную испытанную практику Таджикистана, России и Евросоюза.

Результаты, которые будут достигнуты после организации центра EXTEND и внедрение курсов в центрах:

- Подготовка специалистов, отвечающих внутреннему и межународному рынку труда;
- Возможности внедрения и осуществления на практике научно - учебных и научно - производственных экспериментов с помощью современного оборудования;

*Ҳар ки давлат ёфт шуст аз лавҳи хотир номи мо,*
*Авҷи давлат тоқи нисён аст дар даврони мо.* Соиб



# ҶОНФИДОИ БАҚОИ МИЛЛАТ

***Барои бақову ҳастии миллат, эҳёи давлат, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, озодиву адолат ва ҳақиқати таърихии халқи тоҷик хизмати Нусратулло Махсум низ басо назаррас аст.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Расо 82 сол муқаддам, 8 июли соли 1937 яке аз фазандони сарсупурдаи миллати тоҷик Нусратулло Махсумро дар Москва ба ҳабс гирифтанд, пас ду моҳ нисбати ӯ ҳукми ҷазои олӣ содир гардид ва 1 ноябри ҳамон сол ба қатл расонида шуд… Зиндагиномаи ин марди шариф барои ҳар як сокини кишварамон намунаи ибрат аст.

…Фоҷиаҳои солҳои 30-юми асри XX рикқатборанд. Ба гардиши гирдоби пурталотуми он замонҳои мудҳиш, ки ҷомеаи Тоҷикистонро низ, мутаассифона, фаро гирифта буд, бадхоҳони халқи тоҷик мусоидат мекарданд. Дар фурсати муносибе, вақте ки сели зиёикуши шӯравӣ пайи маҷроҳои нав буд, душманони миллат ба пушти Нусратулло Махсум - фидоии миллат, фарзанди мубориз ва озодихоҳи халқи тоҷик, абармарди даврон ханҷар заданд.

Мутаассифона, дар ҳама давру замон ҳастанд афроде, ки бо ниҳоди бад ва нотавонбинии худ бори зиндагиро боз ҳам сангинтар месозанд. Дар он солҳо бозори бадхоҳон ниҳоят гарм буд.

Нусратулло Махсум (Лутфуллоев Нусратулло) дар оилаи деҳқони камбағал дар ноҳияи Ғарм таваллуд шудааст. Волидайни ӯ маълумоти динӣ доштанд, бахусус модараш Шарифмо, ба нақли ҳолдонҳо, зани аз лиҳози динӣ босавод, шеърдӯст ва ҳатто бедилшинос низ ривоят шуда, дар саводи ибтидоӣ гирифтани Нусратулло саҳми босазои худро гузоштааст. Яке аз сабабҳои "Махсум" мулаққаб шудани ӯ низ дар ҳамин мебошад. Бинобар вазъи бади рӯзгор Нусратулло аз синни навҷавонӣ бо иддае аз ҳамдеҳагонаш барои таъмини оила ба шаҳрҳои Қӯқанду Фарғона сафар карда, дар он ҷо ба шуғли ҳаммолӣ пардохта, рӯзгори хешро пеш мебурд. Зиндагӣ ва фаъолият дар шаҳрҳои бузург ба ҳаёти Нусратуллои навҷавон таъсири амиқ гузошт. Ӯ пайваста бо одамони гуногунсоҳаи қишрҳои мухталифи ҷомеа дар тамос мешуд.

Муошироти зиёд дар шаҳрҳои гуногунмиллат ба забономӯзии Нусратулло низ таъсир гузошт ва ӯ забони гуфтугӯии ӯзбекӣ ва русиро аз бар намуд. Ҳамчунин мавҷи корпартоиҳо ва эътирозҳоро бо чашми худ дида, рӯз то рӯз нисбат ба ҷомеа диди тозатар пайдо мекард. Бо афкору ақидаи пешқадам ба зодгоҳаш баргашта, ҷодаи сиёсатро интихоб кард. Фаъолияти худро аз раисии Кумитаи инқилобии ноҳияи Ғарм сар карда, бинобар меҳнати софдилонаву қалби покаш то зинаҳои баланди роҳбарӣ, яъне раиси Кумитаи Иҷроияи Марказии ҷумҳурӣ расид.

Ба меҳнати содиқонаи шабонарӯзии Нусратулло Махсум меҳри беандоза нисбат ба Ватану миллат неруи тоза мебахшид. Дар тамоми ҷодаҳои созандагии кишвар саҳмгузор буд. Вале нотавонбинон ва душманони миллат пешравии назарраси зеҳнӣ, азму иродаи бемисли ӯро дида натавониста, пайи аз байн бардоштанаш гардиданд. Он солҳо ӯ дар Москва дар Академияи нақшавии Иттиҳоди шӯравӣ ҳамчун шунаванда таҳсил мекард. Ҳангоми таҳсил Нусратулло Махсум нақша дошт, ки аз фурсати муносиб, яъне аз мавқеи марказ истифода бурда, баҳри ватану миллати хеш корҳои хайреро анҷом диҳад, вале маълумоти бардурӯғе, ки ҳамарӯза даста-даста аз душманони дӯстнамояш ба марказ ворид мешуданд, оҳиста-оҳиста ӯро ба вартаи нобудӣ кашиданд. Соли 1937 Нусратулло Махсум бо ҷурми бурдани корҳои зиддиинқилобӣ ба ҳабс гирифта шуд.

Рӯзҳои охирине, ки Нусратулло Махсум дар зиндон ба сар мебурд, гарчи хоби ороме ҳам надошт, ҳамеша деҳи худро дар хоб медид. Айёми бачагӣ. Гӯё мӯйсафеде мехоҳад ба ӯ - навраси 10-12-солае кумак расонад… Гоҳ ӯро аз ҷӯе мегузаронид, гоҳо дасташро гирифта, роҳеро ба ӯ нишон медод, гоҳи дигар, гӯё дар баландие дармондаасту ҳамон мӯйсафед барои ба поён фуромадан ба ӯ мадад мекунад. Шабе набуд, ки волидайнаш ба хобаш надароянд ва дар он хобҳои гоҳ орому баъзан мушавваш Нусратулло солҳои кӯдакиашро медид…

Ин хобҳои кӯтоҳ умедбахш буданд. Нусратулло умедвор буд, ки ҳатман нафаре пайдо мешаваду барои сиёҳро аз сафед ҷудо кардан ба ӯ кумак мекунад. Охир ӯ дар назди виҷдонаш пок буд, итминони комил дошт, ки солҳои сол дар назди халқу Ватан содиқона хизмат кардааст ва роҳи тайкардааш поку беолоиш аст. Вале ҳатто таъбирҳо низ дар пеши террори замон оҷиз буданд. Ӯ ба ёди тифли навзодаш Музаффар, ки ҳанӯз нафаси падарро дар чеҳраи маъсумаш эҳсос накарда буд, ашк мерехт. Ба бӯи тифлонаи ӯ, ки аз беҳтарин неъматҳои табиат медонист, пазмон шуда буд.

Чун ба ёд меовард, ки ин мавҷи бераҳми қурбониҳо беҳтарин ходимони давлатӣ, академикҳо, олимон, шоирон, нависандагон, ҳунарпешагон ва дигар фаъолонро ба гирдоби худ кашида, нисбат ба онҳо мудҳиштарин ҷазоҳоро раво дидааст, ноумедӣ вуҷудашро фаро мегирифту садҳо суоли беҷавоб мағзашро фишор медод.

Дар утоқи тангу тори шаҳри ғурбат шахсе нишаста буд, ки солиёни зиёд Тоҷикистони навтаъсисро сарварӣ намуда, дар бунёди сохтори сиёсӣ, тақсимоти арзӣ, лоиҳаҳои иқтисодӣ ва дар ҳалли муаммову мушкилоте, ки барои мустақилияти тоҷикон монеа эҷод мекарданд, саҳми босазое гузошта, ниҳоят ба буҳтони ноҳақ гирифтор шуда, дар қалби шӯравӣ барои адолат талош меварзид.

Маъмулан, вақте сардори оиларо ба ҳабс мегирифтанд, баъди чанде маъмурон дубора ба ин хонадони ваҳшатзада омада, аҳли оилаҳои онҳоро низ зиндонӣ мекарданд, дар ҳузури фарзандон манзилҳояшонро мавриди кофтуков қарор медоданд. Атфоли танҳомондаро ба хонаи кӯдакон месупурданд. Хонадони Нусратулло Махсум низ баъди маҳбус шуданаш барои муддате пароканда шуд: ҳамсарашро ҳамчун ҳамсари "миллатчии буржуазӣ" ва "душмани халқ" ба ҳабс гирифта, кӯдаконро ба ҳар гӯшаву канор ба хонаи бачагон супорида, паҳну парешон карданд.

Нусратулло Махсум аз ин ҳолат хуб огоҳ буд. Яқин медонист, ки мабодо умр вафо накунад, ҳатман рӯзе фаро хоҳад расид, ки шаффофияти кори ӯро таърих собит мекунад, вале оё фарзандонаш бори ин озмоиши сангини ҳаётро таҳаммул мекарда бошанд?

Мунтазири пурсишҳои муфаттишон лаҳза мепоид, фурсати сухан гуфтанро интизорӣ мекашид. Умед дошт, ки ҳатман адолат барқарор мегардад. Аммо, ҳайҳот, суханҳо ногуфтаву сатрҳо нонавишта монданд ва охирин заработи қалби саршор аз муҳаббати Ватан пайи ормонҳои ношикаста хомӯш шуданд.

Он замон хешовандон, шиносҳо, ҳамкорон ва ёру рафиқон аз аҳли оилаи нафароне, ки "душмани халқ" эълон мешуданд, канораҷӯӣ мекарданд, то ба сарашон балое наояд. Аҳли хонаводаи Нусратулло Махсум низ ба чор тарафи шӯравӣ пароканда шуданд.

Фарзанди калонӣ Мунавваршо, ки донишҷӯи пешқадами Донишкадаи омӯзгории шаҳри Москва буд, бо баҳонае аз таҳсил хориҷ карда шуд ва дар ҳолати рӯҳафтодагии шадиде ба деҳаи бобоии худ баргашт. Чун дар деҳот ҳама ба кору бори деҳқонӣ банд буданд ва ба пок будани гузаштагони ӯ шубҳае ҳам надоштанд, Мунавваршо чандон азоби рӯҳӣ намекашид, вале буданд нафароне, ки бо нигоҳҳои маҳкумкунанда ва муносибати соядору сухани беҷо ба ҷароҳати қалби ӯ намак мепошиданд. Пирони деҳ ӯро дилбардорӣ мекарданд ва таскин мебахшиданд. Шояд он мӯйсафеди хайрхоҳе, ки Нусратулло Махсум дар хоб дида буд, рамзи пирони деҳаашон буд, ки фарзанди дилшикастаи ӯро дилбардорӣ карда, бо умеди эҳёи адолат пайваста дуогӯи ӯ буданд?..

Мунавваршо мутмаин буд, ки падар ҳеҷ гуноҳе надорад. Шахсе, ки барои мустақилияти Тоҷикистон ҷони худро дареғ намедошт ва шабу рӯз ҷоннисорона барои ҳар ваҷаб хоки он талош меварзид, чӣ тавр метавонад ягон амали зиддиинқилобӣ нишон диҳад? Ҳаргиз, на!

Асли воқеа ва маълумоти пурратарро фарзандон аз ёддоштҳои ӯ, ки ба забони русӣ таълиф шуда буданд, дастрас карданд. Аз рӯи нақли духтари Мунавваршо - Раъно Нусратулло:

"Вақте падарамро аз Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Бубнови шаҳри Москва хориҷ карданд, падарам ба зодгоҳашон баргаштанд ва баъд аз он соли 1948 ба Қазоқистон бадарға шуданд. Падарам дар ёддоштҳояшон навиштаанд: "Ман дар Қазоқистон 7 сол зиндагӣ кардам. Солҳои охир зиндагӣ дар Чулактау беҳтар шуд ва ман ташвишу монеаро намедонистам, ҳатто 2000 сӯм захираву баъзеи чизҳои дигар низ доштам. Моро аз хобгоҳ гирифта, дар хонаҳои хиштии навсохта ҷой доданд. Ғайр аз ин ман бо як муйсафеди юнонӣ дар як ҳуҷраи кушод ва ду арманӣ Тарас ва Эшхонов дар дигар ҳуҷра зиндагӣ мекардем. Эшхонов одами куҳансол буд ва ба ӯ зуд-зуд духтараш ҳар хел савғотӣ -мураббои чормағзӣ ва дигар таъомҳои лазизи арманӣ мефиристод.

Капитани Кумитаи давлатии бехатарӣ, ки моро назорат мекард, одами хуб буд ва ба ман маслиҳат дод, ки ба коллегияи Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди шӯравӣ мактуб нависам. Ман мактубро навишта, ба дасти капитан додам ва шояд ӯ онро ба ҷойи таъйиншуда фиристода буд, ки аввали соли 1954 маро аз макони бадарға озод намуданд".

Пайғоми озодӣ ва лаҳзаҳои ин хабарро шунидани Мунавваршо дар ёддоштҳои ӯ ба таври муфассал оварда шудааст. Аз нақли духтараш Раъно, ӯ то шунидани ин хабар, лаҳзаи хотирмонеро дар ёддоштҳояш қайд намудааст ва онро фоли нек унвон додааст:

"Вақтҳои охир ман дар бригадаи рангзанҳо кор мекардам. Ҳар рӯзи истироҳат ман ба дарёчае, ки дар масофаи 100-200 метр ба тарафи шимоли деҳа ҷорӣ мешуд, мерафтам. Ин дарёча чуқур набуд, то миёни одамро панаҳ мекард. Об ҳамеша мусаффову ширин буд. Ва ман ин рӯзи истироҳат либосамро кашида шустам ва барои хушк шудан дар зери офтоб мондам ва худам ба об даромада, оббозӣ кардам. Аз об набаромада дидам, ки дар самти чапи соҳил мори хушранги ғалатие дар офтоб гарм шуда истодааст. Ман умуман аз морҳо наметарсам ва бо ду дастам об гирифта, ба ӯ пошидам. Вай ба ҳаво парида, дохили об афтид. Ман тарсида, аз об баромадам ва ҳар қадаре ки нигоҳ кардам, дигар морро надидам. Мор якбора ғайб зад. Сипас, ман либосҳоямро пӯшида, оромона ба хона баргаштам.

Субҳи рӯзи душанбе, вақте ба кор ҳозир шудам, ҳамкоронам ба наздам омада, гуфтанд, ки туро ба комендатура даъват кардаанд. Ман хавотир шуда, ба комендатура рафтам ва дар он ҷо ду нафар ваколатдор дар даромадгоҳ маро дида, гуфтанд, ки "яхши ангма", яъне хушхабар овардем. Сипас, ман камтар ором шуда, рост ба утоқи муовини сардор даромадам. Ӯ маро ба нишастан таклиф кард ва ба ман қарори Коллегияи Вазорати корҳои дохилиро дар бораи озод шуданам аз ҷойи бадарға супорид. Ҳамин тавр, ман шаҳрванди озод шудам ва баъди яку ним моҳ, дар фасли тобистон ба назди хешовандонам ба ноҳияи Ғарм баргаштам. Ин аст он фоли неке, ки ман дар дарёчаи Чулактау морро дида будам, гарчанде дар урфият морро чун душмани инсон унвон кардаанд".

Аз он ки мувофиқи қонунҳои ҷорӣ ҳаққи парасторӣ кардани хоҳару бародаронашро надошт, хиҷолатзадаву дармонда буд. Бештари вақти худро дар боғчаи назди ҳавлиашон сарф мекард, бо гиёҳу ниҳолҳои он дар суҳбат шуда, ба муаммову суолҳояш посух меҷуст. Пайваста чашмбароҳ буд. Роҳи падарро мепойид, ки раҳнамои зиндагиаш буд. Бехабар аз он ки ҳанӯз 1-уми ноябри соли 1937 падари бузургвораш Нусратулло Махсум- сарсупурдаи миллат, шахсе, ки дар баҳсу мунозираҳои марзии Тоҷикистон ширкат варзида, бо ин корҳояш ба худ иддаи зиёди душман харида буд, қатл гардида, ҷони худро қурбони дасисаҳои он замон намуда буд.

Солҳо сипарӣ шуданд. Фарзандони Нусратулло Махсум шикасти зиндагиро мардонавор тоб оварда, нангу номусро пойгоҳи азму иродаи худ қарор доданд. Онҳо бо сари хам таҳсил намуда, улуми замонаро фаро гирифта, соҳибмаълумот ва бо меҳнати софдилонаи худ номбардори падар гардиданд.

Анвар Нусратуллоев соли 1936 мактаби ҳарбии Кремлии Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумииттифоқ (КИМУ)-ро хатм намуда, дар ҳайати қӯшунҳои сарҳадии Шарқи Дур хизмати Ватанро адо кардааст. Ӯ дар соли 1940 дар воқеаҳои кӯли Ҳасан ширкати фаъолона дошта, дар яке аз амалиётҳои ҳарбӣ бар зидди фашистон иштирок карда, захмӣ гардид ва дар госпиталҳои ҳарбӣ ҷон супурд.

Махсумова Хосият солҳои зиёд роҳбарии омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Душанберо бар уҳда дошт. Ба унвони "Муаллими хизматнишондодаи мактаби Тоҷикистон" сарфароз гардидааст.

Махсумов Акбар Нусратуллоевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИ ҶШС Тоҷикистон, дар мансабҳои Вазири кишоварзии ҶШС Тоҷикистон, ноиби президенти АИ ҶШС Тоҷикистон, муовини аввали раиси Шӯрои вазирон, ҳамзамон раиси Кумитаи давлатии агросаноатии ҶШС ифои вазифа намуда, хизматҳояш ҳамчун ходими давлатӣ бо ордену медалҳо ва ҷоизаҳои давлатию илмӣ қадрдонӣ шудааст.

Махсумов Музаффар Нусратуллоевич - олими ситорашинос, доктори илмҳои физика ва риёзиёт умри худро сарфи таҳқиқоти илмӣ намуда, аз соли 1977 то соли 1992 директори Институти астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Таърих олудагиҳои сунъиро шуста, ҳақиқати нобро рӯи об мебарорад. Бо мурури замон бегуноҳии ин фарзанди фарзонаи миллат собит гардида, 28 декабри соли 1957 бо Қарори Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ ва хулосаи Прокурори генералии ИҶШС Нусратулло Махсум бегуноҳ дониста шуд.



Бо қарори раёсати КМ ҲК Тоҷикистон 26 июни соли 1964 узвияти Нусратулло Махсум дар ҳизб аз нав барқарор карда шуд…

27 июни соли 2006 хизматҳои арзандаи ин фарзанди баруманди миллати тоҷик қадр гардида, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Нусратулло Махсум унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд. Дар ин рӯз, ҳангоми таҷлили Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт нимпайкараи Нусратулло Махсум ифтитоҳ гардид.

ДАР АКС: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ дар расми ифтитоҳи нимпайкараи Нусратулло Махсум дар ноҳияи Рашт.

Зимни суханронӣ дар расми ифтитоҳи нимпайкараи Нусратулло Махсум Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҳаёт ва қаҳрамониҳои Нусратулло Махсум ёдовар шуда, аз ҷумла чунин гуфтанд: "Таърих гувоҳ аст, ки асри XX барои миллати куҳанбунёд ва тамаддунсози тоҷик асри талошу муборизаҳо барои эҳёву барқарорсозии давлат ва асри бедории миллат буд.

Дар вазъияти ниҳоят ҳассосу мушкил дар сафи аввалин фарзандони сарсупурдаи халқи тоҷик ба мубориза бархостани Нусратулло Махсум нишонаи ватандӯсту ватанпарасти асил будани ӯ мебошад. Кӯшишу талошҳои ӯ, пеш аз ҳама, дар ташаккули Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян гардидани марзу буми имрӯзаи он ва шинохти миллати тоҷик беназир аст.

Дар таърихи худшиносии миллати тоҷик номи чунин фарзандони барӯманд бо ҳарфҳои заррин навишта шуда, дар хотири мардум абадӣ хоҳад монд.

Дар солҳои дар вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи Марказии ҷумҳурӣ фаъолият намудани Нусратулло Махсум дар Тоҷикистон он қадар корҳои бунёдкориву созандагӣ вусъат ёфта буданд, ки халқи мо садсолаҳои пешин чунин дигаргунсозиҳоро надида буд.

Дар ин давра, пеш аз ҳама, таъсиси сохторҳои нави идоракунӣ, рушди тамоми соҳаҳо, бунёди роҳҳо, баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум, созмон додани мактабҳову курсҳои гуногуни касбомӯзӣ, ҷалби занон ба корҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои муассир амалӣ гаштанд. Бо номи ин фарзанди содиқи миллат як даври томи таърихи халқи тоҷик, як марҳилаи ҳассосу сарнавиштсоз ва бунёдкориҳои азими кишварамон иртиботи қавӣ доранд.

Нусратулло Махсум ба маънои томаш ҷонфидои миллати тоҷик буд. Ба подоши хизматҳои шоиста ва талошҳои худ ҷиҳати эҳёи давлатдории тоҷикон гирифтори тӯҳмату бӯҳтон ва қурбони беадолатиҳои шовинистиву бадхоҳони халқи тоҷик гардид.

Бо бунёди нимпайкараи Нусратулло Махсум мо номи ӯро на танҳо абадӣ мегардонем, балки наслҳои имрӯзуояндаи миллатро ба он ҳидоят месозем, ки онҳо пайрави чунин мардони ватанпарасти асили халқи худ гашта, бо эҳсоси амиқи худшиносии миллӣ барои ободиву шукуфоии Ватани азизамон кӯшиш намоянд.

Бигузор зиндагии ин марди наҷиб ба ҳар яки мову шумо сабақи зиндагӣ ва корномаи ӯ дар рушди давлату миллатамон ва барои дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон намунаи ибрат бошад".

***Сарвар АЗИМӢ,***
***АМИТ "Ховар"***

*Душмани хунхорро кўтаҳ ба эҳсон соз даст,*
*Ҳеҷ занҷире беҳ аз серӣ набошад шерро.* Соиб

Анвори дониш
№14 (296), ЧОРШАНБЕ, 30.10.2019

# СИПОСНОМА БА ДОНИШГОҲ

Шуъбаи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар минтақаи Кӯлоб ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барои дар сатҳи баланд ташкил намудани чорабинӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии коҳиши хатари офатҳои табиӣ, ки рӯзи 11-уми октябри соли 2019 дар саҳни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид, бо сипоснома сарфароз гардонид.


ШУЪБАИ КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

СИПОСНОМА

Ба Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ...

барои дар сатҳи баланд ташкил намудани чорабинӣ бахшида ба «Рӯзи байналмилалии коҳиши хатари офатҳои табиӣ», ки рӯзи 11-уми октябри соли 2019 дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид бо Сипоснома сарфароз гардонида мешавад.

# СУҲРОБ ДАР ЧЕМПИОНАТ ҶОЙИ 1-УМРО ГИРИФТ!



Санаи 30-юми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе бо ташаббуси Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Чемпионати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба "Шашкаи байналмилалии 100" баргузор гардид, ки дар он донишҷӯи донишгоҳ Сафарзода Суҳроб иштирок намуда, соҳиби ҷойи 1-ум шуд ва бо тӯҳфаву ифтихорнома қадрдонӣ карда шуд.

Суҳробро барои ин муваффақият табрик мегӯем!

# СИПОСНОМАИ ВАЗИРИ ФАРҲАНГ БА ОСОРХОНА

Осорхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барои иштироки фаъолона дар Озмуни ҷумҳуривии осорхонаҳо таҳти унвони "Оинаи таърих" бо Дипломи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонид.


ДИПЛОМ

Осорхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ

# МИЗИ МУДАВВАР: "СОҲИБКОРӢ-МУҲАРРИКИ ИҚТИСОДИЁТ"



Таърихи 14.10.2019 дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории факултаи иқтисод ва идора мизи мудаввар дар мавзӯи: "Соҳибкорӣ-муҳаррики иқтисодиёт" бахшида ба Рӯзи соҳибкорон 14-уми октябр баргузор гардид. Тибқи барномаи чорабинӣ сухани ифтитоҳӣ ба ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ Рафиев Сафархон дода шуд. Рафиев Сафархон сараввал ҳайати омӯзгорони кафедраро барои ташкил намудани ин чорабинии илмӣ табрик гуфта, сипас оид ба муҳиммияти баргузории чунин чорабиниҳо суханронӣ намуданд.

Сипас, тибқи барномаи мизи мудаввар декани факулта, номзади илмҳои иқтисодӣ Шарипова Файзигул суханронӣ карда, иқдоми кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкориро ҷонибдорӣ намуданд. Муаллима Шарипов Ф. қайд намуданд, ки чунин чорабиниҳои илмӣ заминае мешаванд дар самти расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ "Саноатикунонии босуръати кишвар". Сипас, мудири кафедра номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгор Расулова Лутфия баромад намуда, меҳмонон ва иштирокчиёни мизи мудавварро хайрамақдам гуфта, суханро ба маърӯзачиён дод.

Сараввал номзади илмҳои иқтисодӣ Каҷкуллоев Абдухолиқ дар мавзӯи "Нақши Пешвои миллат дар баландбардории мақоми соҳибкорӣ дар иқтисодиёти кишвар" маърӯза намуда, қайд намуданд, ки саҳми Пешвои миллат дар рушду инкишофи соҳибкорӣ ва мукаммалсозии механизми танзиму дастгирии давлатии он ниҳоят баланд аст. Сипас, аз ҷониби донишҷӯёни фаъоли соли чоруми факулта Шарипов Бедилҷон ва Раҳмонов Сомонӣ, инчунин Маҳмудова М.Б. ва Исматзода Ҳ. донишҷӯёни факултаи молиявию иқтисодӣ дар мавзӯҳои муҳими соҳаи соҳибкорӣ маърӯзаҳо шунида шуд.

Дар охир муҳокима ва музокироти маърӯзаҳои шунида сурат гирифт. Дар рафти музокирот аз ҷониби ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия Рафиев С. ба омӯзгорон даъват ба амал оварда шуд, ки дар ташкилу баргузории чунин чорабиниҳои илмӣ, илмӣ-сиёсӣ бетарафӣ зоҳир накунанд. Ноиби ректор қайд намуданд, ки ин аввалин чорабинии илмӣ дар соли таҳсили нав мебошад, ки аз ҷониби кафедраҳои донишгоҳ роҳандозӣ мешавад. Дар оянда баргузории чунин чорабиниҳоро бо фарогирии бештари иштирокчиён дар сатҳи боз ҳам балантар ба роҳ монанд.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2016 ба донишҷӯи соли 4-уми факултаи молиявию иқтисодӣ (шуъбаи рӯзона) Абдуллозода Абдурозиқ додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

XXXX

Дипломи НТ-I № 337818, ки соли 1996 Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Кӯлоб ба Шарифова Зебонисо Ҷалиловна аз рӯи ихтисоси "Кори ҳамшираи тиббӣ" додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

# БАИМЗОРАСИИ ЯК ҚАТОР СОЗИШНОМАҲОИ ҲАМКОРӢ ДАР АНҶУМАНИ ИҚТИСОДӢ ДАР КӮЛОБ

Рӯзи 11-уми октябри соли ҷорӣ ҷаласаи ифтитоҳии Анҷумани иқтисодӣ дар мавзӯи "Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: имкониятҳо барои рушд" дар толори фарҳангии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ баргузор гардид. Дар конфронс муовини сарвазири мамлакат Азим Иброҳим, раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, корпусҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок доштанд.

Муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим бо сухани ифтитоҳии худ ба иштирокчиён ва кори Анҷуман барору комёбӣ таманно намуд. Раиси вилояти Хатлон Қурбон Ҳакимзода барои ташкили чунин чорабинӣ, ки ба рушди иқтисодиёти вилоят, аз ҷумла шаҳри Кӯлоб ба кор даровардан ва бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, ба шуғл ҷалб гардидани захираҳои меҳнатӣ дар минтақа мусоидат менамояд, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҷумҳурӣ изҳори миннатдорӣ кард.

Барои иштирокчиён филм дар бораи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон бо чор забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ ва чинӣ) намоиш дода шуд. Сардори раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон Изатулло Нуруллозода дар мавзӯи "Иқлими сармягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", доир ба лоиҳаҷои инвеститсионӣ барои рушди МОИ "Суғд", МОИ "Данғара", МОИ "Ишкошим" масъулони ин минтақаҳои озоди иқтисодӣ Фирдавс Олимзода, Сафаралӣ Тайфуров ва Сураҷ Тоҳирҷонзода маърӯза карданд.

Инчунин, намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассоциатсияи "Кедр", ширкати байналмилалии "Максим", Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти иқтисод ва демографияи Академияи илмҳои Тоҷикистон дар бораи грантҳои президентӣ барои занони соҳибкор, фаъолияти ширкатҳои истеҳсолии ватанӣ ва хориҷӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дастгирии фонди соҳибкорӣ, принсипҳои ташаккул ва роҳҳои асосӣ барои рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар самтҳои имконпазири ҳамкорӣ табодули афкор намуданд.



Нимаи дуюми рӯз маросими баимзорасонии Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" ва ҶДММ "Пештоз Посгард Тоҷикистон", Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати расонидани кӯмаки амалӣ ба минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" миёни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Данғара" ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Кӯлоб, Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ ҷиҳати расонидани кӯмаки амалӣ ба минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" миёни Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Кӯлоб ва Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва ҶСК "Такстелеком"-и шаҳри Тюмени Федератсияи Россия баргузор гардид.

Инчунин, иштирокчиёни Анҷуман аз Минтақаи озоди иқтисодии навтаъсиси "Кӯлоб", фаъолияти корхонаи истеҳсоли ришта ҶДММ "Ресандаи Кӯлоб", ҶДММ "Комбинати хоҷагӣ" ва Маҷмааи кишоварзӣ-саноатии "Кӯлоб" дар хоҷагии Мир Саид Алии Ҳамадонии минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб дидан намуданд.

Ёдовар бояд шуд, ки Минтақаи озоди иқтисодии "Кӯлоб" 1-уми марти соли 2019 дар масоҳати 309 гектар дар намуди саноатию инноватсионӣ таъсис дода шудааст.

Чунин анҷуманҳо бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати мамлакат ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2012 инҷониб дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон бо мақсади ҷалби сармоя, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардидаанд.

# ЭЪЛОН: ХИЗМАТРАСОНИИ КОНСУЛТАТСИОНӢ

Интихоби мушовир оид ба таҳияи дастури таълимӣ дар мавзӯи "Малакаҳои ба кор таъминшавӣ (трудоустройство)". Аз соли 2016 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ" - ро, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ карда мешавад, татбиқ мекунад. Ҳадафи лоиҳа таҳия кардани механизмҳое мебошад, ки ба беҳтарсозӣ ва назорати сифат ва мутобиқати маълумоти олӣ барои бозори меҳнати Тоҷикистон кӯмак мерасонанд.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар доираи лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ" лоиҳаи "Баланд бардоштани малакаҳои ба кор таъмикунии духтарони курсҳои болоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" - ро тадбиқ намуда истодааст. Ҳадафи асосии лоиҳа баланд бардоштани малакаҳои ба кор таъмин гардидани духтарони курсҳои болоии донишгоҳ тавассути баргузор намудани силсилаи тренингҳо ва давраҳои омӯзишӣ дар самти ба кор таъминкунӣ дар асоси таҳияи дастури методӣ, ҳамчун ба роҳ мондани истифодаи механизми роҳбарӣ ва такмил додани маркази рушди касбияти донишгоҳ мебошад.

Тибқи нақшаи тадбиқи лоиҳа дастури таълимӣ дар мавзӯи "Малакаҳои ба кор таъминшавӣ (трудоустройство)" барои донишҷӯдухтарони курсҳои болоӣ таҳия карда мешавад. Дар ин хусус, барои қабули мушовир оид ба таҳияи дастури таълимӣ озмун эълон карда мешавад.

Ҳаҷми кор: Дар асоси таҳлили талаботи бозори меҳнат таҳияи дастури махсуси таълимӣ;

Дастури методӣ тамоми маълумоти заруриро оид ба баланд бардоштани малакаҳои ба кор таъминшавии иштирокчиёни лоиҳа дар бар мегирад;

Ин дастури таълимӣ яке аз воситаҳои асосии баланд бардоштани малакаи ба кор таъминшавии духтарони болаёқат дар донишгоҳ хоҳад буд.

Дар оянда дастури таълимӣ ҳамчун роҳнамо барои донишҷӯёни донишгоҳ пешбинӣ мешавад.

Талабот нисбати мутахассис:

Маълумоти олӣ; Фаъолияти корӣ дар самти ба кор таъминшавӣ (трудоустройство); Собиқаи кории на кам аз 2 сол дар самти таълим; Дорои қобилияти кор бо барномаҳои оффисӣ (MS Word, MS Excel); Донистани забони русӣ.

Фаъолияти мушовир давоми 50 рӯз сурат мегирад. Хоҳишмандон метавонанд CV (тарҷумаи ҳол) - и худро то санаи 26.10.2019 ба почтаи электронии mrki@kgu.tj ё ба бинои маъмурии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, ошёнаи 2, утоқи №200 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намояд. Барои маълумоти бештар ба рақамҳои (+992 83322) 23677 муроҷиат намоед.

# ХУДОЙДОДОВА: ИЛМ ДАР ОН ҲОЛАТЕ ХОР МЕШАВАД, КИ БА ОН ШАХСОНИ ТАСОДУФӢ ДАСТ МЕЗАНАНД!

**Дар ин шумора ҳайати эҷодии рӯзнома хост, то бо яке аз олимони хушноми ҷумҳурӣ Ноиби ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Худойдодова Шарофат оид ба зиндагинома ва фаъолияти омӯзгории эшон мусоҳибае анҷом диҳанд. Фишурдаи мусоҳиба пешниҳоди хонанда мегардад.**

***Дуруд бар Шумо, муаллимаи гиромӣ. Мегуфтед, ки чӣ ҳол доред ва ба кадом корҳо имрӯзҳо бандед?***

- Дуруд. Шукр аз фазову вақти созгор тандурусту нерӯмандам ва андармони анҷом додани рисолати инсониву касбӣ ҳастам. Бо шавқи беандоза барои пешрафти кори донишгоҳи азизамон, таълиму тарбияи мутахассисони ҷавон, ширкат дар чорабиниҳои сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ва вилоятию шаҳрӣ, фикр мекунам, каме сарбории гарон ва андаке монеа эҷод кардаанд ба суръати таълифи рисолаи докторӣ, ки айни ҳол баҳри вусъат бахшидани кор дар ин ҷода машғулам.

***Ибораҳои зан-модар, зан-роҳбар, зан-омӯзгор ва зан-рӯзноманигорро дар мисоли худ чӣ гуна шарҳ медиҳед?***

- Зан-модар. Ҳарчанд ҳарду фарзандам дар зиндагӣ мустақилу соҳибмаълумот, соҳиби оила ва фарзанд ҳастанд, ҳоло ҳам бароям кӯдаканд, аз ин рӯ, ҳамеша дар ҷараён будан аз ҳолу аҳволашон, мусоидат дар рушду камоли ҳамаҷонибаи онҳоро амри тақдир ва хеле зарур меҳисобам, зеро ки барояшон ҳам падараму ҳам модар.

Зан-роҳбар. Чун як роҳбар дар ҳар ҷомеае, ки фаъолият намудаам, нахуст корро аз муттаҳидии кормандон шуруъ кардаам. Коргоҳҳо чун хонаи дуюм пазируфтан, аз меҳнати ҳалол ризқ ёфтан, ба атрофиён муносибати самимӣ доштан, дар доираи имконот ба ҳамкасбон кӯмак расонидан, ба ғаму шодии онҳо шарик будан ва иҷрои бомасъулияту босифати вазифаҳои ба уҳдадошта бояд хоси ҳар як роҳбар бошад.

Зан-омӯзгор. Омӯзгорам! Ҳамчун як зан-омӯзгор то имрӯз кӯшиш намудаам, ки бо иффату поктинатӣ ва озодагиву покдомонӣ барои ҳар як шогирд намунаи ибрат бошам. Аз сари сидқ донишҳои андӯхтаамро такмил медиҳам, то ба шогирдон ҳарфи тозае гуфта тавонам, ҳаракат мекунам то назарияи илм бо амалияи он ҳадди ақал наздик бошад ва ташаккули тафаккури донишҷӯён ҷониби мусбат майл дошта бошад.

Зан-рӯзноманигор. Ҳамчун рӯзноманигор бо ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ва варзишӣ, ҳифзи амнияту оромии кишварам андеша ва пайвандҳои ногусастанӣ доштан ва "Ҳамон мушкил, ки осонаш намебинам-ватандорист"-ро шиор қарор додан, дар кушодан уқдаи мушкилоти ҳамватанон кина, ғараз ва тамаъ надоштан аст рисолати зан- журналист.

***Ба назари Шумо нақши занон имрӯз дар ҷомеа чӣ гуна эҳсос мешавад?***

- Зани тоҷик дар ҷомеа бо иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ барои худ ҷойгоҳи худро пайдо намудааст. Аз ин рӯ, аз гузашта то ба имрӯз мардуми мо ба маърифатнокшавии зан ва тарбияи духтарон ҳанӯз аз синни хурдӣ аҳамияти хоса зоҳир менамоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон



дар суханрониҳо ва Паёмҳои ҳамасолаашон ба масъалаи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа таваҷҷуҳ менамоянд, зеро занон дар ҷомеаи Тоҷикистон беш аз 50 фисади аҳолиро ташкил карда, дар пешрафти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат нақши муассир мебозанд. Аммо дар замони ҳозира талабот ба фаъолияти занон дар корҳои давлатӣ бештар аст. Зиёдтар ҷалб кардани бонувон ба кор дар муассисаҳои давлатӣ ва хидмати давлатӣ пурманфиат арзёбӣ мешавад, ки нишони дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ назаррастар кардани фаъолияти занон мебошад.

Аммо, мутаассифона, то ҳанӯз худи занону бонувон барои ворид шудан ба ҷомеа ва аз худ сару садо рӯшан кардан чандон омода нестанд, ки ин омил сабабҳои мухталифи вобаста ба сатҳи маърифатнокӣ, вазъи оилавӣ, сатҳи иқтисодиро доро мебошад.

То имрӯз худи занон аз миёни бонувони хушсалиқаву оқила барои худ сарвар интихоб намекунанд ваниз дар ғайби якдигарӣ суханҳои ношоистаро раво мебинанд, ки ин ба коҳиш ёфтани обрӯю эътибори зан дар ҷомеа оварда расонида, боварии дигаронро аз мавқеъпазирии занон дар зинаҳои гуногуни фаъолияташон мегардонад.

Мусаллам аст, ки ҷомеае, ки дар он занон мавқеи пешоҳангӣ доранд, аз ҳар ҷиҳат пешрафта аст, зеро зани соҳибмаърифат метавонад ҳамсари боақлу бозаковат бошад, тифли солим ба дунё биёрад, тарбияи дурусти фарзандонро ба роҳ монад ва дар рушду нумӯи Ватан ҳиссаи сазовор гузорад.

***Чаро хушунати оилавӣ дар оилаҳои тоҷик зиёд аст?***

- Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки хушунату зӯроварӣ ин таҳдид ба солимии ҷомеа буда, дар ҳама давру замон мутафаккирон, ходимони дин, ҳуқуқшиносон, шоиру нависандагон зӯровариро маҳкум намуда, ҷомеаро ба дилсӯзиву хайрхоҳӣ ва муросову созишкорӣ даъват мекарданд. Мутаассифона, дар асри рушди кайҳонии илму технология, ки сатҳу сифати зиндагии сокинони сайёра ба маротиб боло рафтааст, ҳодисаҳои зӯроварӣ ва хушунат дар оилаҳо боз ҳам ба мушоҳида мерасад. Дар бисёр маврид занону духтарони тоҷик низ дучори хушунати хонаводагӣ мегарданд, ки ин ҳолат фазои солими хонаводаро вайрон карда, боиси ба миён омадани нобоварӣ, бедоршавии ҳисси нафрат ва аз байн рафтани муҳаббату самимият мегардад. Он ба ахлоқи кӯдакон таъсири манфӣ расонида, дар оилаҳои носолим аксар вақт фарзандон ҳам дузд, тарсу, бераҳм, рӯҳафтода ва бадахлоқу ҷинояткор ба воя мерасанд.

Сабаби асосии зиёд шудани ҳодисаҳои хушунат аз сатҳи пасти маърифати аҳолӣ, бахусус аз таълиму тарбия дур мондани занону духтарон ва ҷавонписарон мебошад. Аз ҷониби дигар, таъсири муҳит, ҳамсояҳо, хешовандони наздик дар барафрӯхтани низоъ миёни хонаводаҳои тоҷик хеле зиёд аст. Инчунин, қолабҳои кӯҳнашудаи нобароробарии зану мард, бартарӣ додан ба сарварии мардон дар оила, хурофотпарастӣ, сатҳи камбизоатӣ боиси хушунату зӯроварӣ дар оилаҳо мегардад.

Баҳри рафъи ин зуҳуроти ноҳатлуб, ки пайомади бисёр ногуворе ба монанди ҷудошавии оилаҳо, бесарпаноҳ ва ятиму беназорат мондани кӯдакон, сустиродагии занон ва дар бисёр маврид бероҳагард шудани онҳо мегардад, бояд ҳамаи аҳли ҷомеа, бахусус дар мактаби миёна, кормандони бахши кор бо занон ва оила, САҲШ, раисони маҳаллаҳо, роҳбарони ташкилоту муасиссаҳо ва худи оилаҳо дастаҷамъона кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки қабл аз ба расмият даровардани ақди никоҳ корҳои фаҳмондадиҳиро дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намоянд, то дар ҷомеа теъдоди оилаҳои солим зиёд шавад, зеро оила ниҳоди ибтидоӣ ва асосии пайвастан ба ҷомеаи мутамаддин мебошад.

***Байти "Занонро бувад бас ҳамин як ҳунар, Ки шинанду зоянд шерони нар!"-ро ба Ҳаким Фирдавсӣ нисбат медиҳанд. Назари шумо оид ба ин мавзӯъ чист?***

Вобаста ба ҳар давру замон ва тағйир ёфтани форматсияҳои ҷамъятӣ вазифа ва уҳдадориҳои аъзои ҷомеа низ дигаргунӣ мепазирад. Шояд замоне буд, ки:

***Занонро бас буд, ҳамин як ҳунар,***
***Ки шинанду зоянд шерони нар"***

Вале, имрӯз:

***"Аз зани имрӯзаи мо***
***ҳикмату эъҷоз пурс,***
***Дар фазои зиндагӣ***
***кайфияти парвоз пурс,***
***Аз замин зан меравад сайри***
***кавокиб мекунад,***
***Давраи мо кард занро дар***
***ҳунар мумтоз, пурс"***

Албатта, дар хона нишастани ҳамаи занон имконнопазир аст, зеро зану мард ҳуқуқи баробар доранд ва метавонад барои пешрафти ҷомеа нақши пуррангу муассир гузоранд.

Ва дар ҳар сурат зани замони муосир бояд соҳибмаърифат бошад, зеро "Мардро мард мекардагӣ ҳам зан ҳасту номард мекардагӣ ҳам".

***Шумо 3 сол муҳаррири рӯзномаи донишгоҳ "Анвори дониш" будед. Чӣ хотироту ёддошт аз он солҳо доред?***

- Рӯзномаи "Анвори дониш", ки оинаи пурҷилои донишгоҳ аст, дар ҳаёти ман ҷойгоҳи хосаро дорост. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали таъсис ёфта-

*Идомааш дар саҳ. 10*

**Худойдодова Шарофат Зардовна 26-уми апрели соли 1967 дар шаҳри Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 1984 ба факултаи филологияи руси Институти давлатии педагогии шаҳри Кӯлоб дохил шуда, онро соли 1989 хатм намудааст. Аз худи ҳамон сол ҳамчун асистенти кафедраи забони русии факултаи омӯзгорӣ ба фаъолият пардохтааст. Дар давоми таҳсил дар донишкада, дар факултаи ихтисосҳои ҷамъиятӣ, дар бахшҳои журналистика ва шореҳи сиёсӣ таҳсил намуда, ҳамзамон ба сифати наттоқи бахши русии онвақта радиои вилояти Кӯлоб, мухбири ғайривоҳидии рӯзномаи "Кулябская правда" ва "Роҳи ленинӣ" кору фаъолият намудааст.**

**Соли 1995 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси таърихи филологияи тоҷик хатм кардааст. Солҳои 1995-2004-мудири кафедраи забони русии факултаи филологияи рус, солҳои 2004-2008-мудири кафедраи МТЗАР-и факултаи филологияи рус, солҳои 2010-2013-мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ ва аз моҳи декабри соли 2013 то моҳи апрели соли 2014-мудири кафедраи журналистика, аз соли 2014 ноиби ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба корҳои тарбиявӣ, аз соли 2015 то соли 2019 ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия ва аз феврали 2019 ноиби ректори донишгоҳ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.**

**Ҳамзамон Худойдодова Ш.З. дар иҷрои вазифаҳои пурмасъули котиби Шӯрои олимон (2006-2009), соли 2009-декани факултаи филологияи хориҷӣ, котиби матбуотии ректори донишгоҳ (аз соли 2010 то инҷониб), муҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш" (2006-2009) ва дар ҷараёни фаъолият дар ВАО-и Тоҷикистон, бахусус ҳамчун муҳаррири Намояндагии Муассисаи давлатии "Телевизиони Сафина" дар шаҳри Кӯлоб (тибқи шартнома), омӯзгори фанҳои "Асосҳои реклама ва паблик", "Назарияи тарҷума" ва "Тарҷумаи матни публиститсӣ"-и кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бевосита дар таҳия ва пахши рекламаҳо бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ, нигориши мақолаву очеркҳо дар матбуоти даврӣ ва роҳбарии корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони ҷавон ширкат меварзад.**

**Соли 2010 дар мавзӯи "Таҳлили таркибӣ-мазмунии забон ва услуби матнҳои рекламавӣ (дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)" ("Структурно- семантический анализ языка и стиля рекламных текстов (на материале таджикского, русского и английского языков" ) рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст, ки дар самти омӯзиши забон ва услуби матнҳои рекламавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо мебошад.**

**Номбурда муаллифи беш аз 45 адад мақолаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ, муҳаррир ва муаллифи наздики 75 барномаҳои мукаммали фарҳангию сиёсӣ ва иқтисодию варзишии "Аз шаҳри ёрон" дар "Телевизиони Сафина" мебошад.**

**Шарофат Худойдодова соли 2019 аз ҷониби АМАР (Агенти мустақили аккредитатсия ва рейтинг)-и Ҷумҳурии Қазоқистон соҳиби сертификати "Эксперти байналмилалӣ"ба мӯҳлати 5 сол гардидааст.**

**Барои хизматҳои содиқона дар соҳаи маориф ва рушди журналистикаи муосир бо як қатор ҷоизаву ифтихорномаҳо, аз ҷумла: Аълочии Маорифи Тоҷикистон (2012) (Душанбе); Аълочии телевизион ва радиои Тоҷикистон (2013) (Душанбе); Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (2013) (Душанбе); Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2014) ( Душанбе); Ифтихорномаи Раиси вилояти Хатлон (2013, 2013, 2014), Ифтихорномаҳои Раиси шаҳри Кӯлоб (2016, 2018), ва соли 2015 бо медали "Хизмати шоиста" қардшиносӣ гардидааст.**

*Умри дубора дар гираҳи рӯзгорр нест,*
*Дилро зи зулфи ёр ҷудо мекунем мо.* *Соиб*



# ХУДОЙДОДОВА: ИЛМ ДАР ОН ҲОЛАТЕ ХОР МЕШАВАД, КИ БА ОН ШАХСОНИ ТАСОДУФӢ ДАСТ МЕЗАНАНД!



ни он бо ҳама муҳаррирон ҳамкорӣ доштам, вале замони ба сифати сармуҳаррир фаъолият намудани рӯзноманигори варзида, шодравон Аслон Исломов (рӯҳашон шод бод!) ин даргоҳ чун "хонаи умед"-и навқаламон гардида буд. Мо, ки ба фаъолияти таълимӣ машғул будем, устод А.Исломов мудом раҳнамоӣ мекарданд, то мушоҳидакорона бо олимону омӯзгорон ва донишҷӯён дар тамос шуда, андешаҳояшонро атрофи ин ё он паҳлӯи кору фаъолият ва ё вазъи ҷомеа, раванди таълим, чорабиниҳои фарҳангӣ, ҳаёту фаъолияти илмию эҷодии кормандони донишгоҳ рӯи коғаз биёрем. Ҳамин буд, ки дар нашрия рубрикаҳои нав ба нав пайдо мешуданд ва аксари маводи таҳияшударо худи кормандону омӯзгорону донишҷӯён пешниҳод мекарданд. Азбаски дар он давра ҳанӯз дастрасии комил ба технологияи ҳозиразамон набуд, рӯзномаро барои саҳифабандиву чоп ба шаҳри Душанбе мебурдем, ки хеле мушкил буд.

Маҳз "Анвори дониш" ба шиносоӣ пайдо намуданам бо журналистони шинохтаи тоҷик ва ҷавонони соҳибзавқу эҷодкори рӯзномаҳои маркази кишвар мусоидат намудаасту малакаҳои кор дар матбуотро дар заминаи ин рӯзнома мукаммал гардонидаам.

Имрӯз "Анвори дониш" аллакай мактаби таҷриба аст.

***Фаъолияти омӯзгориатон ба кори рӯзноманигориатон қариб ки баробар аст. Аз ин рӯ, мехостем чӣ гуна будани чеҳраи аслии журналистро аз назари Шумо бифаҳмем?***

- Соя ва ифшогари чеҳраи аслии журналист маҳсули эҷоди ӯст. Яъне донишу ҷаҳонбинии васеъ доштан, ҳамнафасу ҳамқадами замона будан, дарди Ватан, миллат ва ҳар фарди ҷомеаро дар рагу хуни хеш ҷой дода тавонистан, манфиатҳои миллиро авлотар аз шуҳрату ҷоҳу мансаб донистан, беғараз будану тамаъҷӯӣ накардан рӯшангару бозгӯяндаи чеҳраи аслии журналист буда метавонанд.

Журналист ҳам он нафарест, ки бо инъикоси воқеъӣ маводи таҳлилию интиқодӣ камбуди рӯзгорро ифшо мекунад ва ҳам дигаре, ки васфи арзишҳои бебаҳои миллиро, ва дар ҳарду маврид сухани ӯ бояд созанда бошад на сӯзанда.

Айёми мактабхонӣ ба матбааи шаҳри Кӯлоб мерафтам, ки амакҳоям Хайрулло ва Ҳабибулло (Равонашон шод бошад!) дар он ҷо ба ҳайси ҳуруфчин кор мекарданд. Он замон бо сурб рӯи коғази картонӣ бо як нозукии хоса ҳарфҳоро як-як мечиданд ва сипас рӯзномаҳо чоп мешуданд. Ба ин кор бо ҳавас менигаристам, зеро аз аввалин хонандагони маводи чопии муаллифон будам.

Ҳамагӣ 17 сол доштам, ки донишҷӯи факултаи забон ва адабиёти рус шудам ва дар ҳама чорабиниҳои факулта ва донишгоҳ бо забони русӣ шеър мехондам. Рӯзе устодам Сергей Иванович Индюков маро ба хонаи радиои вилоят бурданд, то матнҳои ахборро бо забони русӣ сабт намоям. Ҳамин тавр, дар радиои "Ин ҷо Кӯлоб"- "Говорит Куляб" машқи садо мекардам. Баъдҳо, узви маҳфили овозадори "Хайрандеш", мухбири ғайриштатии рӯзномаҳои "Кулябская правда", "Роҳи ленинӣ" шудаму саодати омӯзиши маҳорат аз журналистони варзидаеро ба мисли Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Турко Дикаев, Давлаталӣ Раҳмоналиев, Қувваталӣ Холов, Мисралӣ Сониев, Аслон Исломов, Саидҷон Ҳакимзода,(Равони ҳар яке гиромӣ бод!), Муҳаммад Ғоиб, Мираҳмад Амиршоев, Сайид Раҳмон, Хайриддин Қурбонов, Ҳайдар Усмонов, Холбой Қурбонов ва дигарон насибам гардид.

Бо ифтитоҳ гардидани намояндагии ТВ "Сафина" дар минтақаи Кӯлоб тӯли 8 сол ба сифати муҳаррир ва натоққи барномаи иттилоотии "Навид" фаъолият карда, наздики 75 барномаҳои мукаммали фарҳангию сиёсӣ ва иқтисодию варзишии тавассути барномаи "Аз шаҳри ёрон" дар "Телевизиони Сафина" ба ҳамдиёрон пешкаш намудаам.

Дар ин мудаввом аз соли 1989 то ба имрӯз (30 сол) фаъолияти омӯзгорӣ ва собиқаи бетанаффус дар ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дорам, ки аз ин хеле ифтихормандам.

***Ба назари Шумо як зан чӣ гуна метавонад дар зиндагӣ ва ё дигар соҳаҳо муваффақ шавад?***

- Гумон мекунам, ки: "Ба ҳар коре ки ҳиммат баста гардад, Агар хоре бувад гулдаста гардад". Дуруст аст, ки роҳи зиндагӣ ва ҳам ҷодаи илм тахту ҳамвор нест, вале зане, ки дар зиндагӣ муваффақ мешавад, аз уҳдаи ҳама кор мебарояд. Фақат дар ҳар зинае бояд таҳаммулпазир буд, дасту дили пок дошт ва завқи беандоза.

***Намунаи омӯзгори мактаби олӣ ба назари Шумо бояд чӣ гуна бошад?***

- Омӯзгори мактаби олӣ бояд шахси таҳсилдида, мусаллаҳ бо донишҳои амиқи тахассусӣ, нафари ҳамаҷониба камолёфта, дорои маърифату одоб ва хулқу атвори ҳамида ва пайи ҷустуҷӯи навгониҳои илмӣ бошад. Ҳар як дарсаш бояд нотакрор ва пешаи омӯзгорӣ ба гуфти Муҳаммад Ҳиҷозӣ барояш бояд "ишқ" бошад.

Дар замоне, ки технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бо суръати кайҳонӣ рушд менамоянд ва насли наврас ва ҷавонон бештар аз воситаҳои техникӣ ва онлайнии муошират истифода мекунанд, дар аксар ҳолат ҷиҳати худ кардани барномаҳои таълимӣ ва иҷрои супоришҳои мустақилона ба саҳлангорӣ роҳ медиҳанд. Барои он ки машғулиятҳои иловагӣ самаранокии бештар дошта бошанд, омӯзгори замони муосир бояд на фақат бо дониши тахассусӣ мусаллаҳ бошад, балки ҳамқадами замон буда, аз истифодаи аёниятҳои техникии таълим бо хубӣ барояд. Ҳамзамон набояд фаромӯш сохт, ки бедор намудани шавқи хонандагон ва донишҷӯён ба фанҳои таълимӣ ба маҳорату истеъдоди омӯзгор вобаста аст. Ба қавли шоир:

***Дарси муаллим ар бувад***
***замзамаи муҳаббате,***
***Ҷумла ба мактаб оварад***
***тифли гурезпойро.***

Ҳатто диққати шогирди сустхон ва дарсгурезро ба воситаи дарси пурмазмун ва муносибати ҳирфавии омӯзгор ҷалб намудан мумкин аст, яъне тавассути дарси пурмуҳтаво ҳатто дар рӯзи истироҳат шогирди дарсгурез ҳам майли мактабравӣ пайдо хоҳад намуд.

Айни ҳол, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таълим дар доираи таълими босалоҳият ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар доираи низоми кредитии таҳсилот амалӣ карда мешаванд, ба мавқеи асосӣ ва муҳими омӯзгор дар раванди таълиму тарбия компонентҳои иловагӣ зам мегарданд, яъне омӯзгору шогирд дар ҷараёни таълим акнун ҳамбозанд (партнёр) ва муҳтавои таҳсилотро омӯзонидан ва аз ҳамдигар омӯхтан ташкил медиҳад. Дар ин росто, таваҷҷуҳи асосӣ ба иҷрои корҳои мустақилона дода шуда, омӯзгор вазифадор аст раванди назоратро дар ин самт пурзӯртар намояд, то сифати таълиму тарбия таъмин гардад.

***Шумо, ки чанд сол ноиби ректор оид илм ва инноватсия будед, ибораи "илмро хор кардан"-ро чӣ гуна мефаҳмед? Ба назари Шумо дар кадом ҳолат илм хор мешавад?***

- Рушди илм ва инноватсия рукни муҳимтарини давлатдорӣ ва пешрафти ҷомеа мебошад. Дар илм ҳамаи самтҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон, бастагии ӯ бо табиат, ҳаводиси рӯзгор ва таъриху тамаддун афзалиятноканд ва наметавон якеро дар мадди аввал ва дигареро дуюмдараҷа ҳисобид.

Илм дар он ҳолате хор мешавад, ки ба он шахсони тасоддуфӣ даст мезананд ва ҳадафашон танҳо зистан барои "хӯрдану пӯшидану маишат кардан! аст" ("Олими беамал-занбӯри беасал"). Ба илм нафарони зиёде дохил мешаванд, вале дар илм хидмат кардан-ин татбиқи самараноки натиҷаҳои ба дастомада аз таҳқиқотҳои илмӣ мебошад. Илми воқеӣ барои беҳтару арзандатар гардонидани зиндагии худу дигарон равона мегардад.

***Ба илм ҳаст ҳар салтанатро субот,***
***Ба илм аст ҳар мамлакатро мадор.***

***Ҳоло донишҷӯён аз мутолиа дур шудаанд. Сабаби ин мушкилиро дар чӣ мебинед?***

- Ба китобхонӣ камтар майл намудани ҷавонон ва насли калонсол низ сабабҳои гуногун дорад. Солҳои қаблӣ расонаҳои иттилотии онлайнӣ, телевизиону радио аҳён-аҳён буданд ва мардум зиёдтар рӯзномаву маҷалла ва китоб мутолиа мекарданд. Дигар омиле, ки ба ҳаёти маъмулии сокинон таъсири манфӣ расонид, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд. Муддате пайи ризқу рӯзӣ давидан, муҳосираҳои иқтисодии минтақаҳо мушкилоти зиёде ба бор овард, ки дигар аҳли ҷомеа аз китобхонӣ дур монданд.

Сабаби дигар, ба андешаи ман, ин нарасидани адабиёти бадеӣ, бо теъдоди кам нашр шудани асарҳои бадеӣ ва дархӯри завқи ҷавонон набудани асарҳои таълифшуда мебошад.

Аммо андешае, ки донишҷӯён тамоман китоб намехонанд, чандон воқеият надорад. Дар доираи барномаҳои таълимӣ, инчунин навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм донишҷӯ бечунучаро ба китоб рӯ меоранд.

Дар ин росто, эълон гардидани озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ" воситае муҳимест баҳри тавсеаи китобхонӣ ва илму донишандӯзии ҷавонон.

***Таманиёти Шумо!***

- Ба аҳли эҷод ва хонадагони ҳаводорони рӯзномаи "Анвори дониш", ба олимону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ таманнои расидан ба орзуҳои наҷибу созандаро дорам. Бигзор, ки "Анвори дониш"-ин минбари илму маърифат бо шиори "Зинати инсон се чиз аст: илм, озодӣ, муҳаббат" зинатбахши рӯзгори хушу осуда ва равшангари дили ҳар як шаҳрванд ва хонадони тоҷик бошад!



*Мушкинисо ҶАЛИЛОВА, лаборанти кафедраи химия ва биология*

## ТЕРРОРИЗМ - ТАҲДИД БА ИНСОНИЯТ

Дар ҷомеи имрӯза хатарҳои глобалӣ ва таҳдид ба инсоният бо нақшаҳои нави ба ақли инсон намеғунҷидагӣ рӯи кор омада истодааст. Ҳамаи ин гӯё бо қувваҳои аҳриманӣ идора карда мешавад. Барои ба муқобили қувваи шарр (бадӣ) по ниҳодан инсониятро зарур аст, ки тамоми қувваю дониши худро истифода барад. Барои ҳамин имрӯз ҷаҳонишавии тамаддунҳо ва дигар табодул барои инсоният рафта истодааст. Барои ин донишкадаҳои ҷаҳонӣ тибқи нақшаҳои дурнамо фаъолият карда истодаанд.

Ҳамасола дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба вазъи сиёсиву иқтисодӣ, пайдоиши қувваҳои иртиҷоӣ ва террористӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Африқо ва дигар манотиқи олам таъкидҳои судманд менамояд. Аз ҷумла, дар Паёми имсола оид ба ин вазъ чунин суханронӣ намуданд: "Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо вуҷуди тағйирёбии вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳон, дар роҳи пешрафти бемайлони иқтисодӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ бо қадамҳои устувор пеш меравад."

Аммо вақтҳои охир дар ҷаҳон раванди бартариҷӯӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави "ҷанги сард" боиси нигаронӣ гардидааст.

Соли ҷорӣ дар гӯшаҳои гуногуни олам ноороми ву низоъҳо идома ёфта, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун айёми душвору пуртаззод эътироф гардид.

Дар ин давра зиёда аз сад давлати дунё мавриди ҳамлаҳои ғайриинсонии террористон ва ифротгароён қарор гирифтанд.

Тоҷикистон яке аз давлатҳоест, ки дар Осиёи Миёна ҷойгир буда, бо 4 давлат ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Хитой ва Афғонистон ҳамсарҳад аст. Агарчӣ байни се давлати дар шарқу ғарб ҳамсарҳадбуда тинҷиву оромӣ ҳукмфармо бошад, аммо дар ҷануб давлати Афғонистон ноором ва мардумаш бо амалҳои ғайриқонунӣ қатлу таҷовуз, парвариш ва тиҷорати маводи мухаддир, одамфурӯшӣ, аслиҳафурӯшӣ даст мезананд. Бар замми ин аз сарҳади тоҷик убур карда, мехоҳанд маводи мухаддирро ба дигар давлатҳо интиқол диҳанд. Тайи 40 сол боз дар давлати ҳамсоя ҷангу хунрезӣ идома дорад. Аҳолии муқими Афғонистон пурра мусулмон буда, миллатҳои гуногун дар он ҷо иқомат менамоянд. Ҷанги мазҳабиву қабилачигӣ то ба ҳол идома дорад. Мардуми тоҷик ба ин аҳволи давлати ҳамсоя бетараф нестанд.

Пешвои миллат дар Паёми имсола доир ба ин вазъ чунин қайд карданд: "Хатарҳои замони муосир, вазъият дар Ховари Миёна, бахусус, вазъи Афғонистони ҳамсоя моро водор месозанд, ки ба масъалаи таъмини амният диққати аввалиндараҷа диҳем.

Бахусус, дар қаламрави Афғонистон пайдо шудани террористони ба ном "Давлати исломӣ", ки баъзе шаҳрвандони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ ба он шомиланд, вазъро боз ҳам ноором намуда, боиси ташвиши давлатҳои ҳамсоя гардидааст.

Тоҷикистон, ки бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ дорад, ба ин масъала бетафовут буда наметавонад.

Вазъи имрӯзаи сарҳад бо Афғонистон низ моро водор менамояд, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Мушкилоти дигари бо вазъи Афғонистон алоқаманд муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад."

Имрӯз ҳар як фарди тоҷик ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми неруву малакаи худро барои ободиву зебо гардонидани як гӯшаи Ватани азиз сарф намуда истодааст.

*Сахтӣ расад аз чарх ба нозуксуханон беш,*
*Бо санг сару кор бувад шишагаронро.* Соиб






# ҲИКОЯИ «ГАДОӢ»

**Антон ЧЕХОВ**

- Сарвари соҳибкаромато! Лутфи шумо поянда, гӯшаи чашме ба ин соили бадбахти гурусна кунед. Се рӯз аст, ки чизе нахӯрдаам... панҷ копек надорам, ки шаб гузаронам... ба Худо савганд! Ҳашт сол дар деҳа муаллим будам ва бо дасисаҳои идораи маҳалл аз кор рафтам. Аз фитнаи суханчинҳо барбод шудам. Инак, як сол аст, бекорам.

Вакили мудофеъ, Сквортсуф, ба палтои кабуди дарида ва ба чашмҳои хираи махмуру доғҳои сурхи рухсори хоҳанда нигариста, ба назараш намуд, ки ӯро пештар дар кучае дидааст.

- Аз вилояти Калуга коре пешниҳодам кардаанд, - мегуфт хоҳанда, - аммо пул надорам, ки равам. Кумакам кунед, лутф намоед! Аз дарюзагӣ шарм медорам, аммо... шароит ночорам кардааст.

Сквортсуф ба калушҳои ӯ нигарист, ки яке амиқу дигарӣ реза буд ва беихтиёр ба ёдаш омад.

- Гӯш кунед, гумонам шуморо, се рӯз пеш дар Садовое медидам, - гуфт ӯ, - аммо он вақт мегуфтед, ки на омӯзгори деҳа, балки донишҷӯед, ки ихроҷатон кардаанд. Ёд доред?

- На... набояд, имкон надорад! - ғур-ғур кард хоҳанда хиҷолатмандона. Ман муаллими рустоям, санад ҳам дорам, агар хоҳед, нишон медиҳам.

- Кофист, дурӯғ нагӯед! Шумо худро донишҷӯ гуфтед; ҳатто сабаби ихроҷ шуданатонро ҳам ба ман нақл карда будед. Ёдатон омад?

Сквортсуф тоб гирифт ва чеҳраваш нафратбор гашту аз ин ҷандапӯш дур шуд.

- Ин як разолат аст, сарварам! - садо баланд кард вай хашмгинона. - Ин реву риёст! Бало занад, шуморо ба пулис месупорам! Агар нодору гурусна ҳам бошед, ҳақҳ надоред, ки бо чунин густохию бешармӣ дурӯғ гӯед!

Ҷандапӯш аз дастаи дар дошт ва ҳамчун дузди дастгиршуда, ошуфта ба даҳлез нигарист.

- М... ман дурӯғ н-намегӯям... - ғур-ғур кард ӯ. Метавонам аснод нишон диҳам.

- Кӣ шуморо бовар мекунад? - Сквортсуф ҳамоно хашмгин мешуд. - Суиистифода аз илтифоти мардум нисбат ба муаллими деҳоту донишҷӯ - чӣ кори пасте! Разолату беобрӯӣ! Нафратангез аст!

Сквортсуф барошуфт ва то метавонист, ҷандапӯшро оташинона накӯҳиш кард. Бешармона дурӯғпароканиҳои хоҳанда ғазабу нафраташро барангехт ва ба он эҳсоси отифии вуҷуди ӯ - накӯкорӣ, қалби саршор аз меҳру шафақат, хайрхоҳӣ ба мазлумон, ки Сквортсуф худ дӯст медошту ҳам арҷ мегузошт, иҳонат кард; Сквортсуф дӯст медошт, ки аз самими қалб ба бенвоён эҳсон кунад, аммо ин мард бо ин дурӯғҳо гӯиё доду диҳиши вайро макруҳ намуд. Ҷандапӯш ибтидо худро сафед мекард, ба Худо савганд мехӯрд, аммо баъд сокит шуд ва шармида сар ба зер афканд.

- Олиҷаноб! - гуфт ӯ, даст рӯйи қалб ниҳода, - Воқеъан ман... дурӯғ гуфтам! Ман на донишҷӯяму на омӯзгори деҳа. Ин ҳама ҷуз дурӯғпардозие нест! Ман дар дастаи хори русӣ будам ва аз он ҷо ба хотири майхорагӣ ронда шудам. Аммо дигар чӣ кор кунам? Боварам кунед, ба Худо, ки бе дурӯғ намешавад! Вақте ман сухани рост меорам, касе хайре намекунад. Бо ростгуфторӣ мемирӣ аз гуруснагӣ ва шабона дар сармои бесарпаноҳ ях мекунӣ! Ҳарфи шумо дуруст аст, мефаҳмам, аммо... чӣ кунам дигар?

- Чӣ кунед? Мегӯед, ки чӣ кор ҳам бояд кард? - дод зад Сквортсуф бо ӯ наздик шуда, - Чора коре кардан, танҳо ҳамин! Кор бояд кард!

- Коре бояд кард... Мефаҳмам, аммо кор аз куҷо?

- Ёва! Шумо ҷавон, солиму тавоно, ҳамеша метавонед кор ёбед, танҳо шавқ мебояду бас. Вале шумо як танбали нозпарвардаю бадмастед! Бӯйи шароб мекунад сар то поятон, мисли майхонаҳо! Шумо ба дурӯғ гуфтан хӯ гирифтаед, мағз андар мағз фосид шудаед ва танҳо ҳамин лаёқатро доред, ки бо шилқинӣ гадоӣ кунеду берӯёна дурӯғ гӯед! Агар замоне ҳам аз сари лутф тан ба кор медодед ва шуморо дар ягон идора ё хори русӣ, ё дар билёрдхонае чун ходим мегирифтанд, он ҷо ҳам бекору фориғ мегаштед, фақат пул мегирифтед! Лузуман, ба кори ҷисмонӣ чиро машғул намешавед? Шояд нахоҳед ҳам ки дарбон дар даргоҳе ё коргар дар коргоҳе бошед! Фақат иддио пеш меоред, на дар фикри коред!

- Ба Худо, ки изҳориназарҳои аҷиб... - ба нармӣ гуфт хоҳанда ва нешханди талхе зад. - Кори ҷисмонӣ аз куҷо пайдо кунам? Дигар дер шудааст, ки мағозадор шавам, зеро ба тиҷорат аз баччагӣ бояд пардохт, маро касе ба дарбонӣ намегирад, баройи он ки дӯст надорам маро шумо нагӯянду ту гӯянд... аммо ба коргоҳ қабул надоранд, бояд ҳунаре дошт, ки ман чизе намедонам.

- Ин ҳам ёва! Баҳонаатон ҳамеша бар сари забонатон! Оё майл доред, ки ҳезум шиканед?

- Ман мувофиқам, вале имрӯза ҳезумшиканҳои воқеъӣ ҳам дар канору бекоранд.

- На, танбалҳо чунин мулоҳаза меронанд. Ба шумо коре ҳам пешкаш шавад, радд хоҳед кард. Мехоҳед, ҳезумҳои маро бишканед?

- Мусаллам аст, мешиканам...

- Ху-уб, мебинем... Хеле олӣ... Хоҳем дид!

Сквортсуф даступо хӯрд ва, то ҳадде бо шамотат дастонашро ба ҳам соиду хонуми ошпазро аз матбах хонд.

- Бибин, Олга, - руҷуъ кард ба ӯ, - ин алоҳазратро то анбор раҳнамоӣ кун, фармой, ки ҳезум бишканад.

Ҷандапӯш китф дарҳам кашид, то ҷое мутаҳаййир гашту беҷуръатона ба дунболи пешхидмат омад. Қадаммонияш мегуфт, ки ин мувофақати ӯ бар бинои ғуруру шарм буд ва мехост марди қавлу амал буданашро нишон диҳад, на ин ки бираваду ҳезум бишканад, то пул ба даст ораду гуруснагӣ бизудояд.

Сквортсуф шитобон ба ошпазхона омад. Он ҷо аз тиреза, ки ҷониби ҳавлӣ буд, саройи ҳезум ва ҳар рухдоди саҳни ҳавлӣ намоён буд. Сквортсуф назди тиреза истода, дид, ки ошпаззан ва ҷандапӯш чӣ гуна аз дари ақиб ба саҳни ҳавлӣ баромада, аз миёни барфи гилолуд ҷониби сарой рафтанд. Олга, оташинона ҳамроҳи хешро нигаристу оринҷҳояшро ду тараф такон дода, саройро боз кард ва бо хушунат дарро зад.

"Шояд, мо ба ин зан халал расондем, ки қаҳвваашро нӯшад, - ба худ мегуфт Сквортсуф. - Аҷаб мавҷуди бадхулқе!"

Сипас ӯ дид, ки ин вонамудиндонишҷӯю муаллимнамо чӣ гуна рӯйи кунда нишаст ва дастҳо ба гунаҳои сурхаш такя занонда, дар бораи чизе ба андеша рафт. Зан табарро пеши пояш партофт, бо ғазаб оби даҳон андохт ва, аз ҳавои лабонаш маълум буд, ки сарзаниш мекунад. Ҷандапӯш коҳилона ҳезумеро пеш кашид, миёни поҳояш гузошту беҷуръатона табаре зад бар он. Чӯб алвонҷ хӯрду уфтод. Ҷандапӯш онро ҷониби худ бозкашид, дастони хунукхӯрдаашро ҳаври даҳон зад ва иҳтиёткорона дубора табар андохт, гӯиё метарсид ки ба кафши худ назанад ё ангуштонро набурад. Чӯб ин бор ҳам уфтод.

Хашми Сквортсуф акнун пойин шуда буд ва то ҷое иҳсоси шарму дард кард, ки вай як каси нозпарвардаву бадмаст ва шояд касалмандро дар сармо маҷбур кард, ки чунин кори сиёҳе кунад.

"Хуб, боке нест, бигзор... - андешид ӯ, ки аз ошпазхона ба ҳуҷраи корӣ мерафт. - Ман, ки ба нафъи худи ӯ кардаам".

Соъате пас Олга аз дар даромад ва хабар дод, ки ҳама ҳезум шикаста шуд.

- Бигир, ин ним рублро бидеҳаш, - гуфт Сквортсуф. - Агар хоста бошад, бигзор, ҳар аввали моҳ ҳезумшиканӣ биёяд... Кор ҳамеша пайдо мешавад.

Ҷандапӯш сари моҳ ҳозир шуд ва боз ним рубл кор кард, агарчи ӯ базӯр ба пой меистод. Ӯ аз ин ба баъд ҳар гоҳе дар ҳавлӣ пайдо мешуд ва ҳар бор ҳам барояш коре меёфтанд: гоҳ барфи анбуҳеро мерӯфт ё саройи ҳезумро муназзам мекард, гоҳе ҳам ғубор аз гилему курпаҳо меафшонд. Ба ивази кораш ӯ ҳар бор бист - чиҳил копек дастмузд мегирифт, ҳатто боре ҳам барояш шалворҳои куҳна фиристоданд.

Сквортсуф ҳине ба хонаи дигар кӯч баст, ӯро киро кард, то дар ҷамъ овардану кашондани ҷевонҳояш кумак кунад. Ҷандапӯш ин бор маст набуд, афсурдаву бесарусадо буд; вай ба сахтӣ даст ба ҷевонҳо мезад, бо сари хам аз паси аробаҳои пурбор меомад ва ҳатто саъй накард, ки хештанро пуртаҳаррук намоёнад, танҳо аз сармо меларзид ва ҳангоме ки аробакашҳо ба коҳилӣ ва заъфи ӯву ба палтои даридаю як замон ашрофонааш ришханд мезаданд, хиҷолат мекашид. Пас аз анҷоми кӯч Сквортсуф фармуд, ки ӯро наздаш хонанд.

- Хуб, мебинам, суханони банда ба шумо асар гузоштаанд, - гуфт ӯ, ки вайро як рубл медод. - Ин ҳам барои заҳамотатон. Анун мебинам, ки ҳушёред ва рағбат ба кор ҳам доред. Чӣ ном доред?

- Лушкуф.

- Ман, Лушкуф, метавонам ба шумо кори дигареро пешниҳод кунам, озодатар. Шумо саводи навиштан доред?

- М-метавонам.

- Акнун бо ин нома пагоҳ назди ҳамкори ман меравед ва ҳамчун рӯнавис корманди ӯ мешавед. Кор кунед, майхорагӣ накунед, ҳар чӣ гуфтаам, аз ёд набаред. Худо ёри шумо!

Сквортсуф хушнуд буд, ки касеро дар роҳи дуруст ҳидоят кардааст; ӯ ба нармӣ даст ба китфи Лушкуф гузошт ва ҳатто ҳангоми худоҳофизӣ ба ӯ даст дод. Лушкуф номаро бигирифт, рафту, ҳайҳот ки дигар ба ҳавлӣ баҳри коре барнагашт.

Ду сол гузашт. Сквортсуф боре, ҳангоми билетхарӣ дар назди кассаи театр, дар бари худ ҷавони хурдҷуссеро дид бо гиребони пӯсти барра ва дар сар кулоҳи куҳнае аз мӯинаи гурба. Ин мард хиҷолатмандона аз фурӯшанда илтимос мекард, ки ба ӯ аз қатори боло билет диҳад ва чанд копек пардохт кард.

- Лушкуф, ин шумоед? - пурсид Сквортсуф, ки бо дидани ин марди хурдҷусса ҳезумшикани деринаи хешро бишинохт. - Ҳолатон хуб? Корҳоятон чӣ тавр? Зиндагӣ хуш мегузарад?

- Хуб аст як андоза... Акнун дар нотариус кор мекунам, маошам сиюпанҷ р-рубл.

- Худоро шукр. Хеле олист! Хушҳолам аз бароятон. Хеле ва хеле хушҳолам, Лушкуф! Шумо, охир, то ҷое писархондаи маънавии ман. Ман шуморо ба роҳи рост иршод кардам. Ёд доред-о, шуморо чӣ сарзанишҳое мекардам? Аз накуҳишҳои ман замин намекафид, ки дароед. Хеле хуб, ташаккур, азизи дил, ки суханҳои маро аз ёд набурдед.

- Ва ба шумо низ ташаккур, - гуфт Лушкуф. - Агар ба хонаи шумо наомада будам, то имрӯз шояд худро омӯзгор ё донишҷӯ мегуфтаму мегаштам. Бале, дар манзили шумо наҷот ёфтаму аз варта бурун ҷастам.

- Хушҳолам, хеле хушҳолам.

- Ташаккур барои суханҳову амалҳои некатон. Он вақт шумо басо хуб мегуфтед. Сипосгузорам аз шумову ҳамчунин аз он таббохи хонаатон; Худованд тандурусту шод дорад ин зани накӯву наҷибро. Он айём ба наҳви аҳсан мефармудед, ман то зиндаам, миннатдорам аз шумо, аммо, ростӣ ки, маро ошпаззани шумо - Олга наҷот дод.

- Олга? Чӣ мегӯед?

- Бале, Олга. Он замон, ки пеши шумо ҳезумшиканӣ меомадам, вай шуруъ мекард: "Оҳ, ту бадмасти майхора! Мардуду кофир! Илоҳо бимирӣ, бало занадат!" Баъд рӯбарӯям менишинад, дар андуҳ мезанад, маро менигараду мегиряд: "Чӣ бадбахте ҳастӣ ту! Дар ин дунё нишоте надорӣ, ва дар он дунё ҳам, ту бадмаст, дар оташи Дӯзах хоҳӣ сӯхт! Фалокатзада!" Ва аз ин қабил носазоҳо, чунон ки медонед. Намешавад ба ҷузъиёт пеши шумо адо кард, ки ӯ баройи ман чӣ қадар дилхун шуду ашк рехт. Муҳиммтар аз инҳо - ӯ ба ҷойи ман ҳезум шикаст! Ман, олиҷаноб, дар хонаи шумо ҳезуме нашикастаам, ҳамаро ӯ мешикаст! Чиро ин зан маро наҷот дод, чиро ман тағйир ёфтам, ба ӯ нигаристаму низ тарки машрубот кардам, наметавонам ба шумо тавзеҳ диҳам. Фақат медонам, ки аз суханҳои вай ва аз аъмоли наҷибонааш дар руҳи ман таҳаввуле омад, ӯ маро ба худ оварду ислоҳ намуд; инро ҳич гоҳ фаромуш намекунам. Аҳ-ҳа, фурсати вуруд шуд, садои занг меояд.

Лушкуф сари иродат хам карду роҳии қатори боло шуд.

***1887; Баргардони Обиди ШАКУРЗОДА, 25.8.2019, ш. Душанбе***

# МИНБАРИ

## КИТОБХОНАИ ДДК – МАХЗАНИ ИЛМУ ДОНИШ

*Низомуддин ГИЁЕВ,*
*донишҷӯи соли 4-уми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



Халқи тоҷик аз даврахои қадим миллати ватандӯсту китобдӯст дар ҷаҳон маъруфу машҳур гаштааст. Бузургони тоҷик ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Беруниву дигарон китобҳои бешуморе офаридаанд, ки имрӯз, мутаасифона баъзе китобҳои онҳо то замони мо омада нарасидаанд. Пас аз Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи китобу китобхонаҳо афзуд. Китоб - (навиштаҷоти варақаҳои ҷилдшуда) воситаи интишоргардонӣ ва нигоҳдории маълумот, идея, образ (тасвир) ва донишҳо мебошад. Дар омори байналхалқӣ мувофиқи тавсияи ЮНЕСКО асари ҳаҷман се ҷузъи чопӣ, яъне аз 48 саҳифа чопӣ кам набударо шартан китоб гуфтан мумкин аст.

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

Китобхона - (махзан, хазина) муассисаи иттилоотӣ, фарҳангӣ ва омӯзиши бо дорои фонди муташаккил ҳуҷҷатҳо, ки онҳоро барои истифои мувақатӣ ба ихтиёри истифодабарандагон гузошта, инчунин хизматрасонии дигари китобхонаро ба анҷом мерасонад. Китобхонае, ки дар асри IX-X тоҷиконро ба ҷаҳониён ошно кард, ин китобхонаи. "Савонеҳ-ул-ҳикмат" замони Сомониён буд. Бузургони замони Сомониён сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, шоири бузург Абулқосим Фирдавсӣ, энсиклопедистон Абӯнасри Форобӣ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва дигарон фаъолияти эҷодӣ кардаанд. Яке аз китобхонае, ки бузургони моро муаррифӣ мекунад ин китобхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад. Китобхонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таърихи 74 - сола дорад. Дар солҳои 50 - ум биноии китобхона ба талаботи омӯзгорону донишҷӯён ҷавобгӯ набуд. Дар давраи истиқлолият фонди китобхона то ба 287 ҳазор адад расид. Бо ташрифи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи сентябри соли 2015 бинои нави таълими замонавӣ дар зербинои он китобхонаи Донишгоҳ ва дар ошёнаи сеюм китобхонаи электронӣ кушодашуд.

*Соҳиби хона китоб хонӣ суде набувад,*
*Бояд, ки китобхона дар сина бувад.*

Хизматрасонии китобхона дар сатҳи олист. Мудири китобхона Иззатов Муҳаббат ҳамеша кӯшиш менамояд, ки адабиёте, ки дастраси хонандагон нестанд, дастрас намояд. Китобдор Ғаффуров Қамар барои омӯзгорон хизматрасонӣ мекунанд. Сардори шуъбаи умумии китобхона Убайдуллоева Дилором, Эрматова Уғолой, Шомадова Фарангис, Мирзоева Ситора, Ашурова Гулчеҳра ба донишҷӯён хизмат расонида, донишҷӯён бо кӯмаки онҳо адабиёти лозимаро бемушкилӣ дарёфт мекунанд. Ҳама шароит барои таҳсил фароҳам аст, ДӮСТОН! Пас барои шумо чӣ намерасад? Танҳо хондану хондану боз ҳам хондан. Вақтро беҳуда сарф накунед! Фақат дар ҷустуҷӯи илм бошед ва ҳатман дар дарёфти илм ва зиндагӣ муваффақ хоҳед шуд.

## КИТОБ-МАНБАИ ИЛМУ ДОНИШ

*Алиҷон МАЗОРИЕВ,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Китоб манбаи илму дониш, сарчашмаи дарёи ақл, махзани фарҳанги миллӣ, пояи тамаддуни ҷаҳонӣ ва калиди дари сухан аст. Бо ҳамин далел шоири бузурги форсу тоҷик Абдурраҳмони Ҷомӣ китобро чун фурӯғи субҳи доноӣ ба қалам додааст.

*Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,*
*Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.*

Инсон метавонад ба воситаи китоб адабиёту фарҳанг, сиёсату иқтисодиёт, одобу рафтор, таърихи гузашта ва имрӯзаи худро омӯзад. Таърихи пайдоиши китоб ба пайдоиши хат ва забон марбут аст. Баъди пайдо шудани хат одамони қадим имкон пайдо намудаанд, ки дар болои замин, чӯб, пӯсти дарахтон, дар рӯи санг, сафол нақш офаранд. Акнун бо мурури замон дар натиҷаи ихтирои коғаз тарзи нави китобдорӣ ҷорӣ гардид, ҳозир бошад ба ҷойи сангу чӯб аз коғаз васеъ истифода мебаранд. Китоб асосан воситаи нигаҳдории малумот, идея образ ва донишҳо мебошад. Осори классикон низ тавассути китоб то замони мо эҳё гардида, оламӣ тафаккури мардумро мисли субҳ равшан мекунад. Агар бодиққат андеша ронем, китоб рафиқи ҷонии инсон мебошад. Ба ин андеша дар шеъри Устод Ҷомӣ хеле муъҷизаовар ифода мекунад.

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2018 ба донишҷӯи соли 2-юми факултаи химия, биология ва география (шуъбаи рӯзона) Музаффарова Зебогул Баҳромовна додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

## КОНСТИТУТСИЯ-БАХТНОМАИ МИЛЛАТ

*Фарзона ИБРОНЗОДА,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



Яке аз дастовардҳои бузурги замони истиқлолият қабули Конститутсия мебошад, ки 6-уми ноябри соли 1994 сурат гирифтааст. Конститутсияи Тоҷикистон ҳамчун санади воломақоми миллат ва шоҳсутуни утворин сулҳу ваҳдат раҳнамои ҳамешагии мо хоҳад буд. Сабаби ба вуҷуд омадани ин рӯйдоди бузурги таърихӣ, тақозои замон, пешравии ҷомеа ва кишвари азизи мо тоҷикон гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади меъёрию ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва дар он арзиши олии миллат ҳисобида шудааст.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф риоя ва ҳифз менамояд. Ҳуқуқу вазифаҳои инсон аз ҷониби давлат эътироф ва кафолат дода мешавад. Конститутсия асосан шиносномаи давлату миллат ҳисобида мешавад, ки дар он номи давлат сохти давлатдорӣ ва сохтори он нишон дода мешавад. Он асосан қонуни асосии давлат ҳисобида шудааст. Конститутсия ҳуҷҷати муътабару тақдирсози ҳар як миллату давлат аст.

## ЭҲТИРОМИ ПУЛИ МИЛЛӢ ЭҲТИРОМИ МИЛЛАТ АСТ!

*Манучеҳри АШУР,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Дар ҳақиқат пули миллӣ ин рамзи давлатдорӣ, нангу номус ва ифтихори миллат аст. Зеро ки дар он расмҳои фарзандони баруманди миллат, макониҳои таърихии давлат акс ёфтаанд, ки ин ҳама ҳисси баланди миллӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтиром ва арзишҳои фарҳангу миллатанд ва ҳар яки мо вазифадорем, ки ин муқаддасотро гиромӣ дорем.

Мо бояд дар баробари эҳтиром доштан ба падару модар, обу хоки кишвар рамзу муқаддасоти миллии хешро низ бояд азизу муътабар донем. Лаҳзае, ки пули миллии мо ба муомилот баромад, дар ҳақиқат ҳар як шаҳрвандони тоҷик, хурду калон ифтихор мекард, ки мо тоҷикон, хушбахтона соҳиби пули миллӣ гардидем.

Мутаассифона, ин муқаддасоти миллӣ, на ҳама вақт аз ҷониби шаҳрвандон эҳтиром карда мешавад. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон, ки худро тоҷики асил меҳисобад, эҳтиёт накардану фарсуда гардонидан ва корношоям кардани пули миллии хеш, ки онро ҳамчун муқаддасоти миллат эътироф менамоем, боиси поймол намудани эътибору шаъну шарафи ҳам миллат ва ҳам бузургони мо мегардад.

Дар муомилот пулҳои ифлосу фарсудае, ки саропо дарбеҳ шудаанд, истифода мегардад. Пеш аз ҳама ин хунукназарӣ ва беэҳтиромии мо нисбат ба пули миллӣ мебошад. Ҳар як шаҳрванд ба ин муқаддасот, ки дар он расми фарзандони фарзонаи миллат акс ёфтааст, бо эҳтиром муносибат намояд ва ба дигарон низ талқин намояд, ки нишон аз эҳтиром ба халқу миллат аст.

## ЁДЕ АЗ ДАРДҲОИ КӮҲНА

*Аминҷон НАЗАРОВ,*
*донишҷӯи соли 5-уми факултаи физика ва математика*



Чи мушкил аст: танҳоӣ, ҷудоӣ, шикасту бевафоиҳо! Оре, ҳар яке аз инҳо дардеро болои дарди худ доранд, аммо ҳамдарде не!

Он шом, ки танҳо, ҷудо аз ҳама касу аз ҳама чиз будам, даруни синаи ғамолудаам оташ месӯхт! Он қалбе, ки умедвори ноумедвориҳо буду ҳама умедвориҳояш хокистар шуда буд, ба ҷуз дардҳо!

Он дардҳое боқӣ монда буданд, ки аз их дида сарду аз оташ дида сӯзонтар буданд, он дардҳо месӯхтанду ҳеҷ тамом намешуданд. Он дардҳо ба монанди офтоб месӯхтанд! Ончунон, ки ҳато ба он наздик шавӣ, ҳама чизро хокистару нобуд мекард, аммо худ чаро нобуд намешуд? Он чунон ки офтоб нобуд намешавад! Пас ғуруб кардани он дардҳоро интизор шуда хостам, ки каме саргарми худам ва сарнавиштам бошам. Вақте ки қадам ба берун мондам ҷилваҳои зебои ситораҳо ба чашмам расид. Ҷилваҳое, ки саршор аз меҳру муҳаббат. Ҷилваҳое, ки пур аз шодию фараҳ буданд, ки ба ҳар як дардам ҳам дарду ба ҳар як захмам дармон буд.

Ончунone ин ҷилваҳо дилу ҳушу хотироти қалбамро ба худ ҷалб карда буд, ки худро тамоман дигар ҳис мекардаму дар симои ҳар яке аз онҳо наздикон, дӯстон ва муҳаббатҳои аз қалб гум кардаамро медидам ва ба суяшон ҳарф мезадам.

Он ҳарфҳоеро мезадам, ки бо оташи дилам аланга мезаданд ва ҳеҷ хоҳиши хомӯш шуданро надоштанд. Ногаҳон осмони софу беғуборо ончунон нафрату андӯҳи абрҳои ғамолуда, ки дарунашон пур аз дарду кина ва нафрати бад ҷой дошт, фаро гирифт, ки ҷилваҳои зебои ҳама ситораҳои осмон пушти ғами ин абрҳо монд. Ин абрҳои ғамолудаю нафратангез ба ҳар як дардам дарду ба ҳар як захмам захмҳои дигарро ҷо мекарданду ба оташи қалбам аланга мезаданд?

## МОДАР

НАВҚАЛАМ

*Мадина НАБИЕВА,*
*донишҷӯи соли 3-юми факултаи омӯзгорӣ*



Аё модар, ту ҳастӣ қиблагоҳам,
Зи ҳар кулфат, ту ҳастӣ сарпаноҳам.
Аё модар, ту ҳастӣ ёвари ман,
Ту ҳастӣ модари ҷон дар бари ман.
Ту ҳастӣ ҳам вуҷуду ҳам суҷудам,
Бихонам ҳар даме баҳрат дурудам.
Ту ҳастӣ зиндадори номи фарзанд,
Аё модар, ту ҳастӣ беҳтарин ганҷ.

## ЗАБОН ДОНӢ-ҶАҲОН ДОНӢ

*Муҳаммадобид МИРЗОЗОДА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



Забон воситаи муомилот ва муошири одамон аст. Донистани ин ё он забон ба кас имконият медиҳад, ки аз бурду бохт, имконияту вазъият ва камбудию талаботи рӯзмарраи ҳаёт огоҳ гардад. Донистани забони ғайр донистани воқеияти ҳаёти миллати дигар ва кулли дигаргуниҳои олам аст. Барои омӯхтани забони дигар мо бояд пеш аз ҳама, забони модарии хешро ба хубӣ донем. Чунончи бузурге фармудааст:

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Донистани сад забон осон гардад.*

Аз ин рӯ, мебояд ҷаҳд намуд, ки забони миллии хешро ба пуррагӣ аз худ кард. Дар қатори омӯхтани забони миллати хеш омӯхтани забонҳои дигар низ бе манфиат нахоҳад буд. Дар мавриди омӯхтани забони ғайр кас метавонад бе ягон душворӣ бо ин ё он шахс гуфтугӯ намояд.

Хулоса, забондонӣ - ҷаҳондонист, бузургист, сарбаландист ва донистани забонҳои дигар миллатро ба бузургӣ, фардро ба воломақомӣ ва давлатро ба пешравию муваффақият ноил мегардонад.

*Забондонӣ ба волой расонад,*
*Зи гумроҳию нодонӣ раҳонад.*
*Касе к-ӯ беш омӯзад забоне,*
*Расидан бар муроди дил тавонад.*

## БИЁЕД, ТО АЗ ЯК ГИРЕБОН САР БАРОРЕМ!

*Муазамма САИДОВА,*
*донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



Ман Саидова Муазамма, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ, ихтисоси забони англисӣ чанд муддат мешавад, ки дар хобгоҳи рақами 1-ум ба сар мебарам. Дар ин муддат вақте ки маро дар як ҳуҷра бо духтарони гуногун ҳамроҳ намуданд, ман гумон мекардам, ки ба мисли як оила, монанди апаву хоҳар зиндагонӣ мекунем, аммо чунин набудааст! Фикри кардаи ман хато буд, зеро баъзе духтарон худсарона рафтор мекунанд, ба ҳама чизу ночизро баҳона карда, игво бардошта, доду фиғон мекунанд. Азбаски дар оилаи мо ин чунин игвоҳо вуҷуд надошт, ман бениҳоят рӯҳан азоб мекашам ва мехоҳам, ки ҳамаи духтароне, ки дар хобгоҳ зиндагонӣ мекунанд, ба монанди як оила бошанд.

*Биё, то қадри якдигар бидонем,*
*Ки то ногаҳ зи якдигар намонем.*
*Каримон ҷон фидои дӯст карданд,*
*Сагӣ бигзор, мо ҳам мардумонем.*

## РУШДИ САЙЁҲӢ МЕБОЯД!

*Сомонӣ ШАРИФЗОДА,*
*донишҷӯи факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид. Аз ин иқдоми пешгирифтаи худ Пешвои миллат меҳоҳад, он ҳунарҳое, ки халқи тоҷик, ки то ба имрӯз мерос мондаанд, боз ҳам ба таври замонавӣ ривоҷу равнақ диҳанд. Ҳунарҳои миллӣ, аз қабили ҳайкалтарошӣ, табақтарошӣ, атласу адрасбофӣ, чакандӯзӣ, хуллас чи ҳунаре, ки халқи тоҷик доранд, онҳоро боз ҳам сайқал диҳанд. Он нафароне, ки аз давлатҳои гуногун ҳамчун сайёҳ ба Ҷумҳурии мо ворид мешаванд, аз ҳунарҳои халқи мо ва ҷойҳои таърихӣ дидан мекунанд, ба худ ғизои маънавие мегиранд.

*Нест имрўз ба ҷамъияти мо сўхтае,*
*Боли парвоз бувад як вараќи дафтари мо. Соиб*



# ДОНИШҶӮ

## ИНСОН ВА КАЙҲОН

*Баҳриддин МИРЗОМУРОДОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи физика ва математика*



12-уми апрели соли 1961 бори аввал Юрий Алексеевич Гагарин ба киштии фалакпаймои "Восток" ба коинот парвоз карда, ҳамон рӯз дар ҷойи таъиншуда сиҳату саломат ба замин фаромадааст. Гагарин бо ин парвози худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Аз он рӯз сар карда Гагарин одами таърихии тамоми мамлакатҳои ҷаҳон гардид. Баъд аз парвози Гагарин бо суръати тез инкишоф ёфтани илмҳои гуногуни замона, аз он ҷумла физика, кимиё, биология ва дигарҳо авҷ мегирифт.

Пас аз он 6-уми августи соли 1961 бо киштии "Восток-2" фалакпаймои дуюми Германия Степанович Титов ба коинот баромад. Сеюмин фалакпаймо 11-уми августи соли 1962 майор А.Г.Николаев ба коинот парвоз карда, як рӯз пас баргашт. Соли 1963 нахустин дар ҷаҳон зан Валентина Терешкова ҳамроҳи Валерий Биковский бо кайҳон парвоз намуд. Онҳо дар муддати се рӯз атрофи заминро 48 маротиба давр зада, сиҳату саломат бар замин баргаштанд. То ба наздики бисёриҳо намедонистанд,ки намояндаи миллати тоҷик низ ба баланду пурифтихори кайҳонавардиро дорад. Ин шахс Солиҳҷон Шокирович Шарифов мебошад. Ӯ ду маротиба ба кайҳон парвоз кардааст. Аввалин бор соли 1998 ба муддати 8 рӯз дар парвоз буд.

## ҚАДРИ ИНСОН ДАР ҶОМЕАИ ИМРӮЗА

*Таҳмина ХОҶАЕВА, донишҷӯи соли 2-юми факултаи филологияи хориҷӣ*



Дар ҷомеаи имрӯзаи мо қадри инсон ба куллӣ тағйир ёфтааст. На ҳурмати инсони ҳасту на эҳтиром. Ҳама чизи дунёро ёфтан мумкин, аммо инсонро дубора ёфтан номумкин аст? Дар ҳаёти имрӯзаи мо худ вохӯрдӣ он ҳастем ва худ беҳтар аз ҳама ҳақиқатро медонем, ки инсон бо инсон чӣ гуна рафтор мекунад. Сухани инсон қадри як "тини пӯчак" арзиш надорад. Инсонро холо дар ин ҳаёт худашро на, балки молу мулку дороишро нигоҳ мекунанд. Мабодо агар корат ба шахсе афтод, дасти холӣ ҳатто дар ҳуҷраи худашон роҳ намедиҳанд. Ҳоло инсонҳо як сухани наверо омӯхтаанд, мегӯянд, ки "Ба мо дуо не, балки пулашро диҳед, бо дуои шумо ҷайби мо пур намешавад." Бояд шахси мусулмон рафтори инсонии худро бо шахсони дигар бар асоси дӯстиву рафоқат дар роҳи Худо поягузорӣ намояд.

Мо инсонҳо бояд ҳамаро бо як меҳру садоқат назар кунем. Инсони боақл хайрро бинад, аз думболаш мешавад, шарро бинад, аз ӯ дур мешавад. Эй инсон, нафаре, ки ба ту пушт мегардонд, малол машав, зеро ки дӯсту душманатро ҳоҳӣ донист. Эй инсонҳои имрӯзаи ҷомеа, бо инсонҳои дар гирду атроф буда, чунон муомила кунед, ки ҳатто вақти мурданатон душманатон низ бароятон гиря кунад. Мо инсонҳо намехоҳем қадру манзалати худро дар ҷомеа гум кунем.

## ДАР БОРАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

*Комилҷон РАҶАБОВ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ*



Ҳуқуқи инсон-маҷмуи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳое мебошанд, ки вазъи ҳуқуқи инсонро нисбат ба давлат имконият ва талаботҳояшро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маданӣ муайян мекунад. Ҳуқуқи инсон дар санадҳои зерини байналмилалӣ баён гардидааст: Эъломияи ҳуқуқи башар (соли 1948); Паймонҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, (соли 1966) Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ (соли 1966); Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6-уми ноябри соли 1994) ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар беҳтарин санади олии байналмилалӣ мебошад. Олимон исбот кардаанд, ки то имрӯз ягон санад чунин баҳои баландро сазовор нагаштааст, зеро ин ҳуҷҷати таърихӣ дар худ консепсияи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва принсипҳои асосии ҳуқуқҳои инсонро таҷассум намудааст. Тавре дар боло ишора рафт, яке аз сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ҳуқуқи инсон ин Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир аст. Эъломияи мазкур соли 539-ум пеш аз мелод аз ҷониби шоҳ Куруш-асосгузори давлати Ҳахоманишиён қабул гардидааст ва яке аз манбаъҳои муқаддаси давлати Ҳахоманишиён мебошад, ки дар он ҳуқуқ ба озодии эътиқод, озодии ҳаракат, интихоби манзил, ҳуқуқ ба моликият ва ғайра ба таври возеҳ дарҷ гардидааст.

Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлол гардидан, санадҳои меъёрию ҳуқуқии зиёдеро дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон қабул намуда, эъломияву паймонҳои байналмилалиро дар ин самт эътироф ва мавриди амал қарор додааст. Бовари комил дорем, ки Ҳукумати мамлакат ва мардуми Тоҷикистон ба сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ эътимоди комил доранд ва ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро мебояд барои ҳимояи ҳуқуқҳояшон худ низ ташаббус нишон диҳанд.

## ДУРАНДЕШ БОШЕМ!

*Сайлигули ЮСУФ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи омӯзгорӣ*



Яке аз масъалаҳое, ки ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, масъалаи терроризм ва экстремизм мебошад. Шахсоне, ки намедонанд дин чист, ватан чист, модар кист ин гуна шахсон аз дини поки ислом истифода бурда, ҷавононро гумроҳ мекунанд. Онҳоро бо суханҳои исломӣ ба доми худ меафтонанд, ки онҳо даст ба куштор мезананд, номи поки исломро доғдор мекунанд ва "ҷиҳод" гуфта, дилашонро таскин медиҳанд. Ин гурӯҳҳои тафриқаандоз дар як қатор мамлакатҳои хориҷа, аз ҷумла Ироқ,Сурия, Либия, Яман, Афғонистон ва ғайраҳо ба амалҳои нопок даст зада, бесару сомониҳои зиёдеро ба амал меоранд, ки аз ин амали онҳо ҳазорон мардумон аз зиндагии осудаҳолона маҳрум мешаванд, ҳазорон хонаҳо вайрон мешаванд, ҳазорон кӯдакон ятим мемонанд ва аз ҳама бад дар дили падару модар доғи фарзанд мемонад. Магар куштани модар ҷиҳод аст?

Насли калонсол вазифадор ҳастанд, ки ба ҳар як ҷавон масъулияти ҷиддӣ доштанашро фаҳмонанд, ки бояд ба қадру қимати ватану миллат расанд. Мо ҷавонон бояд шукргузори ватани ободу осоишта карда, фиребгари гурӯҳҳои иртиҷоӣ нагардем.

## АДАБ ҲУСНИ ИНСОН АСТ!

*Суҳроб ТОШБУЛАТОВ, донишҷӯи соли 3-юми факултаи молиявию иқтисодӣ*



Адаб бузургтарин нишонаи инсони комил, дурахшонтарин ва арзандатарин пояи зиндагист. Он тоҷи бузургест, ки ҳамаро сазовору лоиқ нест. Шахси боадабро ҳамагон ҳамчун шахси оқилу фарзона пешвою баландҳиммат ва намунаи ибрати дигарон мешиносанд. Шахси боадаб дар ҳама ҷо соҳибиззат аст. Як шахси боадаб бар сад нафар беадаб пирӯз меояд, мисли он ки торикии шабро нури рӯз маҳв мекунад.

Адаб аст, ки инсон бузургро аз пастинатон, нокасонро аз хирадмандон ва аблаҳонро аз фозилону донишмандон тафовут мебахшад. Адаб аст, ки чун нуре ҷаҳонро равшанӣ мебахшад, ки касеро сазовор гардида, ҷомеаро солиму намунаи ибрат мегардонад.

Шахси дорои одобу маърифат ҳеҷ гоҳ дар зиндагӣ дар намемонад. Адаб дар анҷуман шамъест фурӯзон, ки далели покизагии мост. Адаб дараҷаи баланди маърифатнокии касро нишон медиҳад. Вазифаи ҳар як шахси солимфикр аз он иборат аст, ки атрофиён ва фарзандони худро дар рӯҳияи бузурги маърифатнокӣ ва худшиносию худогоҳӣ тарбият намояд, то онҳо суратпараст нею сиратпараст ба камол бирасанд, то оянда ҷомеаи солим гарданд.

## МОДАР-МЕҲРУБОНТАРИН ШАХС

*Идимоҳ ҲАКИМОВА, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*



Ту дурахшонтарин ситора ҳастӣ, ки ман дорам, вале намедонам то куҷои дунё метавонам аз меҳрубониҳои ту бинависам. Ту бо манию ман бехабар аз худ. Чӣ гуна васфат кунам, модаҷонам, ки ман хобу ту бедор, ман хобу ту дар фикри дунёи манӣ. Садои ту ошнотарин каломест, ки мешиносам. Модар, ту рӯҳи тамоми шеърҳои ошиқонаӣ.

Эй фариштаи руйизамин, эй олиҳаи зебой маро ба дунёи ҳастӣ офаридӣ ва бо навозишҳои гарму саршор аз меҳру муҳаббат, ишқу садоқат ба ростию ростпарварӣ ҳидоят намудӣ. Худо ба ту қудрате ато намудааст, ки офарандаи зиндагӣ ва чароғи ҳар хонадон бошӣ. Модар, эй офарандаи ҳаёт, тарбиятгари наслҳо, сарчашмаи хушкнашаванда ва пурмасъулият ҳастӣ.

Модарҷон, дуо кунед, ки бароят фарзанде бошам, то ба қадри ҳама машаққатҳо, сӯхтану нахуфтанҳо, бедории шабҳои тор, он лаҳзаҳое, ки сари ман ба дард меомаду шумо ба ҷои ман бедорхобӣ мекашидед, расида бошам.

## МЕҲРУБОНЕ ДАР ҶАҲОН ДОРАМ...

*Гулнамо НУРОВА, донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*

**Меҳрубоне дар ҷаҳон дорам, ки номаш модар аст,**
**Қаҳрамоне дар ҷаҳон дорам, ки номаш модар аст.**
**Аввалин рафтору гуфторам бувад аз дасти ӯ,**
**Нуқтадоне дар ҷаҳон дорам, ки номаш модар аст.**

Бале, модар меҳрубонтарин ва пурқиматтарин неъмати рӯи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз меёбад. Модар сарчашмаи меҳру вафо, олиҳаи зебой, рамзи ишқи ҷовидонӣ, нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд мебошад. Зеро тору пуди модарон аз риштаи меҳру муҳаббат бофта шудааст. Худованд ба Зан-Модар қудрате ато намудааст, ки офарандаи зиндагӣ ва чароғи ҳар хонадон бошад.

Беҳуда нагуфтаанд, ки "Биҳишт зери қудуми модарон аст". Оре! Пайғамбари ислом биҳиштро зери қадамҳои модарон гуфта, меҳри саршор аз муҳаббати гарми модарро бо файзу раҳмати Худованд баробар дониста аст. Аз ин ҷост, ки мо вуҷуди муқаддаси модарро аз аввалин лаҳзаҳои ҳаёт то дами вопасин фаромӯш намекунем ва ӯ ҳангоми шодию нишот ва ғаму андӯҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамроҳи мост.

Модар! Ту он чашмаи ҷӯшони ҳаётӣ, ки ҳастии моро аз файзи худ шодоб мегардонӣ. Ту он моҳи дурахшонӣ, ки бо нури меҳрборат шабҳои тираю торики моро равшан месозӣ. Офтоб аз лабханди ту тулӯъ мекунад ва баҳор бо гулҳои рангинаш дар домони поки ту мешукуфад. Абр аз шавқи ту меборад ва дарё бо ишқи ту мавҷ мезанад.

## АФСУРДАГӢ ВА САБАБҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

*Нилгуна ҲАСАНЗОДА, донишҷӯи соли 3-юми факултаи химия, биология ва география*



Инсон баъзан аз бисёр мондашавии асаб ба беморӣ гирифтор мешавад, ки онро "депрессия" меноманд. Депрессияро ба забони тоҷикӣ афсурдаҳолӣ ё рӯҳафтодагӣ меноманд. Кори доимии эҷодии беистироҳат, бисёрфикрунӣ, таъсири муҳити атроф, ифлосии ҳаво, камхунӣ яке аз сабабҳои гирифторшавии афсурдаҳолӣ мегардад. Инчунин шахсони рӯҳан заиф ва ноустувор, шахсоне, ки зарбу лат хурдаанд ва майзадагон ба осонӣ гирифтори ин беморӣ мегарданд. Дар ин ҳолат одам хело беҳол, бемадор, зудранҷ, хотирпарешон, гум шудани шавқу ҳавас, ғами гарон ва хатто то дараҷае мерасанд, ки дар инсон хоҳиши марг пайдо мешавад.

Яке аз сабаби асосии пайдошавии афсурдаҳолӣ вайроншавии гардиши хун дар мағзи сар мебошад, ки боиси пайдошавии дарди сар мегардад. Одамон ҳангоми пайдошавии дарди сар меҳоҳанд бо истифода аз дорӯҳои гуногун онро рафъ намоянд. Бояд қайд кард, ки дарди сар метавонад дар шаклҳои гуногун низ вуҷуд дошта бошад, ки шасту ҳафт намудаш маълум мебошад ва яке аз масъалаи муҳим дар тамоми дунё ба ҳисоб меравад. Шахсоне, ки ба илми равонпизишкӣ шинос нестанд, афсурдаҳолиро нарасидани витаминнокии аввали баҳор медонанд. Нафароне, ки дар ҳолати афсурдаҳолӣ ҳастанд, метавонанд, пас аз фаъолияти корӣ дар ҳавои тоза сайру гашт карда, ҳангоми кор, албатта миёни кор фосила пайдо намуда, то андаке худро аз шуғл дур намоянд. Агар имконият дошта бошанд, афшурдаи мева ё оби ташнашиканро нушида, ҳамчунин бо кӯдакон ягон бозии кӯдакона гузаронанд ва бо ин васила метавонанд вақти худро хуш намоянд.

## ҶОНФИДОИ МИЛЛАТ

*Баҳром ШУКУРОВ, донишҷӯи соли 4-уми факултаи филологияи тоҷик ва журналистика*



Раҳбаре, ки дилсузи халқу миллати худ нисбат ба мардум меҳрубону дарди дили халқро дарди худ ҳис мекунад, сазовори иззату эҳтироми омма мегардад, ба мурoду мақсад мерасад, писанду азизу хурду калон мегардад.

Хурсандиовар аст, ки чунин роҳбари оқилу доно, марди фозилу хайрхоҳ, адолатпарвару ҳақҷӯ, мардумдӯсдор насиби миллати тоҷбарсар гаштааст. Ва мардум аз ин доди Худовандӣ мефахранду мефаҳманд. Ин марди оқилу доно талош ба он дорад, ки мардумаш ободу осуда ва давлаташ пешрафта бошад. Имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ мешиносанду пешниҳодҳои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул ва эътироф доранд. Басо рамзист, ки парчами давлати мо дар шаҳрҳои як аз созмонҳои бонуфӯз Созмони Милали Муттаҳид афрохта шудаю шеъри Шайх Саъдӣ аҳли сайёраро ба муттаҳидию сарҷамъӣ даъват менамояд.

Миллати тоҷик аз қадимулайём дорои таърихи фарҳанги бойю ғанӣ буда, ҳамчун миллати сулҳдӯст, саховатпеша эътироф гардида, бо Ибни Синою Шайх Саъдӣ, Ҳофизу Бедил, Хайёму даҳҳои дигар мешиносанд...

Мақсади банда рӯи авроқи сафед овардани ин навиштаҳо дар он аст, ки то наврасу ҷавонони мо донанд, ки имрӯз мо Пешвое дорем, ки миллати тоҷик, бузургони моро дар арсаи байналмилалӣ ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд.

Ҳамасола баҳри рушду нумӯъи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва зиндагии шоистаи мардум Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ироа мегардад, ки онро кулли сокинони кишвар, хурду бузург бесаброна интизорӣ мекашанд. Паём раҳнамои миллат аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонӣ, ки Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2012 ба донишҷӯи соли 4-юми факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ (шуъбаи ғоибона) Абдуллоев Фарҳод Саъдуллоевич додааст, бинобар сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

*Ба ман боист ёр аз дигарон наздиктар бошад,*
*Агар наздик мегардид ёр аз дур диданҳо.* Соиб



# 4 НАМУДИ АҶИБИ АНДОЗ



Маҷаллаи "Форбс" рӯйхати андозҳои ғайриодиеро пешниҳод кард, ки воқеан ҷолиби диққатанд. Таваҷҷуҳ кунед:

1. Бо вуҷуди вазъи орому осудаи Гвинея, сокинон барои сулҳ андоз месупуранд.

2. Сайёҳоне, ки ба ҷазираи Болеарии Испания сафар мекунанд, муваззафанд ҳар рӯз барои офтобхӯрӣ 1 евро пардохт намоянд.

3. Агар раваду даст ё пойи сайёҳони лижарони Австрия шиканад, танҳо пас аз супурдани андози махсус духтур онҳоро гаҷбандӣ (гипс) мекунад.

4. Барои коҳиш додани дарахтбурӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қонуне қабул шуд, ки мувофиқи он барои ҳар ҷуфти чӯбчаи хӯрокхӯрӣ аз шаҳрвандон ба андозаи 5 дарсади арзиши он андоз ситонда мешавад.

# РӮЗИ МАРДОН ДАР КУҶО КАЙ ТАҶЛИЛ МЕШАВАД?

23 феврал ҳамчун Рӯзи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ дар миёни собиқ давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо дар Россия ва Тоҷикистон таҷлил мешавад. Азбаски дар Россия ва кишвари мо мансуб ба мардон дигар ҷашне вуҷуд надорад, 23 февралро иди мардон - ҳомиёни Ватан медонанд. Вале, аҷиб ин аст, ки дар бисёре аз кишварҳои олам Рӯзи мардон расман таҷлил мегардад. Ба унвони мисол Рӯзи байналмилалии мардон 19 ноябр дар ИМА, Британиёи Кабир, Австралия, Ҳиндустон, Маҷористон, Ирландия, Малта, Тринидад ва Тобаго, Гана, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Сингапур ва Ямайка ҷашн гирифта мешавад. Ҳамчунин, дар Канада, ИМА, Аргентина ва Фаронса Рӯзи падарро, ки аллакай бисёриҳо онро дӯст медоранд, якшанбеи сеюми моҳи июн таҷлил мекунанд. Ин рӯз




дар кишварҳои Британияи Кабир, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Куба, Туркия ва Ҷопон низ чун рӯзи муҳиму шоиста дониста шудааст, вале, ҷашнгирии он 3 март сурат мегирад.

***Матн аз http://jumhuriyat.tj/***

# ОЛИМЕ, КИ АЗ 1 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ДАСТ КАШИД



Дар замони мо ҳам касоне ҳастанд, ки ҳаёташон афсонаи орифонаро мемонад. Аз ҷумла, гӯшанишинӣ, аз халқ канора ҷӯстан, ба молу мулки дунё беэътино будан ва либосҳои фақирона хоси онҳост. Масалан, математики маъруфи рус Григорий Перелман, ки ҳанӯз ҳам дар танаш костюми замони шӯравист, имкон дошт аз ҳисоби бо теоремаи худ ҳал намудани яке аз муаммоҳои ҳазорсола сарватманд шавад. Вале аз ин кор худдорӣ кард. Воқеан, ба "Ҳазорсола" 7 масъалаи ҷаҳонӣ ворид мешавад, ки ба ҳар яке 1 миллион долларӣ мукофот ҷудо шудааст ва он дар Пажӯҳишгоҳи математикаи Клэя баррасӣ мешавад. Вақте Перелман яке аз масъалаҳоро ҳал кард, аз гирифтани миллион доллар даст кашид. Ҳатто рӯзи ҷоизасупорӣ, ки дар шаҳри Мадрид бо иштироки шаҳзодаи Испания мегузарад, ҳозир нашуд ва ҳамаро дар ҳайрат гузошт.

Ӯ ин муамморо тавассути гипотезаи Пуанкаре солҳо қабл ҳал карда буд. Барои ин соли 2006 ба Перелман "Медали Филдс", яке аз мукофоти сатҳи олиро, ки бо Нобел паҳлу мезанад, тақдим доштанд. Аммо онро ҳам рад кард.

Перелман ҳоло бо модари бемораш дар Санкт - Петербург, дар бинои кӯҳнае ба сар мебарад ва гоҳ - гоҳ барои харид берун мебарояд. Берун шудани ӯро рӯзноманигорону мухлисони дохиливу хориҷӣ ҳафтаҳо мунтазир мешаванд. Чун баромад, саволборон мекунанд, то аз сад суол ба якеаш раҳораҳ ақаллан ҷавоби кӯтоҳ бигиранд.

*- Аз қарзҳо раҳо ёфтану нафаси сабук гирифтанро хеле боз орзу менамудам, - гуфт хонум Кларксон. - Хушбахтам, ки ба орзуям расидам.*

# ЭТЕЛ КЛАРКСОН - ЗАНЕ, КИ ДАР ЯК РӮЗ МИЛЛИОНЕР ШУД




Хонум Этел Кларксон, сокини шаҳри Реджайни Канада, дар омади гап ба набераaш аз ҳолати бади молиявиаш шикоят карда, мегӯяд: "Кошки ба ӯ касе лотереяе туҳфа менамуд, ки пули зиёде бурд кунад". Дили набераaш ба Кларксон месӯзаду дар рӯзи таваллудаш ба ӯ як адад лотерея туҳфа менамояд. Кампир лутфи набераашро бо хушнудӣ пазируфт, аммо бовар надошт, ки соҳиби бурд мешавад.

Лотерея ва орзуи ба он вобастаашро зуд фаромӯш месозад. Вале, ҳангоме ки тавассути телевизион аз бурдҳои лотереяӣ хабар медиҳанд, туҳфаи набераaш ба ёдаш мерасад. Рақамҳои онро бо рамзи бурди асосӣ муқоиса намуда, қариб ки ҳуш аз сараш парад: ӯ соҳиби як миллион доллар шудааст.

- Аз қарзҳо раҳо ёфтану нафаси сабук гирифтанро хеле боз орзу менамудам, - гуфт хонум Кларксон. - Хушбахтам, ки ба орзуям расидам.

# КИТОБИ КАЛОНТАРИН ВА ХУРДТАРИН

Китоби аз ҳама калонтарин соли 1976 дар шаҳри Денвери ИМА интишор ёфт. Ҳаҷмаш 2 метру 74 сантиметр, бараш 3 метр ва вазнаш 252 килограммро ташкил медод ва номаш "Суперкитоб" (Супербук) буд.

Китоби аз ҳама хурдтарин соли 1978 дар Шотландия чоп шуд, ки ҳаҷми он 2,1 миллиметр мебошад. Дар понздаҳ саҳифаи хурди он сурудаҳои қадимии шотландӣ сабт шудаанд.



# БО 3D-ПРИНТЕР ДЕҲА МЕСОЗАНД




Тарроҳ Яваш Беҳар аз нақшаи сохтмони деҳае хабар дод, ки бори аввал тариқи 3D принтер чоп мешавад.

Мувофиқи пешгӯиҳо, он дар Амрикои Лотинӣ сохта шуда, барои дастгирии оилаҳои камбизоати ин минтақа пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи деҳаи азим тариқи чопи 3D бо нияти хайр пешниҳод гардид. Беҳар мегӯяд, ки қарори нақшабандии системаи азим бо назардошти барномаҳои гуногун ва ба ҳисоб гирифтани шароити иқлиму вазъи оилаҳо қабул шудааст.

Чопи 3D намои воқеии деҳаи минбаъдаро пешорӯи бинанда ҷилвагар намуда, макети барқади лоиҳаи декоратсияҳои театриро ба ёд меорад.

***https://navju.tj***

# АКСҲОИ ГӮЁ







*Миёни нуру зулмат илтиёме нест ҳайронам,*
*Ки чун пайваст ҷони осмонӣ бо заминиҳо.* Соиб



## ҒОЛИБИ КРОССВОРД МУАЙЯН ШУД!

Ба кроссворди шумораи гузашта 4 нафар хонанда ҷавоб пешниҳод кард: Каримзода Ҳисайн (19.10.2019, соати 08:08, бехато), Сафаралиев Лутфулло (21.10.2019, соати 09:55, 1 хато), Бойматов Дилшод (21.10.2019, соати 12:41, 12 хато), Мадасани Азизмад (21.10.2019, соати 14:55, 6 хато)

Чунон ки аз таърихи рӯз ва соатҳои пешниҳоди ҷавобҳо мебинед, Каримзода Ҳисайн кроссвордро бо ҷавобҳои дуруст пеш аз ҳама пешниҳод кардааст. Ғолиб Каримзода Ҳисайн мебошад!

Хонандае, ки ҷавобҳои худро аз назар гузаронидан мехоҳад, метавонад ба идораи рӯзнома ташриф биоварад. Мӯҳлати қабули ҷавобҳои кроссворди мазкур то 7.11.2019 муайян шудааст.

Номи Юсуф дар Миср
Кӯҳи вулқондор дар Ҷопон
Тавре ки, … мегӯянд
Мактаби олии мусиқӣ
Илм дар бораи тортанак
Унвони ҳокими шаҳр дар Аврупо
Хиратоб
Чӣ гуна, чӣ тавр
Миёнбанди хар
Шаҳр дар Қазоқистон
Кӯҳҳо дар Амрикои Ҷанубӣ
Сайф Раҳимзод …, нависанда
Баргҳои дохили шӯрбо
Асбоби чӯббурӣ
Амонӣ, осоиш
Чиз, мол
Шаҳр дар Гурҷистон
Жанри бадеии театрӣ
Мавҷудоти афсонавӣ
Қалами рангаш обакӣ
Пойтахти Перу
Аҷал
Гапногир, сартоб
Нафас
Номи мардона, «сипосгузоранда»
Нақлкунанда, гӯянда
"...бонк"
Дарё дар Қазоқистон ва Русия
Тӯби аз майдон беруншуда
Фармон, ҳукм
Ҷунбиш
Қисми шасти моҳигир
Сокини таҳҷоии Норвегия
«… ҷӯи Мулиён ояд ҳаме»
Намоиши эстрадӣ ё телевизионӣ
Русӣ – «стой», англ.- «stop», тоҷикӣ - ?
Шаби қадр дар моҳи Рамазон
Романи “Мартин...”-и Ҷ.Лондон
Дастгоҳи ордкунанда
Паррандаи шабгард
Корманди суд
Замон
Ширкати алоқаи мобилӣ
Ҳамсари Пак дар афсона
Дармонгоҳ
Шаҳр -истироҳатгоҳ дар Швейтсария
Ченаки дарозии англисӣ
Ранг
Таъна, маломат
Тамғаи намаки майда
Ёр аҳл бошад, кор … мешавад
Оби даҳон
Мутобиқкунӣ
Юрист
… Чавес, собиқ президенти Венесуэла
Боварии кас ба Оллоҳ
Тайёр, омода
Номи пешинаи ноҳ. Спитамен
Гурӯҳ, фирқа
Дигаргунӣ, табаддул
Стивен ..., актёри Голливуд
Моҳии Шарқи Дур
Ҳавои беҳад сард
Баланддарача, соҳиби ифтихор, обрӯ
Олими илми ҳисоб, инженер
Пойтахти Норвегия
Сангрезаи хокамонанд
Муассиса ва бинои консертӣ









### Ҷавобҳои кроссворди шумораи № 13 (295) аз 17.10.2019

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | С | А | Х | О | П | Е | Ш | А | | Н | А | В | О | М | У | З | | |
| М | | | | | | | | У | | | Л | | | | | | | | Х |
| О | | | | | | | Д | О | С | Т | О | Н | | | | | | | Е |
| Л | | | | | | | О | | | А | | О | | | | | | | Ш |
| Д | | | | | | | Я | М | А | Н | | О | | | | | | | Т |
| О | | | | | | | | У | | Г | У | Ш | | | | | | | А |
| В | | | | | | | | С | У | К | | Н | | | | | | | Н |
| А | С | П | А | К | Б | О | З | И | | У | М | О | Ч | | | | Р | Э | П |
| | А | | Л | | У | | | Ч | О | Ч | | | И | К | О | Н | А | | А |
| | Р | | А | | Ҳ | О | Т | А | | А | Г | А | Н | О | | | С | У | Р |
| Б | О | С | Ф | О | Р | | | | | | | | | Ф | Л | О | Т | | А |
| | | П | | | О | | | | | | | | | | Я | | Р | О | С |
| Х | И | Р | М | А | Н | | | | | | | | | Т | О | Б | | | Т |
| У | | И | | Р | | | | | | | | | | А | | И | Р | С | И |
| Д | | Н | | О | | | | | | | | | | Т | Н | Т | | А | |
| С | А | Т | А | Н | А | | | | | | | | | | О | | | К | |
| А | | | | | Р | | | | | | | | | Г | И | Н | Н | Е | С |
| Ф | А | Ш | | Т | У | Р | Ф | А | | О | Б | И | Д | | | Е | | | А |
| Е | | У | | | С | | И | | А | | О | | И | | | М | А | Р | Ғ |
| Д | | Ш | А | Р | И | А | Т | | Б | О | Р | О | Д | И | Н | О | | | Е |
| К | | | | | | | Н | О | Р | | Н | | | | | | | | Р |
| У | | | | | | | А | | У | | Е | | | | | | | | А |
| Н | | | | | | | А | | | Н | О | К | | | | | | | М |
| И | | | | | | | Н | А | С | А | | О | | | | | | | О |
| | | | | | | | Г | | | Ғ | У | Н | | | | | | | Н |
| | | | | | | | Е | Л | И | М | | Г | | | | | | | Д |
| П | О | Й | А | Н | Д | О | З | | | А | М | О | Н | К | У | Л | О | В | А |

## ДИҚҚАТ!

**ХОНАНДАЕ, КИ ПЕШ АЗ ҲАМА КРОССВОРДРО БЕХАТО ПУР КАРДА, БА ИДОРАИ РӮЗНОМА ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, БО МУКОФОТИ ПУЛӢ ДАР ҲАҶМИ 200 СОМОНӢ ҚАДРДОНӢ КАРДА МЕШАВАД.**

# СУХАНИ МОНДАГОР



*Конфутсий*

*Дар зиндагӣ инсон се роҳ дорад: Роҳи аввал аз андеша мегузарад, - ин волотарин роҳ аст. Роҳи дуввум аз тақлид мегузарад, - ин осонтарин роҳ аст. Роҳи севвум аз таҷриба мегузарад, - ин талхтарин роҳ аст.*

## НАСИҲАТИ ЭЙНШТЕЙН БА ОМӮЗГОРОН

***Алберт Эйнштейн***

Ман 20 сол муаллимӣ кардам ва тавсияам барои омӯзгорони ҷавон ин аст:

- Ҳеҷ гоҳ дафтари ҳозиру ғоиб надоштам, чунки синф бояд онқадар ҷаззоб бошад, ки бидуни дафтари ҳозиру ғоиб шогирдат ба дарс биёяд;

- Ҳеҷ гоҳ саъй накардаам синфамро ғамгин ва афсурда нигаҳ дорам, чунки синф хонаи дуввуми шогирд аст;

- Ҳар шогирде, ки дер омад, дар синф роҳаш додам, чунки медонистам агар 10 дақиқа ҳам ба синф биёяд, эҳсоси масъулият кардааст;

- Ҳеҷ гоҳ беш аз ду бор ҳарфҳоямро такрор накардаам, чунки онқадар ҷаззоб дарс мегуфтам, ки ҳеҷ кас намегуфт, ки бори саввум такрор кунед;

- Ҳеҷ гоҳ 90 дақиқа дарс надодаам, чунки медонистам зарфияти шогирди мутавассит, камҳуш ва боҳуш бо ҳам фарқ доранд;

- Ҳеҷ гоҳ шогирдеро ҷаримаи нақдӣ накардаам, чунки медонистам бачаи мустазъаф (заиф, нотавон) бошад ё ятим;

- Ҳеҷ гоҳ шогирдеро дар дафтар (идора) мунтазир накардаам, чунки медонистам дар дафтар истодан шикасти ғурури шогирд аст;

- Ҳеҷ гоҳ танбеҳи инфиродӣ накардаам, балки гуруҳӣ танбеҳ кардаам, чунки медонистам танбеҳи гуруҳӣ ҷанбаи саршармӣ дорад, вале танбеҳи инфиродӣ ғурурро мешиканад;



- Ҳамеша ва доим шогирдро наздики то бо тахта ва рӯйи синф омаданро меомӯзондам. Ва аз онҳо ҳамеша саволҳоеро мекардам, ки мутмаин будам ҷавобашро медонанд, чунки медонистам куҷояшро намедонанд, намепурсидам.

## П А Й Ғ О М



Рӯзи 10-уми октябри соли 2019 саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ АЗИМОВ САИДИБРОҲИМ ДАВЛАТОВИЧ дар мавзӯи "Разработка и исследование разностных моделей для биологических популяции региональных заповедников с учетом временных, воростных и пространственных распределений" (биологическая система "Дашти-Джум") аз рӯи ихтисоси "05.13.18-Математическое моднлирование, численные методы и комплексы программ" зери роҳбарии доктори илмҳои физика ва математика, профессор, Юнусӣ Маҳмадюсуф Қамарзода рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ намуд.

ХХХХ



Рӯзи 26-уми октябри соли 2019 саромӯзгори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Комилов Низомиддин Бегаҳмадович дар мавзӯи "Такмили механизми танзими давлатии истифодаи захираҳои заминҳои кишоварзӣ" (дар мисоли минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) аз рӯи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) зери роҳбарии номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шералиев Эмомалӣ Нуралиевич рисолаи номзадиашро бо муваффақият дифоъ намуд.

Раёсати Донишгоҳ ба муҳаққиқон ва роҳбарони илмиашон ин комёбиро сидқан таҳният гуфта, дар корҳои минбаъдаи илмӣ-тадқиқотиашон муваффақиятҳои нав ба навро таманно менамояд.

## СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи ноябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок барояшон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои беназирро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. РАҲМАТОВ УМЕД, 01.11.1983, ассисенти кафедраи назарияи иқтисодӣ;
2. НАЗАРОВ ШОДӢ, 01.11.1993, нозири тестӣ;
3. СИРОҶИДДИНИ ДАВЛАТАЛӢ, 01.11.1991, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
4. МУРОДОВ АМИРАЛӢ, 02.11.1953, ҷонишин декан оид ба таълими ғоибонаи факултаи омӯзгорӣ;
5. ОДИНАЕВА СИТОРА, 03.11.1984, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ (35-солагӣ муборак бошад!);
6. БАХТОВАРИ АНВАР, 04.11.1991, ассистенти кафедраи география ва сайёҳӣ;
7. САИДОВА МАЛИКА, 04.11.1961, ассистенти кафедраи химия ва биология;
8. ИСМОИЛОВА МУБОРАК, 04.11.1963, ассистенти кафедраи химия ва биология
9. ПИРАКОВ НАСИБА, 05.11.1988, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
10. ХУДОЁРОВ ҚУРБОН, 05.11.1946, муаллими калони кафедраи химия ва биология;
11. САЙДАЛИЕВ АБДУЛАЗИЗ, 05.11.1948, саромӯзгори кафедраи физика математика таълими он ва технологияи материалҳо;
12. ШЕРОВА ИДИГУЛ, 05.11.1972, лаборанти кафедраи география ва сайёҳӣ;
14. ГУЛОВ РУСТАМ, 07.11.1981, сардори Раёсати тарбия;
15. РАҲИМОВА САВРОНБӢ, 08.11.1945, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои ҳозираи рус;
16. ЛОИҚОВ ХУШҚАДАМ, 08.11.1994, мутахассиси Раёсати илм ва инноватсия (25-солагӣ муборак бошад!);
17. РАҲИМОВА САРВИНОЗ, 09.11.1992, ассистенти кафедраи илмҳои компютерӣ;
18. УСМОНОВ СОРБОН, 09.11.1994, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ (25-солагӣ муборак бошад!);
19. КЕНҶАЕВА ОЗОДА, 11.11.1964, саромӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ бо методикаи таълими он (55-солагӣ муборак бошад!);
20. ҚУРБОНАЛИИ САИД, 11.11.1992, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва матодикаи таълими он;
21. НАЗАРОВА РУХШОНА, 12.11.1981, ассистенти кафедраи забони русӣ;
22. ҚУРБОНОВ НЕКРӮЗ, 13.11.1992, ассисенти кафедраи иқтисод ва идора;
23. АМИРОВ ФАЙЗУЛЛОХУҶА, 13.11.1965, саромӯзгори кафедраи фалсафа;
24. ШАМШОДИ ҶАМШЕД, 14.11.1993, сармутахассиси Раёсати илм ва инноватсия;
25. РАФИЕВ САФАРХОН, 14.11.1983, номзади илмҳои педагогӣ, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия;
26. АРБОБОВ ҶАМОЛИДДИН, 15.11.1960, посбон;
27. САФАРОВ ХОЛМАД, 16.11.1960, саромӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷик;
28. НУРМАТОВ НЕЪМАТУЛЛО, 17.11.1989 ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ (30-солагӣ муборак бошад!);
29. РАҲИМОВА ҚУРБОНБӢ, 17.11.1978, ассистенти кафедраи иқтисод ва идора;
30. ДАВЛАҲМАДОВА ОБИДАМО, 18.11.1976, фаррош;
31. АЗИМОВ САИДИБРОҲИМ, 19.11.1985, саромӯзгори кафедраи илмҳои компютерӣ;
32. УЗБЕКОВА САНИФАМО, 20.11.1962, китобдори китобхонаи донишгоҳ;
33. ЛАТИФОВ ПАРВИЗ, 21.11.1984, сардори маркази ТИК ((35-солагӣ муборак бошад!));
34. МИРЗОЕВА БУНАФША, 22.11.1974, ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ (45-солагӣ муборак бошад!);
35. ШАҲНОЗАИ ҒОИБ, 22.11.1991, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ;
36. РАСУЛОВА ЛУТФИЯ, 22.11.1988, номзади илмҳои иқтисодӣ, саромӯзгори кафедраи иқтисоди корхона ва соҳибкорӣ;
37. САЙДАМИРОВА МУҚАДДАС, 22.11.1955, саромӯзгори кафедраи забонҳои хориҷӣ;
38. АБДУЛЛОЕВ НАСРУЛЛО, 24.11.1986, номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи фалсафа;
39. ЛУҚМОНОВА НИГИНА, 24. 11.1961, фаррош;
40. РАҲМАТОВА РАЙҲОНГУЛ, 25.11.1970, ассистенти кафедраи физика, матодикаи таълими он ва технологияи материалҳо;
41. ҲУСЕЙНЗОДА АМИНҶОН, 26.11.1986, декани факултаи таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ;
42. БОБОЕВА ТАБАССУМ, 27.11.1987, коргузори кафедраи назарияи иқтисодӣ;
43. ГУЛОВ САТТОР, 28.11.1962, мусоҳиби шуъбаи ҳисоб;
44. ВАТАНОВА ГУЛ, 30.11.1969, фаррош (50-солагӣ муборак бошад!);

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ
АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
АБДУЛЛО ҲАБИБУЛЛО, доктори илмҳои физика ва математика, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
КАРИМОВ САМАРИДДИН, доктори илмҳои химия, профессор, узви пайвастаи АМТ
ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, доктори илмҳои фалсафа, профессор
ҶУМЪАХОН АЛИМӢ, доктори илмҳои филологӣ, профессор
ХОЛИҚОВ САФАР, номзади илмҳои химия
ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент
ҒУЛОМОВ ИСЛОМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор
АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД, доктори илмҳои таърих, профессор
МИРЗОЕВ САЛИМ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор
ЗАФАР МИРЗОЁН, ховаршинос, профессори фахрии донишгоҳ

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО

КОТИБИ МАСЪУЛ:
ГАДОМАД ЗУЛФИЕВ

САҲИФАБАНД:
МУНИСА КАРИМОВА

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба ухдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ “Мега-принт” ба табъ расидааст. Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №030/РЗ-97, 30.08.2017 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15, мобилӣ: 985-16-75-69; 981-00-02-19